

Дар

## Озарахш

# Девони ишқ

(Ғазалиёт)

Эй назари баланди ту ҳамсухани ситораҳо,
Суҳбати хосаат ба чашм аз чамани назораҳо.

Маърифати баҳорро нози ту ноздона кард,
Пардаи сози гул ба бар, пираҳан аз нигораҳо.

Сунбулу сарв ин нафас лаззати ишқ мебаранд,
Атри насим мекашад ёсумани ишораҳо.

Даст ба дасту дил ба дил, сина ба сина, ҷон ба ҷон,
Бӯса аланга мезанад дар шикани шарораҳо.

Оҳ... нафас намерасад, ҷои тапиданат куҷост?
Пои пиёда медавам дар ватани савораҳо...

Ҳарф ба ҳарфи Озарахш шеваи гуфтугӯи туст,
Хостани чакомаҳо, рехтани ибораҳо....

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дар дилам бозорҳо, дар дидаам озорҳо,
Боз ҳарфе  мезанам аз дафтари гулзорҳо.

Санги сарро аз гулистони биҳишт овардаам,
Неш бар худ мезананд он хорҳову морҳо...

Зиндагӣ дасту забони бениёзам додааст,
То ба номи ёр ширин мекунам гуфторҳо

Мӯқалам аз сояи миҷгони ҷонон ёфтам,
Гарми нози нозанинчашмест ин осорҳо.

Ҳар куҷо дорам назар, нури ҷамоли дилбараст,
Акси ӯро дидаам рӯи дару деворҳо.

Эй хуш он рӯзе, ки оҳангу сурудам додаанд,
Ҳам чунон ширу шакар дар косаи дидорҳо.

Озарахш, овозаи ишқам хати мастур нест,
Розҳо фошанд дар ойинаи пиндорҳо.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хоксорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо,
Бандаворӣ кард модар пеши даргоҳи Худо.

Чун ниёзаш ҷоннисорӣ буд аз рӯзи азал,
Ҷоннисорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо.

Дар Сари Хирман нишасту аз сари олам гузашт,
Сарсупорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо.

Ҳар нафас ҳақ гуфту ҳақро бар кафи ҳақдор дод,
Ҳақгузорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо.

Сад ҷаҳон умеди ҷонпарвардро бар хок бурд,
Бурдборӣ кард модар пеши даргоҳи Худо.

Дӯст буду дӯст омад, дӯст монду дӯст рафт,
Дӯстдорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо

Ман яқин дорам, барои бахти фарзандони хеш,
Боз зорӣ кард модар пеши даргоҳи Худо…

Озарахш, аз сабзаи хокаш расид ин ҳарфи сабз,
Зикри ёрӣ кард модар пеши даргоҳи Худо!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дар олами сангиндилу бемеҳру мудоро,
Шоир ба чӣ кор ояду шеъраш ба чӣ коро?!

Ку гӯш, ки оҳанги писанде бишиносад?
Ку шавқ, ки девона кунад синаи моро?!

Ҳангомафурӯшон сари бозори замонанд,
Афсонаашон номи  Самарқанду Бухоро

Аммо чӣ Самарқанд, агар қанд набошад?
Аммо чӣ Бухоро, ба дили  санги чу хоро?!

Бағдоду Димишқ аз назари дину дил афтод,
Дар кишвари нафсанд мусалмону насоро!

Он кӯдаки афғон, ки бизоданд дами ҷанг,
Пирона суи сулҳ кашидаст асоро

Пайваста ба як ҳаста чӣ  Чин асту чӣ Мочин,
Афканда ба як варта чӣ шоҳу чӣ гадоро!

Бухрони самоиву заминии замона,
Афтода, ки бишнос ту худрову Худоро!

Моему шунидан ба ҳамон одати тифлӣ,
Афсонаи гургу бузаки ҷингилапоро...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дигарбора шабовез, дигарбора таманно,
Дигарбора сапеда, дигарбора тамошо…

Дигарбора тароват, дигарбора навозиш,
Дигарбора шукуфа, дигарбора таҷалло!

Дигарбора ҳама нур, дигарбора ҳама набз,
Дигарбора ҳамоҳанг, дигарбора ҳамово…

Дигарбора чакомак, дигарбора хамӯшӣ,
Дигарбора муҳаббат, дигарбора муаммо:

Дигарбора ману ту, дигарбора туву ман,
Дигарбора, дигарбора, дигарбора… фақат мо…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ёсумани сапеди ман, шоми маро саҳар намо!
Рӯзу шабам ба ҳам бизан, шамс намо, қамар намо!

Фурсатамон дақиқаест аз бари соати замон,
Ними нафас нафас бидам, ними назар назар намо!

Омаданат баҳорро хурраму тоза мекунад,
Боз баҳортар биё, хурраму тозатар намо!

Хонаи дидаву дилам манзили нози мақдамат,
Хоҳ ба дидагон нишин, хоҳ ба дил гузар намо…

Ҷони ҷаҳон ҷаҳони ту, шеваи парниёни ту,
Оҳ… ба лаҳни парниён ҷони маро хабар намо!

Тунги асал латофатат, кони шакар малоҳатат,
Коми маро асал бидеҳ ҳарфи маро шакар намо.

Бе ту ба ёди Озарахш шеъри дигар намерасад,
Боз дигар-дигар биё, боз дигар-дигар намо…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ёр баҳона мекунад садқа шавам баҳонаро!
Ними назар намекунад номаи ошиқонаро.

Гуфтамаш , эй назарбаланд, ин ҳама ноз аз куҷост?
Гуфт, зи дидаат бикаш айнаки ин замонаро.

Гуфтамаш аз замонаҳо меҳри туро харидаам,
Гуфт, ба мурғакон бигу қиссаи обу донаро.

Гуфтамаш, об гаштаам, гуфт, ки об равшанист,
Гуфтамаш, оби мурдаам! Гуфт бимон равонаро!

Гуфтамаш, аз барои ту дӯст шудам ба ахтарон,
Гуфт, ба нав шунидаем ин ғазалу таронаро?!

Гуфтамаш аз хаёли ту мурдани дил ҳақиқат аст,
Гуфт, ба номи поки хақ, тӯл мадеҳ фасонаро!

Гуфтамаш, аз чӣ Озарахш бе ту нафас намекашад?
Гуфт на ҳар ки мекашад лаззати човидонаро...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Сухан ба бод мебарад лаби суханфурӯшро,
Чаман ба дор мекашад гули чаманфурӯшро

Чӣ ҳикматест, эй Худо, зи домани шаҳу гадо
Кафан халос мекунад кафи кафанфурӯшро?!

Мақоми ҳуснро шинос, эй нигоҳи  носипос,
Ки бо хасе намехарад касе суманфурӯшро

Дар ин ҷаҳону он ҷаҳон диҳанд номае ниҳон,
Чӣ хештанпазирро, чӣ хештанфурӯшро!

Зи дарди ҷон наҷотбахш амон бубахшад, Озарахш,
Ватан ба хок медиҳад тани ватанфурӯшро…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Аз тарона то тарона ёфтам танҳо туро,
Ҳамтарона бо тарона ёфтам танҳо туро.

Бо ҷаҳони бекарона сохтам чун заррае,
Чун ҷаҳони бекарона ёфтам танҳо туро.

Худсарии ман дар олам худгарие буду бас,
Худсарона, худгарона ёфтам танҳо туро.

Дил ниҳодам дар рахе, маъво гирифтам дар диле,
Дилкашона, дилбарона ёфтам танҳо туро.

Гиря кардам, об гаштам, рехтам, дарё шудам,
Эй дурахши ховарона, ёфтам танҳо туро!

Рӯзу шабҳо нола кардам пеши даргоҳи Худо,
Нашъаи пайғамбарона ёфтам танҳо туро.

Шеър гуфтам дар ҳавоят бехабар аз ошиқӣ,
Ошиқона, шоирона ёфтам танҳо туро!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Тири ноҳақ пора кай созад дили ҳақҷӯйро?
Синаи афсонасози  тоири ҳақгӯйро!

Зиндагӣ дар пеши мардони Худо бечораast,
Ишқ  медонад, ки чист ин марги рӯёрӯйро!

Қатраи хуне, ки бар санги замон афтодааст,
Мекунад рангин хаёли чашмарову ҷӯйро.

Решаи садбарги боғи шоир андар оби чашм,
То қиёмат зинда медорад дили худрӯйро.

Дар Зарафшон дафтари Ҳиндустони дигарест,
Хомаи Бедил расида кӯҳрову кӯйро.

То Самарқанду Бухоро зарри холис мекашад,
Қад-қади  рӯди Зарафшон ошиқи заршӯйро.

Озарахш, аз Туғрали авҷи сухан бигрифтаам,
Бо дуъои Рӯдакӣ ин гулбуни хушбӯйро

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бе ту газалҳои дилам шево намеояд, биё!
Чун омаданҳои гулат зебо намеояд, биё!

Бе ту намеҷӯшад нафас бо зарби умеду ҳавас,
Савти садо гум мешавад, гӯё намеояд, биё!

Бе ту тапиш дар набз нест, ангези шарён сабз нест,
Ҳастӣ таманно мекунад, руъё намеояд, биё!

Бе ту ҷахон берангу бӯ, давру замон бегонарӯ,
Борон намеборад наво, дарё намеояд, биё!

Бе ту муҳаббат зор – зор афтода дар кунҷест хор,
Дар хоби Маҷнунии ман Лайло намеояд, биё!

Бе ту замон озурдадил, обу ҳаво пажмурдагил,
Дигар касеро бар чаман парво намеояд, биё!

Бе ту суруди Озарахш озурдасозу бедурахш,
Бе ту ману ту нест мо… Бе мо намеояд, биё !

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дили соғарпарасте дошт дарё,
Лабони бӯсамасте дошт дарё.

Диламро баст дар зулфони мавҷаш,
Намедонам чӣ дасте дошт дарё?!

Сари худро ба сангу хок мезад,
Куҷо болову пасте дошт дарё?

Ғазалҳои маро такрор мекард,
Чӣ зебо банду басте дошт дарё!

Навис, эй мавҷ бо хатти шикаста,
Ки рӯҳи бешикасте дошт дарё!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Умри шодобам сар омад, марги нӯшинам биё!
Чашми бедорам ба ҳам зад, хоби рангинам биё!

Хокболинро ба ёде нозболин доштам,
Нозболинам биёву хокболинам биё!

Солу моҳеро нисори моҳу парвин кардаам,
Солу моҳам даргузар шуд, моҳу парвинам, биё!

Посутуне нестам, то по шавам дар Бесутун,
Теша аз Фарҳод дорам, оби Ширинам биё!

Ҳеҷ ойине надидам хуштар аз дидори ту,
Як нафас ойинаам шав, некойинам биё!

Ҳамнавоии ману ту достоне дигар аст,
Корвон омода шуд, ҳамроҳу ҳамшинам, биё!

Меравам? На! Монданиям? Боз на! Раҳтӯша чист?
Озарахшо, як бағал девони гулчинам биё!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Як тарона ҷӯи обам, ҷӯи обам, ҷӯи об,
Як таҷалло офтобам, офтобам, офтоб.

Як сапеда осмонам, осмонам, осмон,
Як таровиш моҳтобам, моҳтобам, моҳтоб.

Як чаман андешаам, андешаам, андешаам,
Як талотум изтиробам, изтиробам, изтироб.

Як шарора шавқи ишқам, шавқи ишқам, шавқи ишқ,
Як аланга инқилобам, инқилобам, инқилоб.

Як муаммо аз гуноҳам, аз гуноҳам, аз гуноҳ,
Як кушоиш аз савобам, аз савобам, аз савоб.

Як наво аз тори ҷонам, тори ҷонам, тори ҷон,
Як тананно аз рубобам, аз рубобам, аз рубоб.

Як қалам шеъри дилам, шеъри дилам, шеъри дилам,
Як саҳифа аз китобам, аз китобам, аз китоб.

Як назора озарахшам, озарахшам, Озарахш,
Як ишора аз шитобам, аз шитобам, аз шитоб!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Лаб ба лаб розем, аммо лаб ба лаб,
Мӯ ба му созем, аммо лаб ба лаб.

Таҳ ба таҳ дардему нолон нестем,
Мушти овозем, аммо лаб ба лаб!

Чеҳрахомӯшии мо афсонаест,
Қиссапардозем, аммо лаб ба лаб.

Гоҳ месозем, бо сози замон,
Гаҳ намесозем, аммо лаб ба лаб!

Бар алайҳи ҷумла каҷбозони давр,
Пок мебозем, аммо лаб ба лаб.

Нестем аз зарфурӯшони замон,
Кӯҳи Дарвозем, аммо лаб ба лаб!

Сарбаландӣ табъи шоҳинболи мост,
Бозпарвозем, аммо лаб ба лаб.

Зиндагиро бӯсаборон кардаем,
Зиндагинозем,аммо лаб ба лаб!

Як сарандозем дар пои фалак,
Як сарафрозем, аммо лаб ба лаб.

Як нафас шеърем,шеъри Озарахш,
Пайки эъҷозем, аммо лаб ба лаб!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дуруди ишқ ба номат, ба номи ширинат!
Сафои меҳр ба комат, ба коми ширинат!

Тамоми умр сухан ҷустаму ғазал хондам,
Набуд ғайри каломат, каломи ширинат!

На роҳи майкада монду на ёди масҷиду дайр,
Чу май расид зи ҷомат, зи ҷоми ширинат!

Қасам ба нози баландат, ки дӯстат дорам,
Ниёзи  дил ба маромат, мароми ширинат!

Насимро бизанам бӯсаву кашам зи ҳаво,
Нафас дамад зи машомат,  машоми ширинат!

Дигар зи субҳи қиёмат умеди беҳтар чист,
Ки мерасам ба паёмат, паёми ширинат!

Ба Озарахш замину замон чӣ нома бидод?
Маро бас аст саломат, саломи ширинат!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Биё, ба пардаи гули сапеда менишонамат,
Ба мижжа мекашонамат, ба дида менишонамат

Биё, аёну ноаён, ки бебаёну бобаён,
Ба манзари назоранорасида менишонамат

Сиришта аз фариштае, зи осмонсириштае,
Ба сарзамини дилнишинтапида менишонамат.

Биё ба боғи ҷони ман, чаман-чаман, суман-суман,
Чу шабнаме ба ғунчаи начида менишонамат

Касе хабар намебарад, хасе асар намебарад,
Ки нопадида дар бари падида менишонамат

Ба корвони озарахш, равонравони Озарахш,
Таронаву ғазалфишон, қасида менишонамат!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳиммати ноз надорӣ, чӣ ниёз оварамат?
Ба ниёзе набиёӣ, ба чӣ ноз оварамат?!

Синаат сардтар аз хоки зимистонзадааст,
Чӣ барам дил ба баҳорат, чӣ гудоз оварамат?

Пардаи ишқ навову нафасе мехоҳад,
Ба чӣ созат бинавозам, ба чӣ соз оварамат!?

Маншаъи  меҳр набошад, ғами дунё чӣ ғамест,
Ба чӣ раҳ, шод дар  ин шебу фароз оварамат?!

Сухани мард намондаст ҳамоварди замон,
Нашавад, таблзанон, шуъбадабоз оварамат?!

Панҷ вақтам ба як оҳанги таманно пайваст,
Эй Худо! Худ бинамо, то чӣ намоз оварамат?!

Озарахш, омадану рафтани ҳарф осон нест,
Маҳрами роз надорӣ, ба чӣ роз оварамат?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бахти ойина надорам, ки таманно кунамат,
Рӯ ба рӯям бинишиниву тамошо кунамат

Дасти кӯтоҳи ману домани барчидаи бахт,
Натавонам нафасе дар назаре ҷо кунамат

Мисли ҷон омадану рафтани ту пинҳонист,
Ба  чӣ савдо хабаре ёбаму пайдо кунамат?

Сурати чашма наям, ҷӯй наям, рӯд наям,
Ки дар оғӯш кашам, вусъати дарё кунамат

Мон, ки монанди насиме бивазам боғ ба боғ,
Беҳтарин замзама дар маҳфили гулҳо кунамат

Ту маро маърифати ишқ сурудан омӯз,
Ман аз ин роз ба он роз муҷалло кунамат

Озарахшона ба номат бизанам сози дигар,
Матлаъи як ғазали тозаву зебо кунамат

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй нозчаман, нози чаманҳо ба саломат!
Зебоғазали сарву суманҳо ба саломат!

Монанди саҳар дафтари гул боз кушодӣ,
Сад манзари ҷон бозшуданҳо ба саломат!

Овоз шуд аз сози ту хомӯшии оғӯш,
Оҳанги таманно ба суханҳо, ба саломат!

Эй нобтарин замзамаи шеъри муҳаббат,
Ангези хуши қофиязанҳо ба саломат!

Шаккаршиканат ёфтаам, шукри нафасҳо,
Пайванди нафасҳову шиканҳо ба саломат!

Танҳо ту мани гумшударо ёд намудӣ.
Дар манзили руъё, дили танҳо ба саломат!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Кабӯтарбоз дар оби кабӯтарҳо шакар андохт,
Каме андохт, баргаштанд, як бори дигар андохт.

Кабӯтарҳо ба шодӣ рақс карданду надонистанд,
Кабӯтарбоз шакарро ба шодии дигар андохт...

Намедонанд мурғон аз дили асрори сайёде,
Ки обу донае оварду доме дар хатар андохт.

Намепурсанд ин манзил калисоест, ё масҷид,
Ба қисмат шукр мехонанд, ризқе дар гузар андохт.

Кӣ медонад, кабӯтар, ё қаландар пеш "Ё ҳу" гуфт,
Чӣ роз ин ошиқонро кӯ ба кӯву дар ба дар андохт?

Чӣ савдо, эй банӣ Одам, ба бозори насибу дам,
Ки ҳар сарро Худо аз сарнавишташ бехабар андохт.

Кабӯтархо намехоҳанд донанд, Озарахш, ин ҷо,
Чӣ чашме мурғи илҳоми туро шаҳди назар андохт.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ба боғҳо дилу ҷон бастаам дарахт-дарахт,
Дар  интизори ту биншастаам дарахт-дарахт

Паёми омаданатро насими варз вазид
Ба  набз - набзи ту пайвастаам дарахт-дарахт

Ту реша - реша маро баргу соз бахшидӣ
Ки шоха - шоха зи ҷо ҷастаам дарахт-дарахт

Ҳазор мева, ки рӯйидаам бамеҳр – бамеҳр,
Ҳазор дона, ки бишкастаам дарахт-дарахт

На бими боди хазон дораму на дасти замон
Саломи хуррами гулдастаам дарахт - дарахт

Ҳама ҳавову ҳавасро ба сад навову нафас,
Ба мағз – мағзи ҷаҳон хастаам дарахт – дарахт

Ту навда – навда зи оғӯши ман гурез маҷӯй,
Ки панҷа - панҷа туро ҷустаам дарахт - дарахт

Ба ларза – ларза тапишҳои синаам пайванд,
Чу Озарахш, ки ворастаам дарахт – дарахт

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дар чаман шеъре сурудам, ёсуман “ афсона” гуфт,
Настаран хамёза карду “шеваи бегона” гуфт.

Сарв аз нози баланди хеш ҷавлоне бизад,
“Ин ҳамон сози баланди мутриби майхона” гуфт.

Наргис аз шодӣ ба чашмаш ҳарфҳоро сурма кард,
“Ҷони мо ойинадори лаҳзаи шодона” гуфт.

Лола аввал хандае карду сипас дар гиря шуд,
“Ҳайфи ин дурдона дар дунёи бедардона” гуфт.

Андалеб аз пардаи «Ушшоқ» оҳанге навохт,
“Нури Ҳақ дар достони ошиқи девона” гуфт.

Озарахш, аз хори бадбини чаман шармандаам,
Нест дар ёдам, ҳадисе гуфт , он ҷо, ё нагуфт...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Вақте, ки осмон сухан аз боби ишқ гуфт,
Пеши замин замон сухан аз боби ишқ гуфт.

Ҳар ҷо диле тапид, тапид аз навои дил,
Одам ба одамон сухан аз боби ишқ гуфт.

Чун дид сабзае, ки сар овард сабзае,
Бе ҳарфу бе гумон сухан аз боби ишқ гуфт.

Борони раҳмат омаду ҳар қатра сӯи баҳр,
Бо синаи дамон сухан аз боби ишқ гуфт.

Донӣ чаро ҷаҳон ҳама маъшуқазор гашт?
Ҳар ошиқаш ҳамон сухан аз боби ишқ гуфт!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ишқ гуфтам, рӯди Сайҳун печ хурду ҳеҷ гуфт,
Дида шодон, сина пурхун печ хурду ҳеҷ гуфт.

Суратамро бедимаҷнунвор афкандам дар об,
Аз ҷунун бо беди маҷнун печ хурду ҳеҷ гуфт.

Чархгардон як назар бар чархи гардун дӯхтам,
Чархгардон чархи гардун печ хурду ҳеҷ гуфт.

Дод гуфтам, санги соҳилро ба сар бардоштам,
Санги соҳил сӯи ҳомун печ хурду ҳеҷ гуфт.

Гуфтамаш, зебову мавзун рафтанат дил мебарад,
Боз зебо, боз мавзун печ хурду ҳеҷ гуфт.

Нима андар об рафтам, нима дар беруни об,
Нимадохил, нимаберун печ хурду ҳеҷ гуфт.

Озарахшеро ба оғӯшаш задам чун мисраъе,
Як нафас бе ҳеҷ мазмун печ хурду ҳеҷ гуфт...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Маст будам, ёди ҳушёрӣ гиребонам гирифт,
Дар дили шаб субҳи бедорӣ гиребонам гирифт.

Вақтро барҳам задам, аз хона сар бурдам бадар,
Соати бандии деворӣ гиребонам гиребонам гирифт.

Як қадам фикри гузаштан кардам аз ҷӯи гузар,
Ғурбати сахти ватандорӣ гиребонам гирифт.

Гуфтам аз савдои гиру мон раҳо хоҳам шудан,
Боз ҳам бозори безорӣ гиребонам гирифт.

То задам лабханд бар ҳастӣ, ғазаб доман кашид,
Тифли ашкам чун бишуд  ҷорӣ, гиребонам гирифт.

Ишқро гуфтам, давои ҷони нолонам бишав,
Дар дами вазнини беморӣ гиребонам гирифт.

Гул бикиштам,  гул сириштам, гул навиштам дам ба дам,
Хори раҳ аз ҳасрати хорӣ гиребонам гирифт.

Озарахш, аз зиндагониям надорам шиквае,
Марги бечора зи ночорӣ гиребонам гирифт…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳар сафаркарда паи пои маро хоҳад ёфт.
Ҳар сароҷӯй сароҷои маро хоҳад ёфт,

Ҳар дили ғамзада огоҳ шавад аз дили ман,
Ҳар сарафшон сари болои маро хоҳад ёфт

Ҳар касе чашм кушояд ба тамошои чаман,
Назаре чашми тамошои маро хоҳад ёфт.

Ман наво ёфтаму ёри навобахш шудам,
Ҳар навозанда навоҳои маро хоҳад ёфт.

Вои он рӯз, ки ҷӯяндаи маъвои диле,
На дили зору на маъвои маро хоҳад ёфт.

Толиби гумшударо зинда кунад дар дили хок
Озарахше, ки таҷаллои маро хоҳад ёфт…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хиромон меравӣ, эй дил, хиромон рафтанат зебост,
Парешонмашрабӣ, аммо парешон рафтанат зебост

Ба санге сина месоӣ, ба хоке дида мемолӣ,
Ту дарёи Зарафшонӣ, зарафшон рафтанат зебост.

«Ба холи ҳиндуе» додӣ Самарқанду Бухороро,
Пушаймон гаштаӣ, аммо пушаймон рафтанат зебост…

Чунон аз ман гурезонӣ, ки бо гардат намеоям,
Зи дунболат чӣ ҳам гӯям? Шитобон рафтанат зебост…

Гаҳе дур ончунонӣ, ахтарон ҳайрони дурият,
Гаҳе наздиктар аз чашми ҳайрон рафтанат зебост.

Намеоӣ, бубахшад Озарахшат ҷони пазмонро,
Ки гӯям, дар ҳарири пардаи ҷон рафтанат зебост

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Гуфтугӯям аз забони гунгҳост,
Оташам аз озарахши сангҳост.

Дидаи оддӣ надорад заррабин,
Аз назар то бар назар фарсангҳост…

Ин ҳама рангинкамонҳо қалбакист,
Ранг андар ранг пушти рангҳост.

Сина чун огоҳ шуд, ғам мехурад,
Беғамӣ ойини бефарҳангҳост…

Дар нигоҳи мардуми найрангбоз,
Зиндагӣ ойинаи найрангҳост.

Ҷанг то оғози сулҳу оштист,
Одамӣ дар лобалои ҷангҳост…

Комёбӣ кори ҳар худком нест,
То макони ном роҳ аз нангҳост.

Як навои хуш нахезад аз замон,
Чанг то дар панҷаи харчангҳост…

Зиндагиро ланг гуфтан нокасист,
Лек то кай по ба пои лангҳост?!

Чашмтангӣ то куҷо дорад фалак,
Дасттангӣ то кай аз дилтангҳост?

Бефурӯғе то ба кай соҳибмақом,
Оҳане то кай сари оҳангҳост!?

…Гуфтугӯям аз забони гунгҳост.
Оташам аз озарахши сангҳост…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳавои шаҳри ҷавонӣ хуморборон аст,
Ки дар хазону зимистон баҳорборон аст

Нафас-нафас ҳама ҷо атри  кокули райҳон,
Назар-назар ҳама сӯ шуълазорборон аст

Зи кӯчабоғ, ки дастобадаст мерафтем,
Ҳанӯз замзамаи ёр-ёрборон аст

Ҳанӯз гӯши хиёбон пур аз таронаи шавқ
Чапакзании чинорон нисорборон аст

Ҳамон мақом, ҳамон ташнагӣ, ҳамон хилват,
Ба роҳи омаданат интизорборон аст

Ба ифтихори муҳаббат, муҳаббати зебо
Канори обу ҳаво ифтихорборон аст

Биё, ки чашми ту дар видиёи хотирашаҳр,
Чу Озарахшу хаёлаш наворборон аст

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Сарам санги Саразми бостон аст,
Дилам ашки Сарези ростон аст

Зарафшонам мусофир дар Самарқанд,
Бухороям муҳоҷирдостон аст

Бадахшони дилам себи дунима,
Ки боғи Балх ғурбатостон аст

Самоъи Шамсам аз Табриз бигрехт
Чу Мавло шуҳра андар Бостон аст

Шукӯҳи Бохтарро бохтам ман
Куҳистонам асар аз костон аст

Ҳамин як Тоҷикистон ишқ ҳастам
Ки ёде аз ҷаҳоноростон аст

Китобхона



Девона машав, эй дил, ин умр ҳамин ранг аст,
Як лаҳза танинаш шод, як лаҳза ғамоҳанг аст.

Беҳуда чӣ менолӣ аз **маҳкамаи сина**,
Дар дидаи равшанбин паҳнои ҷаҳон танг аст.

Рӯзе, ки рақам карданд ойини шикастанро,
Бар хонаи ойина хавфи задани санг аст.

Ҳайвон чу амонӣ хост, инсон нашавад, афсус,
Одам бишавад ҳайвон мақсуд агар ҷанг аст.

Қобил ҳамон Қобил, Ҳобил ҳамон Ҳобил,
Савдои зану зарро ҳар дам раҳи найранг аст.

Даргоҳи вафо яктост, имони Худо яктост,
Сад мазҳабу сад мактаб бар хонаи фарҳанг аст.

Ин тӯдаи зулмонӣ аз халқ чӣ мехоҳанд?
Дар косаашон шарбат, дар кисаашон банг аст!

Сад давру замон бигзашт аз маснаду масканҳо,
Хуни чамани Машриқ атри гули Афранг аст.

Аз озару рахши мо умеди чӣ пайвандест?
Ошиқ шуданам ор аст, шоир шуданам нанг аст…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Он  дастбадастиҳо, эй ёр, ба ёдат ҳаст?
Он  ёрпарастиҳо эй  ёр,  ба  ёдат  ҳаст?

Аз бодаи  яздонӣ  дар соғари инсонӣ,
Ҳушёриву  мастиҳо эй  ёр, ба  ёдат  ҳаст?

Бар рағми  ҳама гургӣ, бар  зидди  ҳама  туркӣ,
Тоҷикиву  чустиҳо эй  ёр, ба  ёдат  ҳаст?

Мову  ту аён  будем, бе  ҳарф  баён  будем,
З-ин  рӯй  зи  рустиҳо эй  ёр, ба ёдат ҳаст?

Ман нест шудам  дар ту, ту  нест  шудӣ  дар  ман,
Дар  олами  ҳастиҳо эй ёр, ба  ёдат  ҳаст?

Бар қасди  ҳама  дурӣ, махмуриву  ранҷурӣ,
Он қасдбақастиҳо  эй  ёр, ба   ёдат  ҳаст?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Мапиндоред, доғи лола аз дилҳо фаромӯш аст,
Ба ин қисмат, ки то рӯзи қиёмат косабардӯш аст

Нигаҳ дорад чаман аз чашми бад пиндори наргисро,
Чу савсан дар миёни офтобу об хомӯш аст

Ҳадиси андалеби мастро гулҳо намефаҳманд,
Ки то кай муждаи фасли баҳоронам сияҳгӯш аст?

Хушо ҳангомаҳои нозанини духтари бодом,
Сапеда бо насими сабздарсабзаш ҳамоғӯш аст

Ниёзи ошиқон медонад ин рози муҳаббатро
Ки дастураш лаби ёру лаби ҷому лаби нӯш аст

Саломи субҳи нав ангезаи хуршеди наврӯзист,
Хумори ахтарон дар хотири шаб анҷуманҷӯш аст

Гуноҳи кист, шеъри Озарахш ояд шакарборон?
Худои меҳрубон моро навобахшу хатопӯш аст!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Нома поён ёфт, аммо нуқта мондан мушкил аст,
Нуктае дар хотиру  сенуқтаҳое дил аст...

Бо забони ошноӣ санг гӯё мешавад,
Суҳбати дарё ҷавоби ташнагии соҳил аст.

Эй нигоҳат дар хаёли ташнаам базми ғазал,
Ҳар кучое шамъ месӯзад, хумори маҳфил аст!

Боғ дар боғи канорат чор фасли шаккарин,
Кист мегӯяд, дарахти орзу беҳосил аст?!

Дар хазонрезам баҳорат хирмани гул офарид,
Киштзори ишқварзон манзари обу гил аст.

Хонаи чашму дилу ҷонам пур аз атри навост,
Корвон ҳар сӯ, ки маҳмил мезанад, сарманзил аст.

Эй сафои номи ту барномарези Озарахш.
Нома поён ёфт, аммо нуқта мондан мушкил аст...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Оташи наззора бар наззорае афтодааст,
Гармии истора бар исторае афтодааст.

Ин шабу рӯзи ҳумоюнро муборакбод гӯй,
Қисмати хуршед бар маҳпорае афтодааст!

Аз лабоне бар лабоне гуфтугӯи бесухан,
В-аз забоне бар забоне зорае афтодааст.

Ошиқон донанд ин рози даруни розро,
Кори як бечора бар бечорае афтодааст.

Гардиши сайёраҳо ин лаҳза мавзун мешавад,
Меҳри як сайёра бар сайёрае афтодааст.

Эй хуш он фасле, ки дарёбанд дар савдои ишқ,
Кӯчабоғе ташнаи оворае афтодааст.

Озарахш, ин тифли навзоди ғазалро саҷда кун,
Баҳри он аз осмон гаҳворае афтодааст!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хез, модар, ки мусофирписарат омадааст,
Писари дар ба дарат пеши дарат омадааст.

Шаҳр бо шаҳр таманнои баратро мебурд.
Шаҳриёрат ба таманнои барат омадааст.

Ду ҷаҳонро ту хабардор зи номаш кардӣ,
Писари аз ду ҷаҳон бехабарат омадааст.

Ҳунар омӯхт ҳама умру ҳунарманд нашуд,
Писари боҳунари беҳунарат омадааст.

Синакӯбону сарафроз биё, модари ҷон,
Озарахши ту чу нури басарат омадааст.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дар сарзамини ишқ нафас ошиқонааст,
Бунёди орзуву ҳавас ошиқонааст.

Бори назокате, ки чаман мекашад, шинос,
Оҳанги гул ба хору ба хас ошиқона аст.

Эй дил, зи санги сина фиғон карданат чӣ суд,
Булбул, ки ошиқ аст, қафас ошиқона аст.

Сад корвони рафта биёяд суи ватан ,
Дар роҳи ишқ бонги ҷарас ошиқона аст.

Эй он, ки маҳрами шакаристони ҷон шудӣ,
Оё нидои мӯру магас ошиқона аст?

Андеша ишқ, ҳосили андеша низ ишқ,
Оғоз ошиқона, сипас ошиқона аст.

Зоди сафар баранд зи рози ту дилбарон,
Эй Озарахш, шеъри ту бас ошиқонааст!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Боз шуд чашми сарам, боз баҳор омадааст,
Ба хазони назарам раҳми нигор омадааст,

Боз дастони ман аз ҷома бурун хоҳад рафт,
Ки таманнои бари домани ёр омадааст

Чӣ сурудест, ки аз шаршараҳо мерезад,
Қиссаи шеъри тар аз тор ба тор омадааст

Ашкам аз дида бурун омаду тифлона давид,
Бахудо гиряи ин тифл ба кор омадааст

Бинишинед лаби рӯду бирешим бизанед,
Пардаи нам-нами борон ба миҷор омадааст

Дурбини нигаҳам акси туро меҷӯяд,
Ки гулафшони рухат боби навор омадааст,

Озарахш, ин нафаси сабз муборак бодат,
Сари ҳар мисраъи ту «турна қатор» омадааст!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зиндагӣ маърифати раҳгузарист,
Зоди роҳаш нафаси ҳамсафарист

Бесадо нест қадам мондани мӯр,
Ин сарахбор умумибашарист.

Ту Худо гӯй, ки ҳамдил ёбӣ,
Чу саранҷоми сафар сарбасарист

Чӣ ҷанубу чӣ шимол, эй хуршед,
Охири шарқравӣ-ғарбгарист ?…

Он чӣ аз рӯзи азал равшан нест,
Дар шабистони абад бехабарист.

Меваи боғи биҳишти модар,
Шаҳдпарвардаи ирси падарист

Ҷонамози падарамро андоз,
Эй писар, вақти намози саҳарист….

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳамнишин, ширин нишин, ин «шин»-и Наврӯзии мост,
Ҳафтшину ҳафтсин ҳамшини Наврӯзии мост.

Оя-оя ой, нуронӣ намо айёмро,
Сина-сина сини «Ёсин» сини Наврӯзии мост.

Во намо ойинаи умедро, худро бубин,
Дидани дидори ёр ойини Наврӯзии мост!

Сабзаву себарга  пойандози нав андохтанд,
Дар қадамҳои гулат қолини Наврӯзии мост.

Дафтари аъмол аз ҳарфи накӯ саршор бод!
Назму насраш то гулу насрини Наврӯзии мост.

Гул ба гул нозандаву булбул ба булбул розгӯ,
Ин ҳамон булбулчину гулчини Наврӯзии мост!

Даст бардорад дарахте, сад чаман афшон шавад,
Ин дуъои мустаҷоб омини Наврӯзии мост.

Озарахш аз Хусраву Фарҳоду Ширин ёд кун,
То ғазал ширинии Ширини Наврӯзии мост!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй дӯст биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,
Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст.

Дар пеши баландии баландии баландат
Ман паст шудам, паст шудам, паст шудам, паст.

Майхонаи дил гашт ба вайрона мубаддал
Эй кӯзаи бишкаста, бигӯ, дасти кӣ бишкаст?

Дӣ шом бубастам дари чашм аз паи хуршед
Дидам саҳаре гуфт: ба хуршед кӣ дар баст?

Эй дӯст биё, даст бидеҳ, даст бидеҳ, даст,
Ман маст шудам, маст шудам, маст шудам, маст.

То нест шудам, нест шудам, нест шудам, нест,
Ман ҳаст шудам, ҳаст шудам, ҳаст шудам, ҳаст.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй гули шому саҳар, шому саҳар ташнаи туст,
Ташнаи шамсу қамар, шамсу қамар ташнаи туст

Ҳар куҷо чашм равад, рӯи туро мебинад,
Манзари нури назар, нури назар ташнаи туст

Хабари тозабаҳор аз гули лабҳои ту хост,
Муҷдаи боғу самар, боғу самар ташнаи туст

Хуш ба ин ком, ки аз номи ту ширин шудааст ,
Чашмаи ширу шакар, ширу шакар ташнаи туст

Тор дар тори маро набзи навозиш задаӣ,
Лаззати ҷону ҷигар, ҷону ҷигар ташнаи туст

Чист милоди муҳаббат, агар оҳанги ту нест,
Дафтари ишқ ба бар, ишқбабар ташнаи туст

Озарахш аз нафасат бодаи наврӯз кашид,
Лутф кун бори дигар, бори дигар ташнаи туст…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Он парирӯй,  ки  ойини ҳаройина шикаст,
Назар  андохт ба ойина, ки ойина  шикаст

Чӣ бувад ҳоҷати  шарҳ  ин  сухани равшанро,
Нафасе  бол  кушоду қафаси сина шикаст

Қасами  бода  нахурдан  шиканад, боке  нест,
Оҳ  аз  он  шиша, ки  аз  мастии  дӯшина шикаст

Шиканад қиммати бозори  замони гузарон,
Нигаҳам  дар  гузари  насяву  нақдина  шикаст!

На хабар  ёфтам  аз  сабзбаҳоре, ки  гузашт,
На  хуморам  зи  рухи  дилбари  сабзина  шикаст

Хатари роҳи  маро  домгузорон  донанд,
Дили  бекина  чӣ донад, ки чӣ  сон  кина  шикаст?!

Озарахш, ин  ғазал  аз  гавҳари  муштафшор аст,
З-он, ки бе мушт дари  қиммати ганҷина  шикаст…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй дӯст, биё, маҳфили шодона ҳамин ҷост,
Соқиву маю мутрибу парвона ҳамин ҷост.

Бо мо зи баландии мақомат сухане гӯй
К-оҳанги «Мақом»-у дами шоҳона ҳамин ҷост.

Аз нолаи най боз шунав нолаи ҷонро
Омез ба ушшоқ, ки ҷонона ҳамин ҷост.

Боғест пур аз булбулу  боғест пур аз гул,
Аз булбулу гул қиссаву афсона ҳамин ҷост.

Эй чархи фалак, чарх мазан, чун ҳунарат нест
Рақсидану чархидани мастона ҳамин ҷост.

Дурдонашиносони  ҷаҳонро бирасонед,
Сад дона биҷӯянд, ки дурдона ҳамин ҷост!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Як ошиқи ҷонпарварам, аммо надонам, ишқ чист?
Аз ишқ бе пову сарам, аммо надонам, ишқ чист?

Бо урфу расми одамин дар меҳрбозори замин,
Ҷон додаву дил мехарам, аммо надонам, ишқ чист?

Аз дидаҳо бар дидаҳо, в-аз синаҳо бар синаҳо,
Пайки муҳаббат мебарам, аммо надонам ишқ чист?

Дар мактаби сидқу сафо аз фанни паймону вафо,
Донотарин донишварам, аммо надонам ишқ чист?

Ман ҳафт шаҳри ишқро дар кӯчае дарёфтам,
Рустоии шаҳрофарам, аммо надонам ишқ чист?

Бо ишқбозони ҷаҳон гоҳе чунин, гоҳо чунон,
Ҳамбодаву ҳамсоғарам, аммо надонам ишқ чист?

Лайлову Маҷнуни куҳан, Фарҳоду Ширини навин,
Ман аз шумо ошиқтарам, аммо надонам ишқ чист?

Ҳар лаҳзае бо Озарахш аз файзи ишқи тозарахш,
Нури ба нур аз озарам, аммо надонам ишқ чист?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Табъи ту безиё бувад айби дилу тарона чист?
Ҳарф, ки бесафо бувад, фалсафаву фасона чист?

Саҳфа ба саҳфа мекашӣ номаи фитнаву ҳасад
Номат агар сиё бувад , кори  касу замона чист?

Барги гиёҳ дар чаман ҳарза нафас намекашад
Хор чу бенаво бувад, пеши  назар баҳона чист?

Соати дасти зиндагӣ бо тапиши ту метапад,
Сония  норизо бувад, лаззати ҷовидона чист?!

Лофи ҳунар, ки мезанӣ, баъди  ду - се баҳор ой,
Меҳр ҳунарнамо бувад, боғ чиву нишона чист…

Ханда бизан чу Озарахш он ҳама қилу қолро,
Довари  ҳақ Худо бувад, дав-дави бехудона чист?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хандаи хуршед дар даврон нағунҷад, айби кист?
Юсуфи Яъқуб дар Канъон нағунҷад, айби кист?

Ҳар касеро матлабеву ҳар хасеро мансабест,
Ном чун дар лавҳаи унвон нағунҷад, айби кист?

Дӯстро ҳар кас ба қадри дӯстдорӣ дӯст дошт,
Меҳри ҷонон андаруни ҷон нағунҷад, айби кист?

Ишқи мо андозаҳои ишқбозонро шикаст,
Орифе дар дафтари ирфон нағунҷад, айби кист?

Гирумони мулкхоҳон гирумони мӯрҳост,
Бар дари танге, ки дорӣ, дон нағунҷад, айби кист?

Озарахш, ин зиндагӣ қонуни нобинвиштаест,
Варна ин соне, ки дар инсон нағунҷад, айби кист?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Забони ток баромад, ки чашми бад дур аст
Ки боз дар раги ҷонам шароби ангур аст....

Пиёла донаду май донаду  ҳикояти лаб,
Ки чашм-чашми ман аз чашми ту чӣ махмур аст

Баҳор пайки ту гар нест, боғро чӣ мурод,
Ҷудо зи нури рухат офтоб бенур аст

Ман аз тароватӣ як чашмасор пурсидам,
Ки оби косаи чашми фалак чаро шӯр аст?

Садо расид зи ҷӯи равони домани боғ,
Бирав, мапурс чаро чашми ошиқон кӯр аст!?

Замони омадану рафтанам муайян нест,
Чу Озарахш, ки аз хотири замон дур аст

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шукри устоди мухаббат к-аз ману ту мо навишт,
Қатраро дарё намуду зарраро дунё навишт.

Дарси зебоишиносӣ хонд бар чашмонамон,
Ҳар назар зебо бидиду ҳар нафас зебо навишт.

Синфи моро синфи шогирдони ишқомӯз гуфт,
Номи Маҷнунро ба рӯи дафтари Лайло навишт.

Аз гулу булбул навои тозае эҷод кард,
Чаҳ-чаҳи ширин суруду шеваи шево навишт.

Ҳар баҳоҷӯро баҳои хуби ӯ арзон набуд,
Аз қазо дар дафтари аъмоли мо аъло навишт.

Достоне аз китоби рози пинҳон боз кард,
Қиссаи пинҳони моро қиссаи пайдо навишт.

Озарахш аз мактаби устоди мо огоҳ шуд,
Ин ғазалро аз муҳаббат бо хати хоно навишт.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зебоғазали ман ту набошӣ, ғазалам нест,
Ширинасали ман ту набошӣ, асалам нест.

Маҷнун масале монд ба унвони ман, аммо,
Лайломасали ман ту набошӣ, масалам нест.

Дар мамлакати ишқ амалдортаринам,
Зеро, ки ба ҷуз ишқпарастӣ амалам нест.

Манъам макун аз хурдани шодии биҳиштат,
К-ин қоида дар номаи рӯзи азалам нест.

Паҳнои ҷаҳон дар назарам танг намояд,
Рӯзе, ки дилат бар бағали камбағалам нест.

Умри абадам як нафаси хостани туст,
Бо ишқи ту бим аз аҷалу аз паҷалам нест!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дурахши ахтарон омад, ки  имшаб моҳ танҳо нест,
Чароғе дар канори ин саодатгоҳ танҳо нест

Ману хуршед бо савдои худ беҳуда месӯзем,
Гиёҳу донае дар  ёди хирманҷоҳ танҳо нест

Чӣ суд аз синаро бо синаи санги замон судан?
Дар ин ҷо як диле ҳамчун дили огоҳ танҳо нест

Ман ин афсона аз модаркалони даҳр бишнидам,
Ки дар домонфиребе бешаҳо рӯбоҳ танҳо нест…

Чӣ ҳоҷат заҳмати ойинадорӣ лаҳзаи рафтан,
Нафас шоҳид, ки ҳангоми расидан оҳ танҳо нест

Ба рӯи санги гӯрам Озарахши раҳгузар бинвишт,
Худо ёраш, касе монанди марди роҳ танҳо нест…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дар хонаи дил ғайри ту кас нест, нест, нест,
Ҷуз васли ту дар сина ҳавас нест, нест, нест.

Бинвоз, аё мутриби оҳангбирешим,
Овози диловези ту бас нест, нест, нест.

Ҳар ҷо, ки ҳавои сари зулфи ту надидам,
Дидам, ки ҳаво ҳасту нафас нест, нест, нест.

Ширинии ҳаҷри ту насиби мани танҳост,
Майли ту ба ҳар мӯру магас нест, нест, нест.

Аз ҷабру ҷафои ту чӣ сон нола кунам ман?
Ҳар мурғ гирифтори қафас нест, нест, нест!

Умрам бирабудиву аз он шукргузорам
Чизе, ки ту бурдӣ, ба абас нест, нест, нест!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Чун нигоҳам бо нигоҳат ҳамнигоҳе ҳаст, нест?
Некбине, покбозе, хайрхоҳе ҳаст, нест?

Мезанӣ мичгон ба ҳам, девор барҳам мехурад,
Дар чунин пайванди равшан иштибоҳе ҳаст, нест..

Гуфта будӣ гоҳ-гоҳе ёд мерӣ зи ман,
Гоҳ-гоҳе дар хаёлат гоҳ-гоҳе ҳаст, нест?

Дастҳоямро хаёли дастҳоят пир кард,
Оҳ! Сӯят аз ҳамин сӯ боз роҳе ҳаст, нест!?

Ин тараф гардам гуноҳу он тараф гардам гуноҳ,
Дар чаманзори биҳиштат бегуноҳе ҳаст, нест?

Нести хасти зиёдат сабру оромам рабуд,
Несту ҳастат маро оромгоҳе ҳаст, нест?

Кӯҳзодон шаҳриёр аз ишқ гарданд, Озарахш,
Мисли ту дар шаҳри ишқи ёр шоҳе ҳаст, нест!?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Як Бухоро ташна мондам, як Зарафшон об деҳ!
Як Душанбе ошикам, як нозанин Варзоб деҳ!

Як сафо ойинаам, ойинаи нашнохта,
Як Бадахшон ахтарам, як Балх устурлоб деҳ!

Эй муғаннӣ, пардаи Бағдодро دониста гир.
Тирагӣ сар мехурад ангезаи маҳтоб деҳ!

Дар Самарқанди куҳан кони нави шаккар кушо,
Аз Хуросони сухан сардафтари арбоб деҳ!

Шамси Табрезӣ ҳамоно ёди Мавло мекунад,
Офтобо, тоб бахшо, офтобо, тоб деҳ!

Ҷоми нобишкастаи Ҷамшед дар Наврӯзи кист,
Мастии Широз мехоҳам, шароби ноб деҳ!

Шарқу ғарби зиндагӣ шоду ғами пайвастааст,
Масҷиду майхонаро як ҷонамоз одоб деҳ!

Ҷанги гарму сарди олам достони ишкамист,
Доваро, фарзанди Одамро дили шодоб деҳ!

Ин ишорат бас бувад шоҳу гадои вақтро,
"Рустаму Суҳроб"-ро бар Рустаму Суҳроб деҳ!

Озарахш оҳанги асри бистуяк роёнагист,
Лаҳзае ҷонро навои гавҳари ноёб деҳ!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Биё, рафтем, ин манзил ба мо манзар нахоҳад дод,
Ҳар ончӣ ёфтем, ин аст, ӯ дигар нахоҳад дод.

Насиби мо дар ин майхона ҳарчӣ буд, нӯшидем,
Дигар соқии соғаркаш ба мо соғар нахоҳад дод.

Замон рӯҳи шаҳидонро чу модар зинда медорад,
Шаҳидеро валекин зинда бар модар нахоҳад дод.

Арӯсон рӯи гӯри навҷавонон сина мекӯбанд
Дареғо, хок аз сина касеро сар нахоҳад дод.

Тамоми шӯру исёни ҷаҳон бигзашту донистем,
Ҷавоби шӯру исёнро ба ҷуз маҳшар нахоҳад дод.

Бирав, эй Озарахшу ханда зан бар чеҳраи дигар,
Дурахши озарахши ту ба мо озар нахоҳад дод!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Соати дидори асри бистуяк овоз дод,
Эй хумори бистуяксола, Худоят боз дод!

Лаҳзае бедор шав, ин пардаро такрор нест,
Бистучор оҳангро мутриб ба як пардоз дод.

Менавозад тори дилро  резаборони баҳор,
Зиндагонӣ аз муҳаббат ёди ширинбоз дод.

Ёд бодо чорзарби  ошиқони покбоз,
Соз омад, сözтар шуд, соз бурду соз дод.

Бози ҷонам мекушояд бол сӯят, боз, боз,
Кафтари чашмони мастат инчунин парвоз дод.

Шашмақоми кокулонатро кашидам дар наво,
Як тарона аз мақоми тозае оғоз дод.

Озарахш, аз ҳазрати Туғрал навоям мерасад,
Қиссаи  «Ушшоқ»-и моро  шеваи «Шаҳноз» дод.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Рӯзе, ки ғайриинтизор оям ба ёдат, ёд бод!
Аз рӯзгоре ёдгор оям ба ёдат, ёд бод!

Рӯзе дилат гум мезанад, дар худ талотум мезанад,
Як рӯди масти кӯҳсор оям ба ёдат, ёд бод!

Рӯзе, ки чашми дилбарат дар ёди чашме мепарад,
Махмури чашмони хумор оям ба ёдат, ёд бод!

Рӯзе, ки лабҳои тарат аз ташнагӣ пай мебарад,
Бо бӯсабайти обдор оям ба ёдат, ёд бод!

Рӯзе, ки дар саҳни чаман холӣ биёбӣ ҷои ман,
Чун нам-нами абри баҳор оям ба ёдат, ёд бод!

Рӯзе, ки байни анҷуман танҳо шавӣ бо хештан,
Сад анҷуман андар канор оям ба ёдат, ёд бод!

Рӯзе, ки бе ман бахри ишқ сарсон шавӣ дар шаҳри ишқ,
Чун Озарахши шаҳриёр оям ба ёдат, ёд бод!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Булбуле мастона мехонад намози бомдод,
Эй Худо, аз ошиқони майпарастат ёд бод!

Сархушам чандон, ки соғарро намедонам, чӣ буд,
Аз нигоҳи ёр ин сон дар дилам оташ фитод!

Асрҳо бигзашту байти булбулу гул куҳна нест,
Эй хуш он навҷӯ, ки боби куҳнаро аз нав кушод

Ишқбозон мераванду ишқ мемонад ба ҷой,
Ишқ мемонад, ки орад ишқбозонро ба ёд

Шоири навдостоне дар китоби ошиқон,
Номи моро кӯр карду Лайливу Маҷнун ниҳод…

Дона аз батни замин сӯи само сар мекашад,
Осмон болотар аз пиндорҳо чизе надод

Хуб мефаҳмам, ки огоҳӣ, чӣ сон мехоҳамат,
Кош ҳам донистам ин гуфтор дар зеҳнат чӣ зод?

Озарахш, аз ишқ мурдан достони тоза нест,
Бар муроди дил расад он кас, ки меҷӯяд мурод!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дишаб сафои рӯят зебову диданӣ буд,
Як осмон таҷалло як моҳ рӯшанӣ буд

Аз атри гул расидӣ, ё аз латофати боғ,
Нози ту гулшанӣ буд, сози ту гулшанӣ буд

Обитарин тароват, нобитарин назокат
Пироҳани ҳарират обиву савсанӣ буд

Як ёсуман ба дастон, як ёсуман ба домон,
Райҳони гесувонат шодобу растанӣ бул

Барги лабат ба байте оҳанг метаровид
Як ғунча рози хомӯш сармасти гапзанӣ буд

Чашмобачашми пиндор, набзобанабзи дидор
Боварнакарданӣ буд! Боварнакарданӣ буд!

Овард  Озарахшат шеъре ба шодиёна,
Ин  пайки зиндагонӣ дар айни ҷонканӣ буд…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Номи ширини туро нозам, ки номам медиҳад,
Шаккари шукри саодатро ба комам медиҳад.

Бодае равшантар аз ёди ту дар майхона нест,
Чашми мастат масттар бодо, ки ҷомам медиҳад.

То фитод акси ҷамолат дар дили ойинаам,
Моҳу хуршеди фалак бинад, саломам медиҳад.

Манзаре боло набошад аз навозишҳои ту,
Кокулони шашмақомат то мақомам медиҳад.

Як қалам афсонаи ишқи ту ҳастам, Озарахш,
То нафас боқист, ломи ту каломам медиҳад.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ғаме моро ба ёди як нафас дилшод медорад,
Ки дар вайронаи дунё хаёлобод медорад.

Сафои зиндагӣ ҷуз шаккари шукри саодат нест,
Ҳамин як лаҳза боре гар кашад, дар ёд медорад.

Замон дигар, макон дигар, вале дар Бесутуни вақт,
Ҳавои ишқи Ширин домани Фарҳод медорад.

Ман аз дарси муҳаббат бе алифбо ҳарфи дил хондам,
Дар ин мактаб Худо шогирдро устод медорад.

Дигаргун кардани қонуни даврон кори инсонҳост,
Ҳамин сон зиндагӣ дар банди хеш озод медорад!

Садоям дар гулӯ печид бо фикри сухан гуфтан,
Ҷаҳонеро тапиш дар синаи фарёд медорад.

Ҳадиси ҳар чӣ бодо бодро ёрон чаро гуфтанд?
Таваккул, Озарахш, ин хокро бар бод медорад!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Саҳар майхона мерафтам, ки аз масчид садо омад,
Шабошаб соқии мастонамашраб сӯи мо омад

Ҳадиси куфру дин мекарду дар соғар шакар мерехт,
Ки ин мероси Яздондода аз Одамато омад

Бари домони покаш ҷонамози моҳу ахтар буд,
Саре бар остон мебурду дасте бар само омад

Ман ин рози мусалмонӣ надонистам, ки аз меҳраш,
Насоро омаду габр омаду бемоҷаро омад

На шарқиву на ғарбӣ, не ҷанубиву шимолӣ буд,
Чу хуршеде, ки бар ҳар сӯй омад, аз Худо омад

Ғазалҳои равонаш Ҳофизи Шерозро мемонд,
Даме бо Озарахш овоз хонду дар дуъо омад

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шамъро гуфтам, ки як шаб сӯз бо ман, гиря кард,
Гуфтамаш гулхандае афрӯз бо ман, гиря кард.

Гуфтамаш, нолон машав, аз нола ман нолонтарам,
Шеваи шодон шудан омӯз бо ман, гиря кард.

Гуфтамаш, як лолаи наврӯз ҳамранги ту буд,
Гуфт, оре, лолаи наврӯз бо ман гиря кард.

Гуфтамаш танҳотарин танҳо туӣ, гуфто, чаро,
Ҳар кучое буд як худсӯз, бо ман гиря кард.

Гуфтам, аз хомушгуфтанҳои ту фарёдҳо,
Як нафас фарёд ҳам андӯз бо ман, гиря кард...

Гуфтамаш, имшаб ба ҳолат Озарахше ханда зад,
Гуфт он хандоннамо то рӯз бо ман гиря кард...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бе ишқ назар назар надорад,
Бунёди басар басар надорад.

Бе ишқ нафас ҳавои холист,
Симои асар асар надорад.

Бе ишқ на чашмаву на рӯдест,
Умри гузарон гузар надорад.

Бе ишқ сапедаҳо дурӯғанд,
Хуршеди саҳар саҳар надорад.

Бе ишқ най аз шакар нагӯяд,
Яъне, ки найе шакар надорад!

Бе ишқ диле мисоли дил нест,
Лухти ҷигаре ҷигар надорад.

Бе ишқ падар писар наҷӯяд,
Беишқписар - падар надорад!

Бе ишқ лабе, ки қисса мехонд,
Як ҳарфи дигар дигар надорад!

Бе ишқ бубояд аз ҷаҳон рафт,
Сӯе, ки хабар хабар надорад.

Бе ишқ ҳазор Озарахшат
Сӯзад, ки шарар шарар надорад!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Биё, Наврӯз бар кошонаи мо офтоб овард,
Ба шоми интизоронаш чароғи моҳтоб овард.

Замини пир оҳанги ҷавонӣ мекунад имрӯз,
Баҳори нозанинаш боз ёде аз шубоб овард.

Чӣ нӯшин аст ширинхандаҳои духтари бодом,
Ки нозе аз хумор оварду шарме аз гулоб овард.

Суруди рӯд равшан кард хоби кӯҳсоронро,
Вуҷуди сабзаву гул даштро дар инқилоб овард.

Дили санг об шуд аз нолаҳои мутриби борон,
Ки аз абрешими зулфони резонаш рубоб овард.

Ба базми гул чиноре нӯшбоде гуфт мастона,
Муборак бод Наврӯзе, ки мастонро шароб овард!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Таънаи фарзанд қалби модарашро пора кард,
Модари бечораашро боз ҳам бечора кард.

Ҳеҷ тири зиндагӣ сангину дардовар набуд,
Мисли ин захме, ки дар бунёди модар кора кард.

Ин ҳамон модар, ки тифлашро ба ҷои ҷон гирифт,
То биёромад, зи чӯби устухон гаҳвора кард.

Ин ҳамон модар, ки шодиву ғами айёмро,
Шукри қисмат гуфту ҳамчун кӯдакаш пуштора кард.

Ин ҳамон модар, ки умре пеши даргоҳи Худо,
Ҳақталаб, аз баҳри фарзанди азизаш зора кард.

Ин ҳамон модар, ки рӯзу шаб нагуфту хобу хӯр,
Бачаи осуда дар бар, хешро овора кард.

Ин ҳамон модар, ки захми таънаи дилбандро,
Дар ҷигар пинҳон намуду ашк бар рухсора кард...

Ин ҳамон модар, ки бар ин достон бовар насохт,
Суи фарзандаш чу тифли бегунаҳ наззора кард...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Баҳор омаду рафту дилам баҳор надорад,
Хумори рӯи ту дорад, дигар хумор надорад.

Ба обшори нигоҳат қасам, ки ҳушу хаёлам,
Ҷудо зи дору мадорат даме мадор надорад.

Замонавор ту нав мекунӣ ҳавову ҳавасро,
Қарор бо кӣ гирифтӣ, ки ҷон қарор надорад?

Биёр аз лаби ҷонбахш шаҳди хостаатро,
Насиби ёр ба ёр он чӣ ихтиёр надорад.

Даме зи дарси ҳисобу китоби хеш бурун о,
Чунин муодила ҳалле зи ихтисор надорад.

Кӣ дар маҷаллаи дилдодагон ба қаҳр навишта ,
Ки ҳуҷҷати дили гумгашта эътибор надорад?

Ҳазорбора бидидам ба чашм, нимнигоҳе,
Ба ғайри акси ту ин видио навор надорад!

Қасам ба соати дастат, ки умр мегузарад зуд,
Ва Озарахш дигар тоби интизор надорад…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Агар ту боз наоӣ, хумор мемирад,
Нигоҳ мешиканад, интизор мемирад…

Агар ту боз наоӣ, ҳавои хона тиҳист,
Сукут баҳри садои ту зор мемирад.

Агар  ту боз наоӣ, нафас намерасадам,
Тапиш даруни дили беқарор мемирад.

Агар ту боз наоӣ, дақиқаҳо холӣ,
Замон чу  соати вайронакор мемирад.

Агар ту боз наоӣ, ғамист ойина,
Сафо ба чанги хаёли ғубор мемирад.

Агар ту боз наоӣ, умед бемор аст,
Шукуфа боз нагашта баҳор мемирад.

Агар ту боз наоӣ, наво намеборад,
Даруни парда маҷору минор мемирад.

Агар ту боз наоӣ, ғазал намеояд,
Ки Озарахш ба  чашмони чор мемирад.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зи мастиям зимистон мегурезад,
Ки девона зи мастон мегурезад.

Дили гармопарастам сӯи меҳрат,
Чу озодипарастон мегурезад.

Зи дасти фитнаи айём дастам,
Ба сӯи шеъру дастон мегурезад.

Таманноям баҳоре дар каноре,
Канори боғу бустон мегурезад.

Ман он сарчашмаи байту сурудам,
Ки рӯдам аз куҳистон мегурезад.

Саропоям хумори ишқ дорад,
Кучо тифле зи пистон мегурезад?

Ниёзам номаҳои Озарахшест,
Ба номат дилфиристон мегурезад...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Вақте ки танҳо мешавӣ, ойина ёдат мерасад,
Ҳамсуҳбати беминнату бекина ёдат мерасад.

Вакте, ки танҳо мешавӣ, рӯ менихӣ бар хотира,
Ғамгинтарин афсонаи дерина ёдат мерасад.

Вақте ки танҳо мешавӣ, як лаҳзаи гумкардаат,
Монанди як ҳангомаи нақдина ёдат мерасад.

Вақте ки танҳо мешавӣ, овоз мехонад сукут,
Фарёди хомӯши диле дар сина ёдат мерасад.

Вақте ки танҳо мешавӣ, чун Рустами ҷонсӯхта,
Суҳроб ёдат мерасад, Таҳмина ёдат мерасад.

Вақте ки танҳо мешавӣ, дар орзуи як баҳор,
Гулхандаи як дилбари сабзина ёдат мерасад.

Вақте ки танҳо мешавӣ, чун мӯсафеди пинадӯз,
Ҳар кӯк ёдат мерасад, ҳар пина ёдат мерасад.

Вақте ки танҳо мешавӣ, офоқ танҳо мешавад,
Рӯҳи намози хуррами одина ёдат мерасад.

Вақте, ки танҳо мешавӣ, дар байни ёду боди умр,
Аз Озарахшу ҳасрати ганҷина ёдат мерасад.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шикаста бод он нафас, ки номи ту намерасад,
Мабод номае, к-аз он паёми ту намерасад!

Чӣ безиёст дидаҳо, чӣ бенавост чеҳраҳо,
Агар ба дасти дасти ман саломи ту намерасад!

Сапедаҳои зиндагӣ сиёҳкоса мешаванд,
Чу субҳу шом аз лабе каломи ту намерасад!

Ҳазор нола мебарам ба « Шашмақом »- и ин замон,
Садои ман ба пардаи мақоми ту намерасад!

Ба ифтихори ҷоми ҷам чӣ  бодаҳо, ки хурдаем,
Вале чӣ ҷои ҷом, агар ба ҷоми ту намерасад!

Даме, ки байти ишқи мо тамом мешавад, бидон.
Ба Озарахш меҳри бардавоми ту намерасад…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ойинаро бедор кун, симо ба симо мерасад,
Пиндорро дидор кун, пинҳон ба пайдо мерасад

Аз рӯзу шаб берун баро шамсу қамарро ром соз,
Худро ба худ изҳор кун, Маҷнун ба саҳро мерасад

Аз қатра тарфи баҳр рав, аз баҳр сӯи осмон,
Сармаст шав, саршор кун, борон ба дарё мерасад

Дар олами андешаҳо ҳар кас гирифтори худ аст,
Бе фикри сар дастор кун, навбат ба дунё мерасад

Аз ишқ ҳаргиз дам мазан, ин қисса бе ҳарфу ҳиҷост,
Рафтори бегуфтор кун, ҳастӣ ба руъё мерасад

Ҳар ҷо сафои гул бувад, созу навои дил бувад,
Гулзорро дилзор кун, дилҳо ба гулҳо мерасад

Аз шеърҳои Озарахш ояд садои номи ту,
Зери лабат такрор кун, зебо ба зебо мерасад…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

То решае дар об ҳаст, аз гул нишоне мерасад,
Гулбонги садбарги таре аз бӯстоне мерасад

Ҳарчанд ғамгин мекунад бигзаштани айёми хуш,
Рӯзу шаби навҷодае аз корвоне мерасад

Эй мӯсапеди кӯзпушт,  аз кӯзаи даврат бинӯш,
Навбат ба навбат аз пасат пиру ҷавоне мерасад

Парво макун, гар лаҳзае аз ёдҳо берун равӣ,
Беёд розат дар дили рози ниҳоне мерасад

Мушкилтарин айёмро умед равшан мекунад,
То дӯст медорӣ, туро ҳам меҳрубоне мерасад

Холӣ намемонад даме паймонаи озодагӣ,
Ширинзабоне меравад, шаккарфишоне мерасад

Дишаб ба  рӯди Рӯдакӣ сози  ҳумоюн мезадам,
Боз Озарахши тозарахш аз Зарфишоне мерасад

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Нӯшинлабе, ки кӯзаи маҳтоб мекашад,
Аз Чашмаи Ҳабиб киро об мекашад?

Мо ташнаем бар дари майхонаи замон,
Соқии базм бо кӣ маи ноб мекашад?

Дил чун диҳем бар равиши даври рӯзгор,
Дарёи давр косаи гирдоб мекашад!

Рӯзи нахуст номаи мо инчунин фитод,
Беҳудагӯст он, ки дигар боб мекашад

Дарсест зиндагӣ, ки чу андарзи Рӯдакӣ,
Сад даҳрро ба манзили одоб мекашад

Садсолаҳо гузашту ба фатвои Пири Тӯс,
Рустам ҳанӯз мурдаи Суҳроб мекашад

Дилёбтар зи марди сухан кист, Озарахш,
К-аз қаъри баҳр гавҳари ноёб мекашад?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ба ғайр рози синаро касе хабар намекашад,
Агар кашӣ, ту мекашӣ, каси дигар намекашад

Ба бод хондаӣ магар таронаи шабонаро,
Ки боғ бе бару мабар диле ба бар намекашад?

Куҷо занам навои дилкушои андалебро,
Чаман кашида домане, ки гул назар намекашад

Гуноҳи осмон чӣ буду абру офтоб чӣ,
Чу аз замини шӯразор сабза сар намекашад?

Туӣ, туӣ, ки мерасӣ ба қадри қиссаҳои ман,
Дар ин замон ба ҷуз лабат лабе шакар намекашад

Хушо мусофире, ки дар хаёли манзили умед,
Дилаш шикаста аз сафар, сар аз сафар намекашад

Нафас-нафас биё, бидам, ба ҷони Озарахши хеш,
Мисоли ман нафас-нафас каси дигар намекашад

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шабҳои мо сафеданд, маҳтоб зинда бошад!
То хоби мост равшан, ин хоб зинда бошад.

Шеъри сафеди моро шаҳди сапедаҳо дод,
Ин рӯзгори шоду шодоб зинда бошад.

Шаб номае навиштам бар шаҳриёри Тӯсӣ
Бигзор пеши Рустам Суҳроб зинда бошад.

Сабз аст то Бухоро аз гиряи Зарафшон
Дар домани Душанбе Варзоб зинда бошад!

То тоб мезанад дил дар зулфи печ – пече
Ин тоб зинда бошад, он тоб зинда бошад.

Бо ёди зинда будан оҳанги ёр кардем
Оҳанги зинда будан дар ёд зинда бошад!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Навори рӯз, ки дар мавҷи об мешиканад,
Равон ба акси рухи офтоб мешиканад

Ҳазор силсила дар як хаёл мепечад,
Ҳазор қофила бо як сароб мешиканад

Ҳадиси умр ҳамин аст, эй мусофири вақт,
Надида чашми тамошо ҳубоб мешиканад

Шабе чу гулшани маҳтоб хоб меояд,
Шабе чу хирмани маҳтоб хоб мешиканад

Хушо касе, ки дар ин корзори рӯбинон,
Лиқои хеш намояд, ниқоб мешиканад

Тамоми валавалаву шӯри одаму олам,
Ҳарими меҳр шавад, инқилоб мешиканад

Ман аз навиштани мактуби ишқ метарсам,
Китоб чун бикунандаш, китоб мешиканад

Дареғ мехурам  аз ҷомҳои нохурда,
Ки шиша-шиша хумори шароб мешиканад

Ба косахонаи гирдоби рӯд сар ниниҳед,
Дар ин гумоба навои рубоб мешиканад

Чӣ бехабар бинишастем, Озарахш, гузашт,
Даме, ки дар нафасаш шеъри ноб мешиканад

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дишаб дар оғози ғазал гулбарги нозат ёд шуд,
Гулбонг зад ҳарфу ҳиҷо, оҳанги созат ёд шуд.

Садбарги шавқу орзу хандону атрафшон шукуфт,
То дар хумори як нафас як ғунча розат ёд шуд.

Соат бурун рафт аз замон, андозаҳо дарҳам шикаст,
Сӯзу гудози синаро сӯзу гудозат ёд шуд.

Андешаҳо шириннавоз, овозҳо шевонаво,
Шевонавоят парда зад, шириннавозат ёд шуд.

Дар суҳбати дидорҳо хомӯшу гӯё васл гашт,
Арзи ниёз аз ҳад гузашт, то бениёзат ёд шуд.

Дил медавиду метапид дар банди мушкинёли шаб,
Боли сапеда боз гашт, оғӯши бозат ёд шуд.

Буду набуди Озарахш афтод дар пои қалам,
Бо ин ҳама афтодагӣ аз сарфарозат ёд шуд....

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Субҳи тобистон савоб омад,
Омадиву офтоб омад.

Зарҳалӣ шуд хотироти боғ,
Сӯи ҷӯи ташна об омад!

Ояти ойина мехондам,
Аз сафоят ин хитоб омад:

Панҷ андарзи муқаддасро,
Боз хону бин, китоб омад.

Ман ҳумоюнам, муборак гуй,
Зиндагиро, инқилоб омад!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Намози ид мехондам, ки аз номат салом омад,
Чӣ шодона, чӣ идона! Паём андар паём омад

Сукутам дар садо печиду овозам ба хомӯшӣ,
Ниёзам дар наво, оҳангҳоям дар калом омад

Ба ҳам шуд масчиду майхонаву меҳробу паймона,
Қиём андар қиёмат, ё қиёмат дар қиём омад!

Худовандо! Чӣ субҳе буду шоме буду сомоне,
Ки моҳу офтобам бар лаби як пардабом омад

Нафас гум гашту пайдо гашту хандон диду гирён шуд,
Баҳор омад? Хазон омад? Намедонам кадом омад?!

Ҳамин ҳарфи муҳаббат буду ҷони Озарахши ту,
Ба меҳри бардавому достони нотамом омад...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ватан! Афсонапардозе туро афсона мехонад,
Ҳақиқатхонаосоре ҳақиқатхона мехонад

Яке дар кӯҳсори шодмонат қаср мебинад,
Яке кошонаи ғам дар бағал, кошона мехонад

Туро дар сарнавишти хеш меболанду меноланд,
Яке обод месозад, яке вайрона мехонад...

Якеро дар ғарибӣ як кафи хоки ту ҷондоруст,
Яке дар доманат ҳангомаи бегона мехонад

Туро марди раҳе манзил ба манзил мекунад дунё,
Ҳаваспаймонае як гардиши паймона мехонад

Ҳабибе месарояд шоҳбайти шоҳроҳатро ,
Ҳабисе, тангчашме ҳасрати гургона мехонад

Маҳалбозе зи кӯрии  назар садпораат хоҳад,
Ҷаҳонсозе ба ҳастӣ гавҳари якдона мехонад

Ту, аммо, бо ҳама як модар астӣ, як ватан ҳастӣ,
Ки ҳар чӣ ояд аз фарзандҳо, шукрона мехонад....

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дигар мапурс, дарди сарамро, ки бозмонд?
Сӯзан халидани ҷигарамро, ки бозмонд?

Дигар магӯ, ки сӯзиши поят тамом шуд?
Савдову ғурбати сафарамро, ки бозмонл?

Дигар мапурс, сели балои дилам гузашт,
Тӯфонҳавои баҳру барамро, ки бозмонд?

Дигар магӯ, ки мавсими шодӣ фаро расид,
Хунқатраҳои чашми тарамро, ки бозмонд?

Дигар мапурс, хотираором  гаштаам,
Хобу хаёли пурхатарамро, ки бозмонд?

Дигар магӯ, магӯ, ки ғамат рафт, Озарахш,
Борони ҷовидонгузарамро, ки бозмонд?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хостам донам, ки борон ёди сахро мекунад?
Оби раҳмат раҳмате бар кӯҳи хоро мекунад?

Хостам пурсам, дубора об меояд ба ҷӯй,
Боғоро боғро орову торо мекунад?

Хостам бинам, ки дар чашме муҳаббат ҳаст, нест,
Бевафову бовафо бо ҳам мадоро мекунад?

Хостам ёбам, миёни масчиду майхона чист?
Хонақаҳ фарки мусалмону насоро мекунад?!

Хостам бовар намоям, зидди сарҳадди замон,
Ин Зарафшон боз оҳанги Бухоро мекунад?

Хостам дасти туро гирам, ки дунёи маро,
Боз саршори навову атри соро мекунад?

Хостам, бе муддаъои марг донам, Озарахш,
Зиндагӣ ҳам фикр аз нодору доро мекунад?!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ин тӯдае, ки бо мо имшаб ба пурсу посанд,
Дар рӯзи рӯшноӣ моро намешиносанд

Суратпарасти эшон сират намепарастад,
Дар зер чандапӯшанд, аз рӯй хушлибосанд

Ҳар чизро ба чизе ташбеҳ ҳаметавон кард,
Аммо ба олами хеш ин зумра беқиёсанд

Сад ранг менамоянд, сад рӯй мекушоянд
Худхоҳу худфурӯшанд, дунони носипосанд

Бо аҳли бебасират аз равшанӣ чӣ гӯям?
Ин кӯршабпаракҳо аз рӯз меҳаросанд!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳамон рӯзе, ки занро офариданд,
Гули нози чаманро офариданд

Ба ҳусни қоматаш андоза карданд,
Сипас сарву суманро офариданд

Ба нураш анҷуман зад моҳу анҷум,
Ҳадиси анҷуманро офариданд

Зи банди устухон Ҳавво сириштанд,
Зи Одам хештанро офариданд

Каломи ишқ дар қалбаш навиштанд,
Ба марду зан Ватанро офариданд

Нахустин шеърро он дам суруданд,
Ки дар васфаш суханро офариданд

Чӣ гӯям, Озарахш, аз рози занҳо?
Ба мо Одам шуданро офариданд...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳодиса ашк мешавад, манзара гиря мекунад,
Фосила оҳ  мекашад, хотира гиря мекунад.

Вой,  ба ин замон чӣ шуд,  мулк  чӣ шуд, макон чӣ шуд?
Куҳначаҳон ба ҳоли худ шашдара гиря мекунад.

Кишваракон ба сӯи ҳам тиру гулӯла мезананд,
Қалби замин даридааст, бефара гиря мекунад.

Чӯли Ироқ хастаҷон  аз хатари самуми ҷанг,
Шаҳри Фаранг мотамӣ, пайкара гиря мекунад.

Обу ҳавои Суриё ғарқаи хуну нафт шуд,
Муъмину кофари бараш яксара гиря мекунад.

Шуҳраи  Шарқу Ғарб  гашт оташи хоки Украин,
Рӯд  аланга мезанад, шаршара гиря мекунад.

Модари русро чӣ ғам, Маскави синааш бисӯхт,
Кӯдаки курдро кӣ кушт? Анқара гиря мекунад!

Хонаи офият  куҷост, дар ҳама даҳр, Озарахш,
Панҷа ба дар, ки мезанӣ, панҷара гиря мекунад…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шоме, ки мебиёӣ, ойинаҳо ҷавонанд,
Дидорҳои ташна ҳамрозу ҳамзабонанд

Шоме, ки мебиёӣ, чашми ситора равшан,
Андешаҳои пазмон хушҳолу меҳрубонанд

Шоме, ки мебиёӣ, дар ёди қатра дарёст,
Эҳсоси тозаэҳё ҳамрӯҳу ҳамравонанд
Шоме, ки мебиёӣ, дасти чаман дароз аст,
Гулҳои боғи имон  саршори осмонанд

Шоме, ки мебиёӣ, хуршеду моҳ ҳамдам,
Дар соати замона асрор ҷовидонанд

Шоме, ки мебиёӣ, оғӯши ишқ дунёст,
Дарёву кӯҳу саҳро руъёи ошиқонанд

Шоме, ки мебиёӣ, субҳи саодат аз мост,
Шаб то ба шаб таманно аз бахт шодмонанд

Шоме, ки мебиёӣ, номи калима зебост
Аз сози Озарахшат дилҳо таронахонанд…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Мусофирон ба сафар мераванду меоянд,
Зи мулки ёр бадар мераванду меоянд

Зи  моҳи шаб лаби ноне гирифта зоди сафар,
Чу офтоби саҳар мераванду меоянд

Ҳазор дар бизананду ҳазор хонаву қаср,
Ба ёди хонаву дар мераванду меоянд

Ватан ҳамеша Ватан ҳаст бар ғарибу қариб,
Ба ин дуъои падар мераванду меоянд

Худои рӯзрасон медиҳад раҳи рӯзӣ,
Ба бӯи ризқ агар мераванду меоянд

Ҳазор кисаи зар ёфтанд агар дар роҳ,
Ҳазор кисаи зар мераванду меоянд

Ҳазор хуни ҷигар гар кашанд аз қисмат,
Ҳазор хуни ҷигар мераванду меоянд

Ҳазорбора қасам мехуранд зидди сафар,
Ҳазор бори дигар мераванду меоянд...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Гар зи мо монад суруде, рӯдҳо хоҳанд хонд,
Чашмаҳо бо чашми ашколудҳо хоҳанд хонд.

Достони ишқамонро ишқбозони дигар,
Бо умеди беҳтарин мақсудҳо хоҳанд хонд.

Мисли як маҳфил пушаймоне, ки ёри рафтаро,
Дар  хаёли будаву нобудҳо хоҳанд хонд.

Бо ҳавои ҳой-ҳои безабони нойҳо,
Чангҳову созҳову удҳо хоҳанд хонд.

Ёд ояд, сӯхтанҳои саропошамъро,
Шуълаи оташ ба сина, дудҳо хоҳанд хонд!

Рафтани мо омадан дорад мисоли рӯзу шаб,
Сарнавишти маргро мавлудҳо хоҳанд хонд.

Ҳар дуруде доштем аз сози ҳастӣ, Озарахш,
Мутрибон дар дафтари падрудҳо хоҳанд хонд...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Як замон ойинаҳо аз руйҳо ёд оваранд,
Дӯстдорон аз муҳаббатҷӯиҳо ёд оваранд.

Номаву номе, ки гум карданд ёрон бехабар,
Кӯча-кӯча аз ғубори кӯйҳо ёд оваранд.

Қиссаи шодоби гулро бо ҳама сарчашмаҳо,
Боғҳо дар сарнавишти ҷӯйҳо ёд оваранд.

Хуш ба ҳоли дӯстони ҳамзабон, то як назар,
Оламеро дар хами абрӯйҳо ёд оваранд.

Атри гесӯи баҳори ошиқӣ поянда бод,
Дар чаманзоре, ки райҳонбӯйҳо ёд оваранд.

Офтобу баҳрро дар қуллаи авҷе шинос,
Оби гавҳарро, ки гавҳаршӯйҳо ёд оваранд.

Озарахшо лаззате дорад сухан он лаҳзае.
Аз ғазалҳои ту ширингӯйҳо ёд оваранд…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бозорро бипурс, ки нархи пиёз чанд?
Баҳри шакарфурӯш аз он имтиёз чанд?

Гарде барои қиммати  одам талош хаст?
Гар нест, ин муомила гардад дароз чанд?

Бори гуноҳи кист, тарозушикан шуда,
То паҳлуи савоб ба санге ниёз чанд?

Пасту баланд гаштани нарху наво нигар,
Дар роҳи рост қиссаи шебу фароз чанд?

Гӯсола аз гаронии худ фахр мекунад,
Ин хез-хез то ба кайу тоз-тоз чанд?

Аз баҳри даҳ дирам қасами фаҳш мехуранд,
Доду гирифти дур зи инсоф боз чанд?

Занҳо ба гарму сарди ҳаво хӯ гирифтаанд,
Мардони кор, дар паси ин қисса роз чанд?

Девонагон ба зарби замон рақс мекунанд,
Аз ҷомаи даридаи худ ноз-ноз чанд?

Савдогарони вақт чӣ donанд, Озарахш,
Дар ифтихори бофтае эътироз чанд?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Қатра баҳри қатра аз дарё ҳикоят мекунад,
Зарра пеши зарра аз дунё ривоят мекунад

Ҳар касе андозаи худро накӯ донад, накӯст,
Баҳр то баҳр аст, соҳилро риоят мекунад

То расад пасту баланди зиндагӣ пасту баланд,
Паст пеши паст аз боло шикоят мекунад

Давлате гар ҳаст дар дунё, қаноатпешагист,
Нафси саркашро кафи хоке кифоят мекунад

Эй хуш он фурсат, ки андар ҷодаи одамгарӣ,
Одам одам будани худро ҳимоят мекунад

Озарахш, оғозу анҷоми ҷаҳон ин нукта аст:
То иноят мекунӣ, умрат иноят мекунад…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дил ба меҳри зиндагӣ монӣ, намонӣ, меравад,
Рафтанашро аз барат донӣ, надонӣ, меравад.

Давр хоҳад гашт ин гардункуҳан бо макри нав,
Даври худро з-ин миён ронӣ, наронӣ , меравад!

Аспи симини саҳарро чун сияҳмушкини шаб,
Дар чарогоҳи назар бонӣ, набонӣ, меравад.

Қуввате дорӣ, бисанчу аз каму бешат маранч,
Давлататро ёфтан тонӣ, натонӣ, меравад.

Озарахш, оғӯш бикшову ғазалгӯён биё!
К-ин суруди ишқро хонӣ, нахонӣ, меравад

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

То як тарона ҳаст, ҷавонӣ намеравад,
Як ошиқона ҳаст, ҷавонӣ намеравад

Баҳри ниёз бурдану ҳамроз ёфтан,
То як баҳона ҳаст, ҷавонӣ намеравад

То дар канори саҳнаи гардони синаҳо
Чангу чағона ҳаст, ҷавонӣ намеравад

Пирии боғбони муҳаббат зи сол нест,
То меҳрдона ҳаст, ҷавонӣ намеравад

То аз баҳори хуррами ғарқи хуморҳо
Як гул нишона ҳаст, ҷавонӣ намеравад

Эй чашмаи нигоҳи ту ойинаи ҳаёт,
Дидорхона ҳаст, ҷавонӣ намеравад!

Бо Озарахш ҳарфи зимистон чӣ мезананд?
То як ҷавона ҳаст, ҷавонӣ намеравад!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй, ки дар ёдат раьи пиндор мавзун мешавад,
Номи ту ояд ба лаб, гуфтор мавзун мешавад

То жамолатро мунаввар мекунанд ойинаьо,
Дар хумори диданат дидор мавзун мешавад

Тарсам аз хоби дурушти зиндагонӣ нест, нест,
Ыиссаат то дар дили бедор мавзун мешавад

Эй баландии нигоьат номаи ьарфи баланд,
Дар ыади зебои ту ашъор мавзун мешавад

Ин щазал бо шеваи як бор ширин хонданат,
Жовидон, такрор бо такрор мавзун мешавад...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зиндагонӣ аз нигоҳе тозаву тар мешавад,
Он чӣ дилбар мешавад, аз меҳри дилбар мешавад

Хонаи умеди ҳар ёбандае ҷӯяндагист,
Шеваи бархостан аз хостан сар мешавад

Ошиқу маъшуқ аз рӯзи азал ҳамқисматанд,
Пеш аз наврӯз рӯзу шаб баробар мешавад

Як нафас хушбахт будан қиссаи садсолаҳост,
Қатра аз шӯру қиёми баҳр гавҳар мешавад

Меваи сабри азизони Худо  аз боғи кист?!
Пеши пои хоксорон хоки раҳ зар мешавад

Озарахш, ин мисраъ аз санги мазоре ёфтам,
Дар сулуки озарахшӣ санг озар мешавад

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Агар нишони муьаббат фищону нола бувад,
Муьаббати дили ман садьазорсола бувад

Нахустнолаи най ьойи устухони ман аст,
Ки аз хамири бани Одамаш зувола бувад

Дигар тарона ба унвони ошиыонаи мост,
Зи номи мост, ьар он май, ки дар пиёла бувад!

Жудо зи мову ту розу ниёз чизе нест,
Чӣ суд аз сухане к-ӯ зи моьу ьола бувад?!

Барои маърифати ишыи мо замон танг аст,
Давоми ыисса ба лабьои Зулжалола бувад...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

То рухат дар дидаи бедор равшан мешавад,
Чашмаи ойина аз дидор равшан мешавад.

Шарфаи поят чу ояд аз хиёбони хаёл,
Хонабазми соати девор равшан мешавад.

Сад баҳори рафта баргардад чаман ороста,
Як гул аз рӯят чу дар гулзор равшан мешавад.

Номаи меҳри туро ҳар кас ба маъное бихонд,
Нури Ҳақ дар синаи ҳақдор равшан мешавад.

Шеър гуфтан, ҷони ман, ҳангомаи беҳуда нест,
Дар раҳи гуфтор шоми тор равшан мешавад.

Лаб барам номи туро, ғарқи ғазал гардад ҷаҳон,
Аз сафоят шеваи ашъор равшан мешавад.

Озарахш, оғоз шуд оҳанги гарми «Ёр-Ёр»,
Ин суруд аз савти ёди ёр равшан мешавад.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Сабаби  омаданам дидани дидори ту буд,
Назаре маърифати дидаи бедори ту буд

Тапиши ҷону таманнои ҷаҳон, яъне чӣ?
Як нафас лаззати зебоии осори ту буд!

Умри ман бохабару бехабар оҳанге дошт,
Вои он лаҳза, ки бехотиру пиндори ту буд!

Саҳар ойина гирифтам, ки тамошо кунамат,
Эй басо чашм, ки дидам, паси девори ту буд

Зор монад дили савдозадаи безорӣ,
Ки сад озор кашид аз ту, вале зори ту буд

Ин мабодо, ки биҷӯиву наёбӣ рӯзе,
Озарахше, ки ҳама умр талабгори ту буд

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Пеш аз милод ҳам милоди ту дар дида буд,
Олами зебову меҳрободи ту дар дида буд

Соати дидори моро вақт дар хотир надошт,
Аз замонҳо бехабар миоди ту дар дида буд

Барги нозат то ба чашмонам нишасту гул кушод,
Шохаи савсангуле бо ёди ту дар дида буд

Қуллаи авҷи муҳаббатро чӣ дастоне бисохт,
Аз сукуте, ки пур аз фарёди ту дар дида буд?

Эй таманноят тамошои хумористони ҷон,
То диламро бурдаӣ, бунёди ту дар дида буд!

Аввалин рӯзе, ки бикшодам китоби ишқро,
Сурати озодаву озоди ту дар дида буд

Озарахш, оғӯши худро боз кардам ҳар нафас,
Як ғазал баҳри муборакбоди ту дар дида буд

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шоду бишкуфтаӣ, ту эй хуршед,
Ё барошуфтаӣ, ту эй хуршед.

Аз сари субҳ масту махмурӣ,
Шаб куҷо рафтаӣ, ту эй хуршед?!

Гавҳари нурро ба ашки висол,
Пеши кӣ суфтаӣ, ту эй хуршед,

Қиссаҳои мусофирии маро
Ба чӣ кас гуфтаӣ, ту эй хуршед?

Рози рӯзонаро ба шаб хондӣ,
Ё ки бинҳуфтаӣ, ту эй хуршед,

Сару рӯят тилоча часпидаст,
Дар куҷо хуфтаӣ, ту эй хуршед?!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Кабки ҳамсоя, ки  ин субҳ азон мегӯяд,
Сирри гулдаста ба гулбоди вазон мегӯяд

Нафсро банду бари боғи таманно биншин,
Бо гиёҳе, ки нишон аз рамазон мегӯяд

Рӯзадор аст табиат, ба забон номи азиз,
Розҳое зи баҳору зи хазон мегӯяд

Ростӣ, дар бари ин қофилаи арзи ниёз,
Рӯзахорест агар, низ аз он мегӯяд....

Озарахш, аз дили хунхораи худ ҳайронам
Чӣ шикастаст, ки ангуштгазон мегӯяд.!...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хуш ба каломе, ки писанди ту шуд,
Хамназари нози баланди ту шуд

Кони шакар гашт зи гулхандаат,
Шаҳди саломи лаби қанди ту шуд

Печ зад аз печухами кокулат,
Мисли дил озод ба банди ту шуд

Чашми ту хондаш хабар аз шоҳбайт
Роҳи бирешим зи паранди ту шуд

Себи Самарқанд ба Широз бурд,
Шуҳраи Табризу Хучанди ту шуд

Ҷону тан аз ҷонутанӣ бехабар,
Ҷони ҷаҳонаш, ки ба чанди ту шуд

Чун ғазали чун асали Озарахш
Хотира шуд. Хотираманди ту шуд...

[Китобхона]

Facebook.com/Китобхона

Лаҳза омад, ҷовидон оғоз шуд,
Бекарон аз чашми як дам боз шуд

Боз шеъри тоза меояд ба лаб,
Ишқи куҳна бо ғами нав соз шуд

Ман фақат як ёди ширин доштам,
Ёди ширин ҳарфиширинбоз шуд

Бар дили хомӯшам овозат расид,
Боз хомӯшии ман овоз шуд

Мурғи ҷонам сӯи ҷонат пар кушод,
Муддати парвоз шуд, пар воз шуд…

Соати нозуктарин дармерасад,
Ноз кун, ҷонам, замони ноз шуд

Дигар асрорам ту дониву  Худо,
Боз ҳарфи Озарахшат роз шуд.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳангома ончунон рафт, афсона инчунин шуд,
Гул кард тарки гулшан, булбул қафаснишин шуд.

Ангезҳо нуҳуфта, овозҳо гирифта,
Дар пардаи хазонрез оҳанги ҷон ҳазин шуд.

Ҳар сӯй боди сарде, ҳар рӯй ранги зарде,
Шодӣ куҷо, ки олам бо дард ғамқарин шуд?!

Э вой, войи дилҳо, вомонда пои гилҳо,
Сарҳои мастгардон бар хок ҳамҷабин шуд.

Савдои боғро бин, базми калоғро бин,
Дасти фиреби даврон аз хор хӯшачин шуд.

Тахти баҳор бишкаст, тоҷи хумор бишкаст,
Ангуштари Сулаймон бо дев ҳамнигин шуд.

Ҳайфи муҳаббати гул, дурӯза навбати гул,
Як осмон таманно як ҳасрати замин шуд.

Фарёд, Озарахшо, он сози тозаиншо,
Дирӯз аввалин буд, имрӯз охирин шуд…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зарра-зарра мешавад мӯҳо сафед,
Сабзаҳои ришу абрӯҳо сафед

Ҳамчунон барфе, ки аз биншастанаш,
Менамояд барзану кӯҳо сафед

Устухонҳои дарахти боғи тан,
Дар раҳи пайки парастуҳо сафед

Абрҳо дар баҳри дури осмон,
Мекашанд аз сурати кӯҳо сафед

Фасли яхбандии пиндору ҳавост,
Ҳамчу об андар раги ҷӯҳо сафед

Мӯсафедӣ мерасад, эй Озарахш,
Ашк дар чини бари рӯҳо сафед...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дилогоҳон, дилогоҳон, дилам танг  аст, медонед?
Ҳадисам  аз мақоли  шишаву санг аст, медонед?

Нафасгирӣ чӣ душвор  аст  ҳангоми  нафасгирӣ!
Ҳамин ҳангома  бо ҷонам  ҳамоҳанг  аст, медонед?

Гурӯҳе  дар найистони  замона ранг  мерезанд,
Най  андар ранг  чун  омехт, найранг  аст, медонед?

Бисӯзад  решаи  он оштӣ, к-аз ҷанг  бархезад!
Ҷаҳон  бо ҷони ман  дар  оштиҷанг  аст,  медонед?

Ба чашми танги Чингизӣ  само  хунрез  метобад,
Ба  пои  ланги  Темурӣ замин  ланг  аст, медонед?

Чӣ ҷои осмони  тираи  таърихи  инсонӣ!
Замин як  пора  гӯристони  фарҳанг  аст, медонед?

Садо ояд ба  гӯшам, Озарахш,  аз  Зуҳраи  чангӣ,
Навои  чангатон  дар  чанги  харчанг аст, медонед?!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй нозанинони чаман, кошонаороӣ кунед!
Гул ёди маҳфил кардааст, ӯро пазироӣ кунед!

Наврӯз дар рӯи шумост, ойинаҳоро бингаред,
Овози дил дар сози дил, оҳанги дороӣ кунед!

Ранҷи дигар, эй ранҷҳо, ганҷи дигар, эй ганҷҳо,
Бар ҷони анбар ҷо шавед, ангези сороӣ кунед

Эй ошиқони покбоз, чашми мусалмонбозсоз,
Исонафас берун шавед, тарки насороӣ кунед!

То чанд банди кофтан дар кӯҳу дарё ёфтан,
Зарри Зарафшони маро тоҷи Бухороӣ кунед!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Боғҳо ҷома дариданд, ки бигзашт баҳор,
Мурғакон нола париданд, ки бигзашт баҳор

Оҳувони бағали кӯҳу дара аз паи бод,
Алафи навҳа чариданд, ки бигзашт баҳор!

Мардум он пираҳаноне, ки фиканданд зи дӯш,
Бори дигар бихариданд, ки бигзашт баҳор!

Лолаву сабзаву себаргаву райҳон ночор,
Аҳди яксола буриданд, ки бигзашт баҳор!

Ҳайфи он тозанигорон, ки ба ойинаи давр,
Ноз-нозон нигариданд, ки бигзашт баҳор...

Озарахш, ин ғазал аз тирамаҳе бар сари мо,
Офаридандуфариданд, ки бигзашт баҳор!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хуршед ба ойина гуфто, ки салом, эй ёр!
Ойина ҳам аз сина гуфто, ки салом, эй ёр!

Бо созу навои нав, бо меҳру сафои нав,
Ду ошиқи дерина гуфто, ки салом, эй ёр!

Гулбоғи ҷавониро, хилватгаҳи ҷониро,
Бикшода чу ганҷина гуфто, ки салом, эй ёр!

Тақвими замони ишқ, овард макони ишқ,
Як бегаҳи одина гуфто, ки салом, эй ёр!

Дил дар бари дил бинишаст, ҷон гашт ба ҷон пайваст,
Мастонаву бекина гуфто, ки салом, эй ёр!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Мо навоеро намедонем мисли «Ёр-Ёр»,
Достонеро намехонем мисли «Ёр-Ёр»

Донаи ганҷи сухан дар сина бар дарёи меҳр,
Завраќи  умед меронем мисли «Ёр-Ёр»

Ёрро то дар дилу дар дидаҳо дарёфтем,
Дар дилу дар дида  мемонем мисли «Ёр-Ёр»

Бар раҳи дилдодагон, бо шеваи озодагон,
Пойкӯбону сарафшонем, мисли  «Ёр-Ёр»

Асл дар имони мову васл дар паймони мост,
Чорфасли ишқбозонем мисли «Ёр-ЁР»

Озарахш, аз номи мо дигар чӣ мемонад нишон?
Номаи ҷон пеши ҷононем, мисли «Ёр-Ёр»

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй, ки аз обу гилӣ, обу гилеро пос дор,
Ҳамдиле хоҳӣ, дили соҳибдилеро пос дор

Аз ҳади худ по бурун мондан намеояд накӯ,
Баҳр ҳам бошӣ, ҳудуди соҳилеро пос дор…

Манзили имрӯзаат сарманзили бигзаштаҳост,
Манзалат хоҳӣ, ту ҳам сарманзилеро пос дор

Мушкили борону барфи зиндагӣ бар ҳар сарест,
Хотири ёрони сардармушкилеро пос дор

Нафси дунё дастгират нест рӯзи моҷаро,
Молу мулкат аз сарат монад, дилеро пос дор!

Ҳар чӣ мекорӣ, ҳамон мерӯяд аз домони хок,
Ҳосиле хоҳӣ, нахустинҳосилеро пос дор

Ақл моле нест, аз бозорҳо бо пул харӣ,
Ганҷи дорой биҷӯӣ, оқилеро пос дор

Озарахш, ин пандро аз шамъи рӯе хондаам,
То равӣ маҳфил ба маҳфил, маҳфилеро пос дор!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Магӯ, ки чора надорам, биёву чора биёр,
Маро дубора ба худ бар, маро дубора биёр!

Намекашад ғами садсоларо сабукрави вақт,
Барои силсилаи ашки ман қатора биёр!

Намондаам қадаме аз назораат берун,
Чунин надида мапиндор, як назора биёр!

Барои куштани ман як ишораат кофист,
Барои зистанам низ як ишора биёр

Ҳар он чӣ хостаам, ҳаст рӯи дастонат,
Бигӯямат, ки бирав з-осмонситора биёр!?…

Аз ин замонаи пурҷангу ҷӯши бемаъни,
Канори туст канора, маро канора биёр!

Саромади ҳама пайванд дар вуҷуди ту ҳаст,
Тараҳҳуме ба дилу ҷони пора-пора биёр.

Вагарна баъди сари Озарахш бар сари хок,
Навиштаҷоти маро рӯи санги хора биёр…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Меравӣ, бори дигар ёди маро бо худ бубар,
Лаҳзаҳои меҳрбунёди маро бо худ бубар

То насозам боз дунёро пур аз фарёдҳо,
Як нафас дунёи фарёди маро бо худ бубар

Хотират ҷамъу дилат беғам, вуҷудат шод бод,
Синаи дар кунҷи ғам шоди маро бо худ бубар

Ҳар куҷо пар мезанад мурғи дили озодаат,
Рӯҳи дар сад банд озоди маро бо худ бубар

Бе ту лабҳоям агарчӣ  соҳили хушкидаанд,
Байтҳои рӯдободи маро бо худ бубар

Ин сафар ҳам накди ҷон овардаам, чун Озарахш,
Зоди роҳи ман ҳамин, зоди маро бо худ бубар

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ба бедорӣ намеоӣ, ба хобам ой, ё модар!
Ба хоби дидаи дидоркобам ой, ё модар!

Сари Сарчашма ҳайрон мондаам дар ҳасрати чашмат,
Ба ёди чашмаи хушкидаобам ой, ё модар!

Намедонам, чӣ ҳарфе бурдаӣ бо хеш ногуфта,
Ҷавобе бар саволи беҷавобам ой, ё модар!

Фурӯғ аз рӯзгорам рафт бо рӯи банури ту,
Ба рӯи офтобу моҳтобам ой, ё модар!

Кӣ мегӯяд, дилат дигар ба ҳоли ман намесӯзад?!
Яке бар пурсиши ҳоли харобам ой, ё модар!

Ту мегуфтӣ, рубобе зан, хамӯшиям забон ёбад,
Кунун бар хомушистони рубобам ой, ё модар!

Кӣ мебӯсад китоби Озарахшатро ба ҷои ту?
Ба авроқи парешони китобам ой, ё модар!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҷудо гаштам зи домонат, паноҳат бар Худо, модар,
Худо бошад нигаҳбонат, паноҳат бар Худо, модар.

Чӣ гирён аст чашми ту, Зарафшон аст чашми ту,
Бимирам дар Зарафшонат, паноҳат бар Худо, модар!

Надидам аз касе меҳре, ки дорад чашми пазмонат,
Фидои чашми пазмонат, паноҳат бар Худо, модар.

Ту дасте дар дуъо дорӣ, ки бошад сабз ҷони ман,
Дилу ҷонам ба дастонат, паноҳат бар Худо, модар.

Бубахшо шири покатро, суруди дарднокатро,
Ба фарзанди ғазалхонат, паноҳат бар Худо, модар!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Метавонӣ ёфт ҳар ҷо хонаву хони дигар,
Метавонӣ кард ҳар ҷо аҳду паймони дигар.

Метавонӣ ёр хондан як замон ағёрро,
Бар фаромӯшӣ супурдан ёди ёрони дигар.

Метавонӣ ҷон фишондан пеши ҳар ҷононае,
Дилниҳодан, сар супурдан баҳри ҷонони дигар.

Метавонӣ ҳамчу боди булҳавас доман кашӣ
Аз хиёбони дигар сӯи хиёбони дигар.

Метавонӣ ханда кардан, гиря кардан, зистан,
Ҳар кучо, аммо намеёбӣ Зарафшони дигар.

Метавонӣ як каф аз хоки Ватан бо худ барӣ
Нест аммо дар ду дунё Тоҷикистони дигар…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Насими мучдарасон, аз замонаҳо чӣ хабар?
Фиғон  зи  фасли хазон! Аз чавонаҳо чӣ хабар?

Чаҳону дехаву шаҳраш мусибатангез аст,
Ба кӯчаҳо чӣ ҳаёҳу? Зи хонаҳо чӣ хабар?

Ба ғайри ғурбати ёрон чаро паёме нест,
Ба чуз расидани ғам дар расонаҳо чӣ хабар!?

Ғубори чанг  ба чашму забони халқ нишаст,
Кучост оташи сулҳ, аз забонаҳо чӣ хабар?

Чӣ мазҳабеву чӣ ойин, ки марг мекорад,
Зи киштзори дилу меҳрдонаҳо чӣ хабар?!

Муҳаббати бани одам кучост, эй мардум,
Зи нуру маърифати ошиқонаҳо чӣ хабар?

Дамад зи санги мазор  Озарахш ин оҳанг:
Садои воча кучо, аз таронаҳо чӣ хабар?!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй маншаъи шодии дил, субҳат хушу шомат ба хайр!
Шодии шамшодии дил, субҳат хушу шомат ба хайр!

Эй омаданҳоят ба ҷон, намнамзаданҳоят ба ҷон,
Борони милодии дил, субҳат хушу шомат ба хайр!

Аз марзи зебозодагӣ то сарҳади озодагӣ
Дарёи озодии дил субҳат хушу шомат ба хайр!

Эй бахтиёрат офтоб, бар ихтиёрат моҳтоб,
Рӯзу шабон ҳодии дил, субҳат хушу шомат ба хайр!

Гуфтӣ, ки ёдам тоза шуд, аз ёдкарданҳои худ,
Эй ёди хушёдии дил, субҳат хушу шомат ба хайр!

Дар олами вайронаҳо, майронаву дайронаҳо,
Ангези ободии дил, субҳат хушу шомат ба хайр!

Эй достони ростон, аз остони бостон,
Рӯзии ҳақдодии дил, субҳат хушу шомат ба хайр!

Эй Озарахшофардагор аз муҷдаи Парвардигор,
Дар боғи эҷодии дил субҳат хушу шомат ба хайр!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Наврӯзи ноз омад, гул ноз мекунад боз,
Бо ноз сураташро пардоз мекунад боз.

Бо шарми духтарона, бо лаҳни дилбарона
Оҳанги ошиқона оғоз мекунад боз.

Шевотарин тарона, ширинтарин фасона,
Аз шираи забонаш овоз мекунад боз.

Бо шавқи роз гуфтан, бо шеваи шукуфтан
Чашмони ошиқонро ӯ боз мекунад боз.

Дар тан либоси атлас чун духтарони наврас
Бо боли орзуҳо парвоз мекунад боз.

Эй мутрибон, навозед, эй ошиқон бисозед,
Гул ноз мекунад боз, эъҷоз мекунад боз!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй, ки ниёзи манӣ, боз биё, боз, боз,
Рӯҳнавози манӣ, боз биё, боз, боз.

Эй, ки туро кофтам қофила бар қофила
Қофиласози манӣ, боз биё, боз, боз.

Бо ту нагӯям агар роз маро мехурад,
Маҳрами рози манӣ, боз биё, боз, боз.

Шебу фарози ҷаҳон бе ту набигзаштанист
Шебу фарози манӣ, боз биё, боз, боз.

Ҷуз ту ба рӯи касе чашм нахоҳам кушод,
Дидаи бози манӣ, боз биё, боз, боз.

Сӯзу гудозат ба чашм, ишваю нозат ба чашм,
Чашмаи нози манӣ, боз биё, боз, боз.

Дар қафаси зиндагӣ бе ту нафас нест, нест,
Умри дарози манӣ, боз биё, боз, боз!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Меомадӣ хиромон. Озодаву сарафроз.
Ороста чу гулшан, сар то  ба по чаманноз

Гесу зи барги райҳон, насрин ба даври домон
Дар мақдами базебат сарву суман сарандоз

Пироҳани ҳарират хушбахт аз назокат,
Бори латофататро аз ноз карда пардоз

Чашмони ҳамзабонат ойинадори дидор
Дастобадасти хоҳиш дастони меҳрубонсоз…

Гуфтам, ки омаданро наврӯз аз ту омӯхт,
Гуфтӣ, ки ишқ омад гулғунча кард парвоз

Гуфтам,  ҷавонсариям бо ту дубора баргашт?
Гуфтӣ барои  ошиқ ҳар лаҳза фасли оғоз…

Гуфтам зи Озарахшат ғайри ғазал чӣ хоҳӣ?
Гуфтӣ, хамуш…ин ҷо розест дар паси роз

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳамсафар, қиссаи ғамгини маро гӯш бисоз,
Ки гапи роҳ дароз аст, дароз аст, дароз

Аз нишебиву фарозе, ки гузаштӣ мафароз,
Ки фароз асту нишеб асту нишеб асту фароз.

Гарди ин хок, ки мо дар сари миҷгон дорем,
Бaниёз асту ниёз асту ниёз асту ниёз.

Дили мардони мусофир чӣ биёбон дорад?
Ки ҳамеша ба гудоз асту гудоз асту гудоз.

Озарахш, ин сухан аз панди падар ёфтаам:
«Раҳи мо ҷои намоз асту намоз асту намоз»…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳамин ҳоло, наворо гӯш кун, дигар Худо ҳофиз!
Нафасҳои ҳаворо нӯш кун, дигар Худо ҳофиз!

Ҳамон ранге, ки мехоҳӣ, таҷаллову таманно соз,
Замонро бӯса зан, оғӯш кун, дигар Худо ҳофиз!

Агар тобе надорад зиндагоният, машин бетоб,
Ба дарё ҷӯш зан, ҷон, ҷӯш кун, дигар Худо ҳофиз!

Ба худ ғолиб шавӣ, дунё ҳама маглуб хоҳад гашт,
Ту бори хешро бар дӯш кун, дигар Худо ҳофиз!

Чӣ шарбатҳо, ки мехоҳанд аз дасти фалак мардум,
Чу хурдӣ, косаро сарпӯш кун, дигар Худо ҳофиз!

Насибат бод ҳар чӣ дӯст медорӣ, намедорӣ,
Дилатро ошиқи мадҳуш кун, дигар Худо ҳофиз!

Салому хайр гуфтанро зи умри Озарахш омӯз,
Ғазалхон кардаӣ, хомӯш кун, дигар Худо ҳофиз!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ашк гавҳар мешавад дар дидаи гавҳаршинос,
Набзи ахтар метапад дар синаи ахтаршинос

Ошиқ аз бӯи шароби ишқ сархуш мешавад,
Қиммати соғар шиносад бо нафас соғаршинос

Хоксорони чаҳон аз хок зар меофаранд,
«Қадри зар заргар бидонад, қадри заргар заршинос»

Санг месабзад зи шукри резаборони баҳор,
Нур бо хуршеди ховар мешавад ховаршинос

Қадри неъмат баъди неъмат ғайри оҳу нола нест,
Марги модар мекунад фарзандро модаршинос

Озарахш, озар надорад зиндагӣ бе нури ишқ
Оташи ишқ аст дар хокистари озаршинос…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Нафас-нафас ғами туро кашидаам нафас-нафас,
Ғами дамодами туро кашидаам нафас-нафас.

Дар ин ҷаҳони бенаво ҳавои дигарам набуд,
Ҳавои олами туро кашидаам нафас-нафас.

Шаби дарози умри ман зи мӯи ту хамидааст,
Ки мӯи хам-хами туро кашидаам нафас-нафас.

Ба лолазори синаам чу шабнаме чакидаӣ,
Шамими шабнами туро кашидаам нафас-нафас.

Ба Озарахш лутфи кам-ками ту беш мерасад,
Ки беш кам ками туро кашидаам нафас- нафас…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Нафас-нафас зарабони дили маро бинавис,
Тапиш – тапиш шараёни дили маро бинавис.

Дағал-дағал сухани вакт дар дилат нанишаст,
Наво-навои равони дили маро бинавис.

Агар умед набошад, ҳаёт мемирад,
Баҳона ёбу нишони дили маро бинавис.

Туӣ, ки мешунавӣ аз хамӯш оворо,
Чакомаҳои ниҳони дили маро бинавис.

Касе мисоли ту ин розро намефаҳмад,
Забоншинос, забони дили маро бинавис!

Ба як нигоҳ хатои сари маро хат зан,
Ба як савоб ҷаҳони дили маро бинавис.

Зи Озарахш агар пурсуҷӯи дигар ҳаст,
Шумораи телефони дили маро бинавис

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бори дигар гуноҳ намудам, маро бубахш,
Ойинаро сиёҳ намудам, маро бубахш.

Дастам барои бастани чашмам намерасид,
Ноогаҳон нигоҳ намудам, маро бубахш.

Бероҳа рафтани дилам аз ёд рафта буд,
Бозаш рафиқи роҳ намудам, маро бубахш.

Дидам, ки пой пешу қафо медавад зи вақт,
Тарки сару кулоҳ намудам, маро бубахш.

Гуфтӣ, ки синну сол гузашт аз замони кор,
Инкори солу моҳ намудам, маро бубахш.

Садбора тавбаам, ки пазиро бишуд,, зи нав,
Якбора иштибоҳ намудам, маро бубахш.

Чун Озарахш пеши гуноҳу савоби ишқ,
Худро ба худ гувоҳ намудам, маро бубахш…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Меравам аз шаҳри ту ҳамчун Камол аз шаҳри хеш,
Аз барат мебигзарам монанди хеш аз баҳри хеш

Ҷои мондан нест дигар, қолаби қисмат шикаст,
Ҳамчу даҳрӣ мешавам берун зи даври даҳри хеш!

Бовафоят будаам, ё бевафоят будаам,
Мекашам бар дӯши ҳасрат бори меҳру каҳри хеш

Шаҳд хурдам, ё ки заҳре, зиндагиям ишқ хонд,
Мекунам ин шаҳдрову заҳрро позаҳри хеш

Баъд аз ин барномаи аъмол агар танҳоравист,
Чашмаамро мекашам бо рӯди худ, дар баҳри хеш

Эй ҷавонӣ! Эй, ки рафтанро ба ман омӯхтӣ,
Озарахшатро ба ёд овар равон дар наҳри хеш…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Чашме ба чашме боз шуд, ёрон, муборак бод ишқ,
Дил бо диле дамсоз шуд, ёрон, муборак бод ишқ,

Ақле ба ақле даст дод, рӯҳе ба рӯҳе рӯ ниҳод,
Ҷоне ба ҷоне соз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!

Дар боғи ҳастӣ бо ҳавас гулбӯса мебӯсад нафас,
Булбул ба гул ҳамроз шуд, ёрон, муборак бод, ишқ!

Ин нӯшҳо ширин шавад, оғӯшҳо ширин шавад,
Васли ниёзу ноз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!

Лайлои мо зеботар аст, Маҷнуни мо шайдотар аст,
Анҷомҳо оғоз шуд, ёрон, муборак бод ишқ!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Резабороне  хуморӣ, гиря – гиря, ашк-ашк,
Бар сару бар дида борӣ, гиря-гиря, ашк-ашк

Ё дил ангези ту ҷӯяд, ё ту оҳанги дилӣ,
Ҷои дил дар дил чӣ дорӣ, гиря-гиря, ашк-ашк

Киштаи деҳқон баромад, бор басту дона дод,
Ту ҳамон ҳасрат бикорӣ, гиря-гиря, ашк-ашк

Абру бодат мекашонад кӯ бу кӯву раҳ ба раҳ,
Не макон, не ёдгорӣ, гиря-гиря, ашк-ашк

Қатрае дар чашми ман шин, сабри сангинро нигар
Як нафас, як интизорӣ, гиря-гиря, ашк- ашк

Ин қадар мотам гирифтӣ? Зиндаам, бовар намо,
Хун шудам аз сӯгворӣ, гиря-гиря, ашк-ашк

Тоза -тоза ишқ-ишқам гӯ, ки ҷонам гул кунад,
То ба кай хориву зорӣ,  гиря-гиря, ашк-ашк

Хандае зан шодмона бар ғамат чун Озарахш
Баҳри як нози баҳорӣ, гиря-гиря, ашк-ашк

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Салом, эй ба саломи ту сад ҳазор алейк,
Ба як шакар суханат сад чаман баҳор алейк

Салом, эй ба нигоҳат зи меҳрхонаи ҷон,
Саломномаи чашмони интизор алейк!

Хушо, хушо, ки дубора хаёли мо кардӣ.
Ба ҳар дуборасаломат ҳазор бор алейк!

Сафои омаданатро ситораҳо гуфтанд,
Ба субҳу шоми таманнои рӯзгор алейк

Ба парниёни ту, эй наварӯси наврӯзӣ,
Бирешими нафасу савти ёр-ёр алейк!

Салом, эй ғазали Озарахши ширинёд,
Зи ёдгор салому ба ёдгор алейк!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Тирамоҳи ман, ки мерезад ба роҳам барг – барг,
Меканад аз дафтари шому сабоҳам барг – барг.

Бод нолон мешуморад дар сарам мӯи сафед
Дар хаёлаш панҷаи мӯи сиёҳам барг – барг.

Менависад раҳ ба раҳ барги хазони заъфарон
Достоне аз савобу аз гуноҳам барг – барг.

Аз қатори ин чанористон чӣ ово мерасад?
Шаҳрро пур кардаам аз оҳувоҳам барг – барг!

Меравад Сайҳуни дилхун бо сукуте роздор
Дар нигоҳи хастаааш хуршеду моҳам барг – барг.

Озарахшо, аз баҳори нав паёме гӯ, ки ман
Барг мерезам мисоли тирамоҳам барг – барг!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ду-се рӯзе, ки мегардам миёни зиндагиву марг,
Даме гарму даме сардам миёни зиндагиву марг.

Гаҳе як рӯҳи шодобам ба тоби офтобу моҳ,
Гаҳе як синаи дардам миёни зиндагиву марг.

Даме сарсабз менозам баҳорону хазонҳоро,
Замоне чеҳраи зардам миёни зиндагиву марг.

Гаҳе бо мардумони оламе тақдирпайвандам,
Яке танҳотарин мардам миёни зиндагиву марг.

Чӣ меҷӯям, чӣ хоҳам бурд аз гардунаи гардун,
Ки ҷуз рафтан наовардам миёни зиндагиву марг.

Агар ишқат намебахшид, сози Озарахширо,
Намедонам чӣ мекардам, миёни зиндагиву марг…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Рӯзе, ки таманнои ту мехонд ғазал,
Дунё ба тамошои ту мехонд ғазал.

Ҳастӣ ҳама афсонаи мастии ту буд,
Мастона ба руъёи ту мехонд ғазал.

Ку қофия, ку вазн? Ҳама лутфи калом,
Бо шеваи шевои ту мехонд ғазал.

Он лаҳзаи ширин зи худаш бохабар аст?
К-аз чеҳраи зебои ту мехонд ғазал!?

Аз номи баланди шоирӣ шармидам,
Дидам, қади болои ту мехонд ғазал.

Охир чӣ хато бесару бепо шуданам,
Вақте, ки саропои ту мехонд ғазал?!

Девонаи барги нози девони туям,
Як умр зи маънои ту мехонд ғазал.

Дар соати марги Озарахшат, эй кош,
Хомӯшии лабҳои ту мехонд ғазал…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ғубор ҷустаӣ аз ҳарфи ошиқонаи дил,
Ҳазор ҷурми туву як наво таронаи дил!

Азизи хотири дилдор будан осон нест,
На ҳар кӣ хост, қадам мениҳад ба хонаи дил

Ба як тарона дусад қисса мекунад булбул,
Дусад баҳори дигар бо гули ягонаи дил

Назарбаланд набошӣ, ҳаво баланд масоз,
Зари хазон нагузоранд дар хизонаи дил

Мақоми розпарастон забони нӯшин аст,
Зулоли оби равон, сози хусравонаи дил

Биёр ҳиммату баъд аз ду-се замона биё,
Бубин нишонаи мо чист дар замонаи дил

Агар ба қисмати фардо намекунӣ бовар,
Зи лаҳза-даҳза нафас ҷӯй ҷовидонаи дил

Ба Озарахш бубахшо, ки боз мастона,
Ҳадиси байту ғазал гуфт бо баҳонаи дил

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бомҳо  пасту  баланд афтода дидам, бом-бом,
Номҳо пешу қафо истода  дидам, ном-ном,

Ҳеҷ  кас аз сарнавишти   хеш  берун  по  намонд,
Ҳар  сареро бар сари    як ҷода дидам, гом-гом,

Чоҳкан  дар  зери  чоҳу  роҳзан  дар  рӯи роҳ,
Домафканро  ба  дом афтода дидам,  дом-дом

Соғари  соқии соғаркаш ҳама саршор  бод!
Ҷоми  бас  Ҷамшедро бебода  дидам, ҷом-ҷом…

Комбардорон  ба  шодӣ  ком  мебардоштанд,
Комҳоеро, вале  ғамзода  дидам, ком-ком

Меваҳои  пухта мерезанд бе боди  хазон,
Ғӯраҳоеро  хазони хода дидам, хом-хом

Озарахш, аз лофҳои  ломгӯён   ғам махур,
Дафтари  шеъри  туро бикшода дидам, лом-лом…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Як қадам аз қадам бурун рафтам,
Аз қадам як қадам бурун рафтам

Сар задам, по задам даруннокӣ,
Дил задам, гум задам, бурун рафтам

Хона-хона даромадам то хеш,
Кӯча-кӯча шудам, бурун рафтам

Беҳадам сохт сарҳади дунё,
Аз ҳаду беҳадам бурун рафтам

Садди роҳам зи сад шумора гузашт,
Аз шумори садам бурун рафтам

То Худо бехудӣ бубахшидам,
Бо Худо аз худам бурун рафтам!

Нақш кардам ба тоқи хонаи вақт:
Озарахш, омадам, бурун рафтам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Як назар овораам, овора аммо нестам!
Пеши худ бечораам, бечора аммо нестам!

Дасту поям баста дар роҳи азоби рӯзгор,
Гӯиё бекораам, бекора аммо нестам!

Аз вуҷуди ман намеёбад сабукӣ зиндагӣ,
Бори дӯши қисматам, сарбора аммо нестам

Пора-пора мондаам дар ёди вақти даргузар,
Сар ба сар сипораам, садпора аммо нестам!

Эй басо паймонаам бишкаст дар майхонаҳо,
Сурати майхораам, майхора аммо нестам!

Бо ҳама ахбори олам рӯи боми асри хеш,
Мисли як маҳвораам, маҳвора аммо нестам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шодам аз он, ки як дами беғам надоштам,
Дар олами ғамат ғами олам надоштам.

Чун умри одамӣ ба сипос аст, аз азал,
Ғайри сипоси қисмати одам надоштам.

Кам буд агар насибаам аз меҳрубоният,
Бисёр дидаам, назари кам надоштам.

Дар як нафас хаёли ту сад ҷовидон дил аст,
Нобуди он, ки гуфт, ки ҳамдам надоштам.

Он лаҳза канда бод, зи офоқ дасти ман,
К-аз домани умеди ту маҳкам надоштам.

Дар роҳи меҳр ҳар чӣ аён шуд, навиштамат,
Ман ҳарфҳои дарҳаму барҳам надоштам.

Ин номаро кабӯтари хуршед мебарад,
Бо рози дил дигар каси маҳрам надоштам.

Ҳусни баланди ту сари шеърам баланд сохт,
З-ин рӯ чу Озарахш сари хам надоштам.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

То нафас буду ҳавои зиндагонӣ доштам,
Ман ба гӯши рӯзгор овозхонӣ доштам

Нолаи субҳу навои шом дастурам бидод,
Бо азизон инчунин ҳамдостонӣ доштам

Аввалин оҳанги ман сабки Хуросон ном дошт,
То  ба услуби Зарафшон ҷонфишонӣ доштам

Ҳар куҷо рафтам, суруде хондаам чун сурае,
Як мақом аз шашмақоми ҷовидонӣ доштам

Хешро гум кардаму дарёфтам  дар хештан,
Шукри тақлиде, ки айёми ҷавонӣ доштам

Во намудам дафтари озодамардонро ба шеър,
Қадри ҳол андешае аз ҳолдонӣ доштам

Подабонӣ кардаам, ё посбонӣ кардаам,
Навбатам буду ҳамин сон меҳрубонӣ доштам

Давлатам  омад ба созеву ба созе меравад,
Озарахш, аз «Хусравонӣ»-е «равонӣ» доштам...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бодбезан мезанад гулёсуман ин субҳидам,
Дар баҳори нозанин атри чаман ин субҳидам.

Субҳ аз субҳии худ меболаду гул мекунад,
Дар бари домони ин гулпираҳан, ин субҳидам.

Дафтари сарву суманро бояд аз нав боз кард,
Боз бояд қиссаи сарву суман ин субҳидам.

Ноз кардан кори ҳар маъшуқаи танноз нест,
Медарад шоми ниёз он гулбадан ин субҳидам.

Достони роз андар розро бишнидаӣ?
Сар бизан то қуллаи авҷи сухан ин субҳидам.

Шаҳди  ин субҳона то рӯзи қиёмат ёд бод,
Медиҳад ширу шакар шириндаҳан ин субҳидам.

Боз меҷӯшад дар оғӯши сапеда,   Озарахш,
Ҳасрати шабҳои  мушкинёли ман ин субҳидам...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ба хобат дидаму дидам, ки дидам,
Ба худ болидаму дидам, ки дидам.

Нигоҳи шармрезатро чу гулбарг
Ба мичгон чидаму дидам, ки дидам.

Ба обанбори чашмонам чӣ кардӣ?
Яке таркидаму дидам, ки дидам

Саропо ашк гаштам, то ба поят
Фурӯ афтидаму дидам, ки дидам

Сиришкам рӯи роҳат сабза рӯёнд
Даме сабзидаму дидам, ки дидам

Ба ҷои бӯсае ҷонам рабудӣ
Туро бӯсидаму дидам, ки дидам

Раҳо гаштӣ зи ман, бедор гаштам,
Ба худ хандидаму дидам, ки дидам…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Баҳори гул ба даври доманат афтод, ман дидам,
Чаман дар ҳасрати пироҳанат афтод, ман дидам.

Насими субҳидам нӯшид шабнамрову мастона,
Ба рақс омад, ба фикри хирманат афтод, ман дидам…

Хуморолуд хуршед аз баландӣ бӯсаат мезад,
Яке дар барги нози савсанат афтод, ман дидам.

Чи савдо буду шуриш буду тугён буду зебо буд,
Ҷаҳони набз дар ҷону танат афтод, ман дидам.

Намедонам, ки наврӯз аз ту сар зад, ё ту аз наврӯз,
Қиёмат дар канори гулшанат афтод, ман дидам.

Дилам девона шуд монанди рӯди мавҷбаргардон,
Зи тори зулфи бишкан-бишканат афтод, ман дидам.

Ғурури Озарахшат мисли мурғи дастомӯзе,
Ба обу донаи сайдафканат афтод, ман дидам….

Китобхона



Имшаб ба сад суҷуд туро хондам,
Бо як ҷаҳон дуруд туро хондам

Нохун задам ба тори дилу дида,
Бо сози тору пуд туро хондам

Сад дафтару китоб ба ҳам кардам,
Аз саҳфаи вуҷуд туро хондам

Ҳар ҷо сукут рафт, туро ҷустам,
Ҳар сӯ садо намуд, туро хондам!

Бар рӯди ҳафтпарда задам оҳанг,
Чун Пири Панҷрӯд туро хондам

То дери дери дер сафар кардам,
Аз зуди зуди зуд туро хондам

Бо шеъри Озарахш Худо гуфтам,
Эй сураи суруд, туро хондам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Як сари ангур агар аз ток огаҳ мешудем,
Аз шароби нуру набзи хок огаҳ мешудем

Як гиёҳи меҳр бармехостем аз обу гил,
Бо дил аз сарманзили идрок огаҳ мешудем

Нағз медидему моро низ медиданд нағз,
Аз сафои чашмасори пок огаҳ мешудем

Юсуфи мо бо Зулайхои замон коре  надошт,
Гар зи нанги марди доманчок огаҳ мешудем

Шод мехондем чун хуршед ҳар ойинаро,
Аз ғубори синаи ғамнок огаҳ мешудем

Озарахш, озодагонро нест бими ҳасту нест,
Кош аз ин андешаи бебок огаҳ мешудем

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Саҳарам гуфт, ки бархез, паём овардам,
Ба ту аз номи азизи ту салом овардам

Дидаи дил бикушо, номаи дилдор бихон,
Ки аз он лавҳу қалам ҳусни калом овардам

Чист ойина, агар давлати дидор надошт,
Ба ту аз лаззати пиндори ту ком овардам

Бодаву ҷоми дигар металабӣ, лаб бикушо,
Ки сазовори дилат бодаву ҷом овардам

Сухане тоза бихоҳӣ, нафасе тоза бизан,
Ба далели хабарат пухтаву хом овардам

Шоирон розкушоёни сукути башаранд,
Бин, ки аз одаму олам чӣ мақом овардам!

Озарахшастӣ, биё, толиби сармастӣ, биё,
Ман мукофоти амал ном ба ном овардам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Агар  рӯзе зи умрам монда бошад, дӯстат дорам,
Зи рӯям давр  рӯ гардонда бошад, дӯстат дорам!

Агар як лаҳза, як дидор, як умеди пайвастан,
Ҳузури вопасинам хонда бошад, дӯстат дорам.

Агар сӯям хазонрез охирин дасти баҳорамро,
Барои хайрбод афшонда бошад, дӯстат дорам…

Агар устоди дарси ишқ баъди бебароризо,
Маро аз мактаби худ ронда бошад, дӯстат дорам.

Агар ҳамчун суруди Озарахши нотамомоҳанг,
Муҳаббатномаам нохонда бошад, дӯстат дорам…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Баъди ту сад ҷомаро садпора кардам, модарам,
Қалби ғамнодидаро ғамхора кардам, модарам

Дар фироқат чорае ҷустам, ба ин бечорагӣ,
Хештанро садчунон бечора кардам, модарам

Пеши даргоҳи Худо дар ҳасрати як аллаат,
Гиря кардам, нола кардам, зора кардам, модарам!

Тифли ноороми ҷон як лаҳза оромиш наёфт
Гар ба чӯби устухон гаҳвора кардам, модарам

Дар ҷавониям мисоли мӯсафеди кӯзпушт,
Кӯдакии хешро пуштора кардам, модарам

Эй мабодо рӯҳи ту ғамгин шавад аз дасти ман,
Озарахшатро чунин овора кардам, модарам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ман ба ожанги ту бо зикри Худо менигарам,
Нақши қуръони карим аст ба рӯят, падарам!

Нури оёти шарифест, ки чун шамсу қамар
Хондаӣ ҳамчу зафарномаи шому саҳарам

Зиндагӣ як нигаҳи маърифатомӯзи ту аст,
Сад ҷаҳон шукр, агар як назарат баҳраварам

Шаҳдпайванд шуд аз файзи ту бас боғи диёр,
Ба чаманзори биҳиштӣ туӣ пайвандгарам!!

Осмон обилаи дасти туро мебӯсад,
Ҳар гаҳе каф бикушоӣ ба дуъои сафарам,

Кош монанди ту пирӯзу тавонгар бошам,
Ба дифоъи Ватану модару фарзанди барам

Ҷомаи беқасабатро чу дирафши Кова,
Ба ливои Ватан афрохта болои сарам

Заррае гар ҳунаре ёфтаам, моли ту буд,
Бахш аз гавҳари меросии худ бар ҳунарам!

Чун мусофир, ки бипурсад ҳама ҷо қибла куҷост,
Аз ҳама сӯи ҷаҳон ҷониби ту саҷда барам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Сапеда бар ту муборак, ту бар сапеда, азизам,
Сапедатар зи сапеда биё ба дида, азизам!

Саломи гарми дубора, паёми нарми назора
Зи чашм-чашми ситора нафас дамида, азизам!

Ба сад ҳазор таманно ба манзари ту расидам,
Ба сад ҳазор таҷалло биё расида, азизам!

Навиди ид биёру дами саид бубахшо,
Туӣ зи номаи идонаам саида, азизам!

Туиву дасти ману домани замину замона,
Ба қасди гавҳари ҷон ашки ночакида, азизам

Тарона нест, агар пардаи туро нанавозам,
Падида нест, ҷуз он нози нопадида, азизам

Ба зарби замзамаи дил, равону хурраму хушгил,
Хуш аст бо ту тапидан, биё тапида, азизам

Ба Озарахш бифармо хаёли тозабаҳоре
Хумори рӯи ту дорад гули начида, азизам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ойинаро шикастам. Дидорро чӣ созам?
Садпора гашт сина, хумморро чӣ созам?

Гуфтӣ дигар набинвоз оҳанги ошиқиро,
Сезарби ишқ омад, сеторро чӣ созам?

Бозори сирру савдо озорхона гашта,
Озорро чӣ гӯям, бозорро чӣ созам?

Аввал чӣ аҳд бастӣ баҳри табобати дил,
Охир, қасамшикаста! Беморро чӣ созам?!

Гуфтӣ ба ёд биспор ин хоби зиндагиро,
Мурдам зи ёдхоба, бедорро чӣ созам?

Дар мактаби муҳаббат қонун наменависанданд,
Меъёрро нахоҳад, изҳорро чӣ созам?!

Бозам садоят омад: Эй Озарахш, хомӯш!
Хомӯш гаштам, аммо гуфторро чӣ созам?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Гуфтиям дар чашм  ҷо  шав, чашм, ҷонам, чашм, чашм,
Чашм шав, в-аз чашм  во  шав, чашм, ҷонам,  чашм,  чашм,

Аз назар  то  бар  назар  худро  бубин, моро  нигар,
Аз ману  ту  хезу  мо  шав, чашм, ҷонам, чашм,чашм.

Гуфтиям, бо айнаки  рангини  даврон  хӯ макун,
Дар  сиёҳиҳо  зиё шав, чашм, ҷонам, чашм, чашм.

Чашма  аз  покизаҷонӣ  сангҳоро  шиша  дид,
Гар  сафо  хоҳӣ,  сафо  шав, чашм, ҷонам, чашм, чашм.

Гуфтиям, беҳуда  дарди дил  ба ину  он  магӯ,
Гӯш  шав, в-он  гаҳ  наво  шав,  чашм, ҷонам,чашм,чашм.

Акси  хомӯшии  ту  з-оҳанги  хомӯшии  туст,
Инчунин  акси садо  шав, чашм, ҷонам,  чашм, чашм.

Гуфтиям, эй Озарахш, ин  чашм-чашми ту  кам аст,
Чашми  чашми  чашмҳо  шав, чашм, ҷонам, чашм. Чашм!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Пайвастаам ба ёдат, чашмам дилу дилам чашм,
Бо ёди ёдзодат чашмам дилу дилам чашм

Дар пардаи ниҳонат рӯзам шабу шабам рӯз,
Аз ҷилваи зиёдат чашмам дилу дилам  чашм...

Шодам ғаму ғамам шод, аз як нигоҳи мастат,
Дигар чӣ ғам, чӣ шодат?! Чашмам дилу дилам чашм!

Бо дасти бениёзат бешам каму камам беш,
Додам расад ба додат, чашмам дилу дилам чашм

Чашму дилам мабодо бе меҳру эътиқодат.
Бо меҳру эътиқодат чашмам дилу дилам чашм

Тобам табу табам тоб, обам гилу гилам об!
Мурдам ба ин муродат! Чашмам дилу дилам чашм!

Аз Озарахши ишқат хайрам хушу хушам хайр,
Хушбоду хайрбодат... чашмам дилу дилам чашм...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Барфи зимистон бар сарам, барги баҳорон дар дилам,
Сад фаслро гардондааст обу гилам, обу гилам

То бехабар бигзаштаам аз сарҳади давру замон,
Не сарфарози манзарам, не пойбанди манзилам

Чашмобачашми рӯдҳо, дастобадасти боғҳо,
Хирман ба хирман рафтаам бо ҳосилу бе ҳосилам

Эй бод, боди раҳгузар, саргарми умри бебасар,
Сар деҳ гиребони маро, ман гарди домони гулам

Гул оташам дар сина зад, то ханда бар ойина зад,
Шамъи хумораш мекашад аз маҳфиле бар маҳфилам

Ин сон ту сози ишқро осон магир, эй ҳамнаво,
Ман баҳри як  нози назар афтода дар сад мушкилам

Аз  сарнавиштам, Озарахш, ин замзама зери лаб аст:
Дарёяму лаб мезанам бо соҳилу бе соҳилам

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ман агар хор шавам, хори гулам
Агарам зор шавам, зори гулам

Мекашам атри  гул аз ҳар нафасе,
То нафас ҳаст, ҳаводори гулам

Ҳама савдогари бозори пуланд,
Ман харидор ба бозори гулам

Ҳама ҳарфам сифат аз гул дорад,
Ки шабу рӯз ба гуфтори гулам.

Эй нафас, бе нафасаш лаззат бар,
Ман на онам, ки дилозори гулам

Гул сазовортарин ёри ман аст,
Ман сазовортарин ёри гулам…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Қотили хешам, ба ин қисмат мудоро мекунам,
Навбаҳорам зард мегардад, тамошо мекунам

Даст то оринҷ дар хуни ҷигар ғарқидаам,
Боз аз хунхорагии худ таманно мекунам

Ҳеҷ кас душмантар аз ман нест бо ҷону танам,
Душмани ҷону танамро дӯстсимо мекунам

Ҳар чӣ некие биёбам аз ҷаҳон, нозам зи худ,
Ҳар чӣ мебинам бадие, бори дунё мекунам

Давлати ҳастӣ намоён нест, оҳ аз чашми кӯр!
Бехабар аз нестии хеш даъво мекунам!

Ноилоҷӣ мебарад ҳар лаҳзаам бар ҷодае,
Қатраи бечораам, шӯриш ба дарё мекунам!

Рӯзу шабҳо қиссаҳои шоду ғамгини манaнд,
Шом худро мекушам, то субҳ эҳё мекунам

Дӯстдориям зи бими зиндагиву марг нест
Бетакаллум достони ишқ иншо мекунам

Озарахшо, ҳар қалам як сарнавиште мекашад,
Сода-сода номаҳоямро муаммо мекунам…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Чӣ субҳ буду чӣ шом аст, ман намедонам,
Чӣ аввалу чӣ давом аст, ман намедонам.

Ба доми умр гирифтор гаштаам охир,
Раҳи наҷот кадом аст, ман намедонам.

Тамоми рӯзу шабам бенизом мегузарад,
Замонаро чӣ низом аст, ман намедонам.

Замин гирифт ҳалолу ҳаромро бар хеш,
Куҷо ҳалолу ҳаром аст, ман намедонам.

Ҳама ба ҳарфи ҳақорат кушода лабҳоро,
Лаби ману лаби ҷом аст, ман намедонам.

Саре кашида ба боло, диле фитода ба хок,
Чӣ остону чӣ бом аст, ман намедонам!

Як Озарахш ба як мисрае китоб навишт,
Ба ин китоб чӣ ном аст, ман намедонам...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

То диле меҷӯяму меёбаму гум мекунам,
Манзиле меҷӯяму меёбаму гум мекунам.

Мисли деҳқоне миёни киштзори ҳасту нест,
Ҳосиле меҷӯяму меёбаму гум мекунам.

Дар дили баҳри сухан киштии тӯфонзодаам,
Соҳиле меҷӯяму меёбаму гум мекунам.

Корвонам рафта пушти асри бисту бисту як,
Маҳмиле меҷӯяму меёбаму гум мекунам.

Чун ғазал ҳамсуҳбатеву чун наво ҳамдавлате,
Хушгиле меҷӯяму меёбаму гум мекунам.

Озарахши шамъҳои куштаам, дар зиндагӣ,
Маҳфиле меҷӯяму меёбаму гум мекунам…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хуршед Ватан дорад дар хонаи чашмонам,
Як ҷони пур аз нурам, як нури пур аз ҷонам.

Ман рӯди Зарафшонам, ман ризқи парешонам,
Ман кӯҳи Бадахшонам, ман ганҷи фаровонам.

Дар хок фурӯ рафтам, бар моҳ вузӯ рафтам,
Як нима ба айвонам, як нима ба кайвонам.

Ман хитаи Хатлонам, ман хоки азизонам
Дар пои ҳарифонам чун пахтаи Вахшонам.

Як даст ба дастонам бигрифт гиребонам
Ман мурдаи Суҳробам, ман Рустами Дастонам.

Ирони маро бинед, Тӯрони маро бинед,
Ман рӯҳи Сиёвушам, овораву сарсонам.

Аз хоки Ватан рафтам, бо ёди Ватан рафтам,
Ман пири Хуҷандиям, Сайҳуни ғазалхонам.

Ман шаҳди Самарқандам, аз аҳди Самарқандам,
Тиллои Бухороям, дар кисаи дуздонам.

Як лаҳза ба ин сонам, як лаҳза ба он сонам,
Ҳам зодаи инсонам, ҳам куштаи инсонам.

Механдаму мегирям, мегиряму механдам,
Як ҷони пур аз нурам, як нури пур аз ҷонам.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Омадам аз таронаҳо то, ки туро садо кунам,
Ҳарфи туро ба лаб барам, номи туро наво кунам.

Поктар аз ситораҳо аз нафасат нафас кашам,
Софтар аз сапедаҳо маърифати сафо кунам.

Шаршараҳои шавқро об диҳам зи кокулат,
Об шавам, равон шавам, оби туро бақо кунам.

Дам назанам ба ҷуз дамат, ғам нахурам ба ҷуз ғамат,
Дарди туро ба ҷон барам, ҷони туро даво кунам.

Дасти дарози рӯҳи ман мушти ниёзи раҳми туст,
То бирасам ба дасти ту, дасти туро дуо кунам!

Кӯр шавам, ки чашми ман бе нигаҳи ту чашм нест,
Гард зи гирди доманат гираму тутиё кунам.

Қиссаи Озарахши ту зикри ту аст субҳу шом,
Субҳ «худо-худо» кунам, шом «худо- худо» кунам…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Имшаб тамоми шаҳрро дилхона мекунам
Ободмулки синаи вайрона мекунам

Дар кӯчаҳо чакомаи "Ҳақдӯст" мезанам
Бозорро қаламрави шохона мекунам

Дар дасти шаҳчинорҳо маҳтоб медиҳам,
Аз партави ситораҳо парвона мекунам

Фаввораё, ки гуфт, ки бишкаст ташнагӣ?
Ман аз хумор қиссаи мастона мекунам

Имшаб Худои масчиду майхона як Худост,
Як ҷо шумори тасбеҳу паймона мекунам

Эй ошиқони роҳи ҳақиқатшинохта,
Навбат гузаштанист, ман афсона мекунам!

Гуед ёрро, ки даме ҳушёр бош,
Девона мешавам ману девона мекунам!

Чун дона-дона ашк зи чашмони Озарахш,
Аз ҳарфи ноб хирмани дурдона мекунам

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Соғари дасти ту ҳастам, пур шавам, холӣ шавам?
Ҷон ба фармони ту бастам, пур шавам, холй шавам?

Гуфтаӣ ҳар кас, ки масти мо бувад, аз мо бувад,
Масти мастам, масти мастам, пур шавам, холй шавам?

Каъбаву бутхонаву дайри муғонро тай задам,
Аз раҳи ишқат нагаштам, пур шавам, холй шавам?

Меваи ғам медиҳӣ бо ваъдаи шодии васл,
Ман дарахти ғампарастам, пур шавам, холй шавам?

Гуфтаӣ аз қолаби дил шав бурун, он гаҳ биё,
Қолаби худро шикастам, пур шавам, холй шавам?

Нестам аз мардуми паймонабишкан, Озарахш,
Ман ба паймонат нишастам, пур шавам, холӣ шавам?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Борон намешавам, ки нисори чаман шавам,
Маҳрам ба нозҳои гули ёсуман шавам

Аз атри нозбӯи лаби ҷӯ нафас кашам,
Бо ҷӯйбори замзамахон ҳамсухан шавам

Эй боғи сабз, ҷону танамро канор гир,
То бо ниҳолҳои ту ҳамҷону тан шавам,

Бо боди ҳарзагард бигӯ роҳи худ бигир,
Он ман наям, ки толиби ҳар анҷуман шавам!

Дар роҳи ман ту доми дигар соз, эй рақиб,
Чун пашша нестам, ҳадафи тортан шавам!

Як мулки кӯҳсор пур аз кӯҳи Бесутун,
Ширини ман, биё, ки манат Кӯҳкан шавам!

Охир куҷост, он ватани ишқ, Озарахш,
Ошиқ намешавам, ки туро ҳамватан шавам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Аз Худое, ки маро дод, туро ёфтаам,
Аз баҳоре, ки маро зод, туро ёфтаам

Аз нигоҳе, ки ба уммеди паноҳ овардан
Чашмро сӯи ту бикшод, туро ёфтаам.

Ту мапиндор, ки хомӯшии ман бемеҳрист,
Ман зи хомӯшии фарёд  туро ёфтаам.

Маншаъи будани ман рӯзу шабон ёди ту буд
Мани беёди ту азёд туро ёфтаам

Ноз месозиву бунёди маро месӯзӣ
Ман аз ин сӯзиши бунёд туро ёфтаам

Ту ба он ҳусни Худодод саломат бошӣ,
Ман дар ин шеъри Худодод туро ёфтаам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳарфе, ки ман зи меҳргиёҳи ту хондаам,
Аз рози чашм, масти нигоҳи ту хондаам

Бо рез-рези анбари сорои дасти ту,
Аз достони зулфи  сиёҳи ту хондаам

Субҳе ниёз ҷониби рӯи ту бурдаам,
Шоме ба меҳрубонии моҳи ту хондаам

Аз тарҷумони синаи ман бехабар машав,
Розе ба қалби замзамахоҳи ту хондаам

Шеъре, ки аз замири ту ояд ба сад забон,
Аз форсинигори нигоҳи ту хондаам

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зиндарудо! То ба домонат ҷабин овардаам,
Муҷдае аз Панҷрӯди хуштанин овардаам.

Дар бари Нақши Ҷаҳонат аз сари Боми Ҷаҳон,
Себи боғи Рӯдакӣ дар остин овардаам.

Соати хуршедии дасти ту дар қалби ман аст,
Ин нишонро аз замону аз замин овардаам.

Аз Бухорои куҳансолу Душанбеи ҷавон,
Ишқҳои куҳнаву рози навин овардаам.

Аввалинам, охиринам, вақт медонад, вале.
Достони аввалину охирин овардаам.

Озарахши Исфаҳониро аёну ноаён,
Як ғазалтайёраи бесарнишин овардаам....

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зиёда бод ёди ту, зиёд ёд кардаам…
Зи ёди меҳрзоди ту, зиёд ёд кардаам!

Ба ифтихори ҳар нафас, ки мерасад паёмрас,
Барои шодбоди ту зиёд ёд кардаам!

Ба хотири гузаштаҳо, сурудаву навиштаҳо
Зи дафтари муроди ту зиёд ёд кардаам!

Сипоси дастдоданат, диле ба дил ниҳоданат.
Зи дасти дилкушоди ту зиёд ёд кардаам!

Хушо назокати назар, нигоҳи розбохабар.
Зи нози нӯшдоди ту зиёд ёд кардаам!

Кам аст шеъри Озарахш, агар зи лутфи ту, бубахш,
Камиману зиёди ту, зиёд ёд кардаам…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

То ба ин дунё диле бинҳодаам,
Аз тамошо дидае бикшодаам.

Бо хаёли хостан бархоста,
Бе хаёли хостан афтодаам.

Мушти шеъру мушти оҳангам расид,
Дар  сари санги раҳи Сарводаам.

Бо  навои розҳои мушкилам,
Бо  садои ҳарфҳои содаам.

Давлати ман ганҷи бодовард нест,
Ворисм мероси Яздондодаам.

Рӯдам аз як панҷа рӯди Рӯдакист,
Зарфишонҷомам, Бухорободаам.

Зодаи Урметани Айнистам,
Шаҳрванди шаҳри Турсунзодаам!

Маҷлиси Олии дилдорон куҷост
Ман вакили мардуми дилдодаам!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ман аз хилваттарин, зеботарин пиндор меоям,
Зи ҷони ташналаб, аз синаи саршор меоям.

Ҳанӯз аз хобҳои кӯдакиям лаззате дорам,
Агарчӣ чун дили солори худ бедор меоям.

Маро гармиву сардиҳои олам дарси ҳастӣ дод,
Зимистону баҳорон офтобосор меоям.

Касе  монанди ман аз дарди ман огаҳ набуду нест,
Табиби ошиқам, дар ишқи ту бемор меоям.

Азизи дил, агар як зарра майлат ҳаст, лутфе кун,
Нигар, бо як ҷаҳон афсонаи дидор меоям!

Дилам дар зулфи ту, ҳангомаам дар боғшаҳри бахт,
Насиме бехабар аз кӯчаву бозор меоям.

Ҳасадхорон гунаҳҳои маро беҳуда меҷӯянд,
Хатое аз  ҳунар дорам, ки беозор меоям.

Дамодам мекунам такрор ҳарфи Озарахшатро,
Ки боз аз дафтари ашъори нотакрор меоям.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Нафасе ҳамнафаси дарёям,
Нафасе ҳамшафати дунёям.

Нафасе ҳамнафаси хору хасе,
Нафасе ҳамнафаси гулҳоям.

Гоҳ хуршедсифат аз бари рӯз
Шомҳо рафта саҳар меоям.

Гоҳ ҳамроҳи маҳу истора
То саҳар ашк ҳамеполоям.

Муддате одамаки як бозор
Ҳамраҳи халқ паи савдоям.

Ҳам ба ғамҳои замин пайвандам,
Ҳам ба шодии само ҳамроям.

Лек дар роҳи дарозе, ки марост,
Боз ҳам бо ғами худ ҳампоям.

Як дуои сафарам бахш, падар,
Ман ҳамон навсафари танҳоям.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Омадӣ, к-омаданатро ба гули ноз бигӯям?
Ба гули ноз зи нози қадамат роз бигӯям?

Омадӣ, то хабаратро ба парасту бирасонам,
Зи баҳори рухи ту муҷдаи оғоз бигӯям?

Омадӣ, к-аз қади болои ту болам ба санавбар,
Ба санавбар қади болои туро боз бигӯям…

Омадӣ, то нафасатро ба чаманзор навозам,
Зи шукуфоии лабҳои ту овоз бигӯям.

Омадӣ, то назари тоза бигирам зи нигоҳат,
Ҳама мурғони қафасро раҳи парвоз бигӯям!

Омадӣ, лаҳзаи илҳоми дили шоири ошиқ?,
Озарахше шаваму қиссаи эъҷоз бигӯям.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зиндагӣ! Бо гарму сардат гарму сарде доштем,
Ҳамнабарди ҳар набарди ту набарде доштем!

Дар баҳористони шодият баҳорафшон шудем,
Бо хазонрези ғамонат ранги зарде доштем…

Шеваи озодмардии туро омӯхтем,
Гуфтугӯ ҳарчанд бо номарду марде доштем

Рӯзу шабро дар хаёли равшанӣ барҳам задем,
К-офтобу моҳтоби раҳнаварде доштем

Қисмат аз сар созҳои якнавозе менавохт,
Рӯи ҳар як пардаи он коркарде доштем

Сад ҳазорон шукр аз як синаи беморбахт,
Сад ҳазори дигар аз сад гуна дарде доштем

Бо ҳама бешу ками айём ҳамчун Озарахш,
Дар китоби шеъри фардо байти фарде доштем!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дар чаманҳо хабаре ҳаст, ки мо ҳам ҳастем,
Ҷилваи гул назаре ҳаст, ки мо ҳам ҳастем

Солҳо мегузаранд, акси садо мемонад,
Зиндагиро гузаре ҳаст, ки мо ҳам ҳастем

Ошиқӣ рангфурӯшии ду се берӯ нест,
Лафзи мардӣ асаре ҳаст, ки мо ҳам ҳастем

Ту аз ин шоири ҳақгӯй гурезон нашавӣ,
Ҳамраҳат як нафаре ҳаст, ки мо ҳам ҳастем

Сухани ишқ бигӯиву нагӯӣ, шевост,
Шакар андар шакаре ҳаст, ки мо ҳам ҳастем

Озарахш, аз нафаси хушки касон хаста машав,
Шеъри шодобу таре ҳаст, ки мо ҳам ҳастем!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй хуш он вақте, ки бо ҳам меҳрубонӣ доштем,
Бе хаёли ғамгусорӣ шодмонӣ доштем.

Бехабар аз омаду рафти замони даргузар,
Як дам аз ҳастӣ сафои ҳамзамонӣ доштем.

Кай  шумори рӯзу шаб мекард тақвими нафас,
Субҳу шомеро насиби ҳамравонӣ доштем.

Не сари дарде ба дил буду  на пои ғам ба ҷон,
Ҷон ба ҷону дил ба дил лаззатфишонӣ доштем!

Дар баҳоре босаодат, дар хазоне гулнисор,
Бе гумони фасли пирӣ навҷавонӣ доштем.

Зиндагӣ хушбахт буд аз сарнавишти ишқамон,
Дар диёри меҳр бахти зиндагонӣ доштем.

Ҳамсукуту ҳамсадову ҳамзамину ҳамсамо,
Бозабону безабон ай ҳамзабонӣ доштем!

Ёд бод он қуллаи авҷе, ки бо ҳам, Озарахш,
Лаҳза-лаҳза достони  ҷовидонӣ доштем...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

То чанд ин баҳона, ки ҳастему нестем,
Дар ёди як тарона, ки ҳастему нестем

Аз боварии хотири худ ҳам баромадем,
З-ин ҳарфи бенишона, ки ҳастему нестем

Гоҳе чу мурғу гоҳ чу моҳиву гаҳ чу хеш,
Дар фикри обу дона, ки ҳастему нестем

Дар олами хаёли парешону ҷамъҳо,
Монанди мӯву шона, ки ҳастему нестем!

Эй яккаву ягона! Бубахшо дили маро,
Мо яккаву ягона, ки ҳастему нестем

Устоди ишқ донаду дарси муҳаббаташ,
Дар мактаби замона, ки ҳастему нестем

Аз ҳасту нест чун гузарад ҳасту нестҳо,
Бинанд дар миёна, ки ҳастему нестем

Гумкардагони кӯчаву бозор, Озарахш,
Ҷӯяндамон зи хона, ки ҳастему нестем!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ману дарахтон ба шодмонӣ ба сабзазоре нишаста будем,
Хуморҳое ба гулфишонӣ зи навбаҳоре шикаста будем.

Зи обшорон, зи боду борон, зи нурборон наво гирифта,
Чӣ баргҳое, чӣ борҳое ба шохсоре, ки баста будем!

Ба хок пайванд, ба чоҳ пайванд, ба меҳр пайванд, ба моҳ пайванд,
Чӣ зиндагие, ки бе такаллуф зи гирудоре гусаста будем

Зи рӯзгорон фасона бурдем, ба дӯстдорон тарона бурдем
Ба осмонҳо нишона бурдем зи сабзазоре, ки раста будем.

Фақат Худо буд, ки гӯш мекард навои сабзи ниёзи моро
Фақат худи ӯ хуҷаста медид, ки рӯзгоре хуҷаста будем…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бо ҳама нолаи ҷон дар нафасе ғунчидем,
Бо ҳама хоҳиши дил дар ҳавасе ғунҷидем.

Гарчӣ бе бол намудем ҳавопаймоӣ,
Бо ҳама арзу само дар қафасе ғунҷидем.

Лек хомӯшии мо нест фаромӯшии мо
Корвонему ба бонги ҷарасе ғунҷидем?!

Ҷониби пеш давидем дар ин роҳи дароз
Бехабар дар қадами бозпасе ғунҷидем.

Озарахшему навиштем дар оғӯши фалак
Ки нағунҷида – нағунҷида басо ғунҷидем.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳама ҳарфҳои худро ба хаёл дода будем,
Ба китоби зиндагонӣ чу мисол дода будем.

Сухани насуфтаеро шабу рӯз суфта кардем,
Нафаси шикастаеро пару бол дода будем.

Бинигар, чӣ бор овард дарахти хомаи мо,
Ки дуъои боғбонро ба ниҳол дода будем.

Ҳама шеъри мо шуниданду чу бод нола карданд,
Ту магӯ, ки ҳарфи худро ба шамол дода будем.

Ба азизҳои Табрез паёми Шамс бурдем,
Ба Хуҷандиён саломе зи Камол дода будем.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

То нафас боқист, оҳанги саодат мезанем,
Тори  ҳастӣ дар бағал, сози муҳаббат мезанем.

Достони рӯзу шаб мероси бобоёни мост,
Омадему меравему ҳарфи навбат мезанем.

Аз гуноҳу аз савоби мо гузар соз, эй азиз,
Одамизодем, гом аз рӯи одат мезанем.

Номаро бар номи мо бе маслиҳат бинвиштаанд,
Мушти худ беҳуда бар дарҳои қисмат мезанем.

Давлате  дорем аз ишқу ҳунар дар кони дил,
Солҳо шуд сина бар санги қаноат мезанем.

То Зарафшони рагу пайвандамон зар мекашад,
Пушти по бар олами амволу сарват мезанем.

Озарахш, озодагӣ ойини мардони  Худост,
Як назар дар чашми ин ойина ҳайрат мезанем…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Рӯзи мотам ҳама мусалмонем,
Ояти нафсу марг мехонем

Лек дар лаҳзаҳои хурсандӣ,
Сураи ҳамдро намедонем

Фахр дорем аз тани бедард,
Гӯиё ҷовидона мемонем

Соати шод, масту бехотир,
Соати ғам зи ҳушёронем

Гоҳе аз худ чунон бадар гардем,
Ҳайратовар ба чашми ҳайвонем

Гоҳ аз хеш ончунон нолем,
Ки чаро ҳамчу мӯр камҷонем

Як нафас ғарраи шикамсерӣ,
Як нафас зори бурдаи нонем

Як назар соҳиби ҳама олам,
Як назар пеши дар чу меҳмонем

Эй Худо, раҳмате ба мо бинмо,
Мо  ҳамин сон намуди инсонем...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ҳар кӣ ғами дигар хурад, мо ғами ишқ мехурем,
Ғам нахурад, шакар хурад, мо ғами ишқ мехурем!

Ҳар кӣ ба роҳи қисматаш, бо ҳунару ба ҳимматаш,
Боғ кунад, самар хурад, мо ғами ишқ мехурем!

Он, кӣ зи кинаву ҳасад то дили мӯр мерасад,
Хуни дилу ҷигар хурад, мо ғами ишқ мехурем!

Ҳар кӣ ҷаҳони хешро ҳасрати нӯшу нешро,
Шом хурад, саҳар хурад, мо ғами ишқ мехурем!

Ҳар кӣ биёфт навбате, нуру навову давлате,
Боз зиёдатар хурад, мо ғами ишқ мехурем!

Чун дами субҳ Озарахш, аз дили шеъри тозарахш,
Нур хурад, назар хурад, мо ғами ишқ мехурем!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Рафтагонро корвон бигзашт, мо ҳам меравем,
Даври пешазморавон бигзашт, мо ҳам меравем.

Маргро пиру ҷавон яксон бувад дар рӯи роҳ,
Эй басо пиру ҷавон бигзашт, мо ҳам меравем.

Зиндагонӣ бодпое буд зери пои мо,
Бодпои мо давон бигзашт, мо ҳам меравем!

Давлати зӯру тавон як рӯз қудрат доштаст,
Навбати зӯру тавон бигзашт, мо ҳам меравем.

Ҳар чӣ дидему надидем андарин кӯҳу дара,
Ҳамчу хайли оҳувон бигзашт, мо ҳам меравем.

Озарахшо, як замон ҳарфи равоне доштем,
Он равонро ҳам равон бигзашт, мо ҳам меравем…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шаби сияҳ сапед шуд, сипос, эй  сапедаҷон,
Ғами замон умед шуд, сипос, эй  сапедаҷон!

Нафас -нафас ба шаҳри ишқ, бидам насими баҳри ишқ,
Ки кӯча-кӯча ид шуд, сипос, эй сапедаҷон!

Ҷаҳон - ҷаҳон ғуборҳо, ғубори рӯзгорҳо,
Шикасту нопадид шуд, сипос, эй сапедаҷон!

Қадам бинеҳ ба дидаам, ки дидаву надидаам,
Ба мақдамат саид шуд, сипос, эй сапедаҷон!

Ба қуфли гӯши зиндагӣ, лаби хамӯши зиндагӣ
Калимаам калид шуд, сипос, эй сапедаҷон!

Зи ранҷи куҳна Озарахш шикаст сина бо дурахш
Дилам пури умед шуд, сипос, эй Сапедаҷон!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Манзури ман номи ту аст аз номи ҳар гул дар забон,
Номи гуландоми ту аст аз номи ҳар гул дар забон

Шевотар аз шеъру ғазал, ширинтар аз қанду асал,
Лабшаккаринчҷоми ту аст аз номи ҳар гул дар забон

Нури назар дар дидаҳо, бо дидаву санчҷидаҳо,
Чашмони бодоми ту аст аз номи ҳар гул дар забон

Нози чаманҳоро нигар, арзи таманноро нигар,
Коми ману коми ту аст, аз номи ҳар гул дар забон

Ҳарфи хушу оҳанги хуш дар мағз-мағзи Озарахш,
Зарби дилороми ту аст аз номи ҳар гул дар забон....

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй ишқ, ба манзили висолам бирасон,
Эй ёр, ба васли бемисолам бирасон.

Эй шеър, ки бунёди маро сохтаӣ,
Бар кохи баланди безаволам бирасон.

Ман дар ҳама фасл аз баҳорон гуфтам,
Эй бахт, ба он тозаниҳолам бирасон.

То даст диҳад домани рӯъёи нигор,
Эй даст, ба домани хаёлам бирасон.

Хокистари дил хаёли оташ дорад,
Эй мурғи самандар, пару болам бирасон.

Дар шаҳри Камол мекунам машқи ғазал,
Эй рӯҳи Камол, бар камолам бирасон!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ғазале зи гул сароям ба нишонаи баҳорон,
Ба ту рози дил бигӯям ба баҳонаи баҳорон.

Ту баҳоргуна ҳастиву баҳор ҳам тугуна,
Ту ягонаӣ ба олам чу дугонаи баҳорон!

Нафасам зи ҳар баҳоре бикашад таронаи тар,
Ту таронатар намоӣ зи таронаи баҳорон!

Чу парандагон зи сармо бигурезам аз зимистон,
Ба канори гарми меҳрат чу ба лонаи баҳорон.

Ту ба ҳаққи як шакарнам ғазали маро ба ёд ор,
Ки чу Озарахш хонам шакаронаи баҳорон!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Бехабарему меравад давраи беҳтаринамон,
Ёди асалбаринамон, суҳбати шаккаринамон.

Дар кафи мост ин замон зарра ба зарра, лек нест,
Марҳалаи заринамон, давраи гавҳаринамон.

Маърифати хаёлҳо қиссаи васл мекунад,
Оҳ, бигӯ, дар ин миён кист дигар қаринамон!?

Дур шудан чӣ ҳоҷате, ҷӯр шудан чӣ ҳолате?
Дар назариситораҳо лаззати ахтаринамон!

Боз нашуд ба дидаҳо  рози дили сапедаҳо,
Дунги мазор мешавад синаи мармаринамон.

Боз чӣ гӯям, Озарахш, ин саҳари муродбахш,
Лаҳзаи аввалинамон, ё дами охиринамон?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй ҷони аз тан хоста, то омадан, то омадан!
Меҳмони рафтанхоста, то омадан, то омадан!

Дар боғи поизии дил, зидди хазонрезии дил,
Эй гулфишон ороста, то омадан, то омадан!

Ақли диламро бурдаӣ, накди диламро хурдаӣ,
Худ меравӣ нокоста, то омадан,то омадан!

Эй рафтанат ояндагӣ, буду набудат зиндагӣ,
Эй пайки марги роста, то омадан, то омадан!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Меҳрубонӣ чист, ҷонам? Ҷони шайдо доштан,
Дар раҳи дидор аз тухми нафас гул коштан.

Ҷомаи шодӣ даридан дар қади зебои ёр,
Нозҳояшро ба болои назар бардоштан.

Давлати нур офаридан пеши чашми интизор,
Парчаме дар боми сар чун офтоб афроштан.

Сидқро ҷорӣ намудан мисли оби ҷӯйбор,
Дар вуҷуди боғи имкон шарбате бигзоштан.

Як замон аз соати дасти замон берун шудан,
Вақтро бо набзи ширинкори дил бингоштан.

Озарахш, ором будан чист, дар дунёи ишқ?
Дам ба дам бо куҳнаву навҳои худ пархоштан…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Баҳор омада, чашмони лолаҳо равшан!
Чароғи ишқ ба ҳомуну ёлаҳо равшан!

Дубора зинда шуданро далели дигар чист,
Ҳавои хотири ҳафтодсолаҳо равшан!

Навои булбули дилдода куҳна кай гардад?
Сафои мутрибу май дар пиёлаҳо равшан!

Чаман зи пираҳани нозанини наврӯзӣ,
Ба бар намуд, ғами куҳнаколаҳо равшан!

Дарид синаи абр, Озарахш, торат ку?
Суруди шод бихон, роҳи нолаҳо равшан!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй садои омаданҳоят муборакбоди ман,
Омаданҳоят муборак бод, бар милоди ман.

Ман туро сад сол дар хобу хаёлам кофтам,
Ёфтам, инак, вале кай мерасӣ бар доди ман?

Аз хамӯшии ману лабҳои хомӯшам матарс,
К-аз хамӯшиҳои ман сар мезанад фарёди ман

Ёд кун шеъре, ки бахшидам бароят, ёд кун,
То мабодо бигзарад бар бодҳо аз ёди ман

Гар намехонӣ марову ҳарфи ишқамро, бирав,
Расми ошиқношиносӣ нест дар бунёди ман.

Лек рӯзе дар сари санге махон аз Озарахш:
«Бевафо, шод омадӣ бар манзили ношоди ман»…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй марг, мазан ханда бар ашки зулоли ман,
Ин аст дар ин олам аз ҷоҳу ҷалоли ман!

Як хомаи хомандеш, як номаи номандеш,
Дигар чӣ паём орад аз молу маноли ман?

Ин дафтару ин мактаб, ин манзару ин мансаб,
Як гард намемонад аз қолу мақоли ман

Ҳайфи тарабу шодӣ бо ду ҳаваси бодӣ,
Як боди парешон аст аз ҳоли муҳоли ман...

Не-не, ба Худо савганд, дар нури наво пайванд,
Моил ба шикастан нест авҷи пару боли ман

Бо хотираи розе, як созу як овозе,
Дар вақт намеғунҷад синни ману соли манн.

Ин тозабаҳоронро, ёдовари ёронро,
Наққоши азал дода сармашқи камоли ман

Аз озару аз рахшам ҷоне ба ту  мебахшам,
Эй марг, бимон зинда то рӯзи заволи ман!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дод аз пайдои ман, сад дод аз пинҳони ман,
Ғуссае дорам ба ҷон, ман донаму ҷонони ман.

Дар китобе дарнамеғунҷад ҳадиси сӯзу соз,
Аз куҷо ояд илоҷи дарди бедармони ман?

Эй табиб, андешаам дар хотири роёна нест,
Ройгонӣ ҷустуҷӯ дорӣ ту аз исёни ман.

Сурати зарби диламро хатти каҷмаҷҷе махон,
Ин ҳамон « Аллоҳ- Аллоҳ» аст дар бунёни ман.

Инчунин таърихи беморӣ бароят ошност?
Нест накши рӯзу шаб тақвимбаргардони ман.

Бе такаллуф, бесадо, беҳарф, бевақту макон,
Метавонӣ гуфтугӯ кардан ту бо имони ман?

Озарахшат лоиқи не гиряву не хандаест,
Бигзар аз чашму дили хандони ман, гирёни ман..

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй нигоҳи нозанинат номаи илҳоми ман,
Достони дастҳоят сарнавишти номи ман.

Меҳрубон по мениҳӣ чун гул ба рӯи дидагон,
Сад гулистон мезанад рӯ аз дару аз боми ман.

Инчунин оҳанги зебо аз кадомин пардаест,
Менавозад дам ба дам ширу шакар дар коми ман.

Қиссаи рангини мо дар дафтари ушшоқ нест,
Набзи мавзунат равон дар ҷони ноороми ман.

Нозбарги доманат атри ҷавонӣ мезанад,
Дар баҳори орзуҳо, эй гули бодоми ман!

Бо ту то субҳи қиёмат маст мегардад нафас,
Нӯши дигар, ҷони ман, дар бодаву дар ҷоми ман!

Бе хуморат нест ширин шеърҳои Озарахш,
Аввалу анҷоми ман. эй аввалу анҷоми ман.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Фаришта чун қалам бизад ба номи ту, ба номи ман,
Навишта шуд ба номае паёми ту, паёми ман.

Калимаҳо ба ҳам шуданду қиссаҳо рақам шуданд,
Саломи ман, алайки ту, алайки ту, саломи ман...

Ба  шамс гулшани қамар , ба шаб дамодами саҳар,
Ба ҷовидона роҳ шуд зи субҳи ту ба шоми ман.

Ҳадиси чашму дастҳо, кушоди банду бастҳо,
Зи набз-набзи ҷону дил мароми ту, мароми ман.

Дигар ману ту мо шудему дар ману ту ҷо шудем,
Насиб як пиёла зад ба ҷоми ту, ба ҷоми ман.

Шаробҳо, шаробҳо, чӣ талхҳову нобҳо!
Чу ширу шаккар омада ба коми ту, ба коми ман!

Даме, ки ишқ пеша шуд, саодати ҳамеша шуд,
Суруди  Озарахшро давоми ту, давоми ман...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Нози кадом гулшанӣ, шаҳпараки сапеди ман,
Атри кадом савсанӣ, пайки ману навиди ман!

Замзамахона кардаӣ кӯчаи шаҳри ишқро,
Файзи кадом масканӣ, рози ману калиди ман!

Бо ту расидани маро ойина донаду нафас,
Лаззати ҷонтапиданӣ, лаҳзаи боздиди ман!

Ман зи хазони зиндагӣ ғусса намехурам даме,
Боғубаҳормахзанӣ, манзари гулпадиди ман!

Шаҳди ҳазормеваӣ, нӯши хуморшеваӣ,
Сози биҳишт мезанӣ бар лаби барги беди ман!

Шеъру суруди Озарахш аз ту навонавин шавад,
Қиссаи тозаи манӣ, дар дили боумеди ман!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шод омадӣ, баҳор, баҳори азизи ман,
Гулрезу зарнигор, нигори азизи ман

Дар макдамат замину замонро сурур кошт,
Дунёи беканор, канори азизи ман

Хуш бод гулбирешими борон ба кокулат,
Бо накҳати хумор, хумори азизи ман

Дар видиёи дидаам акси ҷамоли кист?
Гардон ба сад навор, навори азизи ман

Пеши сапедарези гулу сабзаи чаман,
Ҷон мешавад нисор, нисори азизи ман…

То Озарахш соғари наврӯз даркашад
Дар домани диёр, диёри азизи ман.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй шеваат шеъри равон, шод омадӣ бар ҷони ман!
Шевонаво, ширинравон, шод омадӣ бар ҷони ман!

Эй мақдамат фархундагӣ, фархундагии зиндагӣ,
Обу гилат зӯру тавон, шод омадӣ бар ҷони ман!

Эй навчамантар аз чаман, насрину сарву ёсуман,
Аз манзари гулшаннавон, шод омадӣ бар ҷони ман!

Эй ҷумла мастони ҷаҳон ҳар лаҳза пайдову ниҳон,
Чун соя гирдат дав - давон, шод омадӣ бар ҷони ман!

Эй номаи озодаҳо, дар дафтари дилдодаҳо
Номат саломи хусравон, шод омадӣ бар ҷони ман!

Эй номбахш, эй комбахш, илҳомбахши Озарахш,
Шодии ту бахти ҷавон, шод омадӣ бар ҷони ман!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Гард  будам,  гарди домони Ватан,
Об хурдам, оби борони Ватан

Нӯш кардам, ҳар чӣ нӯшам дода буд,
Неш чидам аз тану ҷони Ватан

Сангҳояшро бародар хондаам,
То шавам  аз  сангҷонони Ватан

Хорҳояшро ба миҷгон бурдаам,
Бо хасу хори куҳистони Ватан.

Чун Самарқанду Бухоро зиндаам,
Решапайванди Зарафшони Ватан,

Бо Душанбе  хондаам Варзоби ишқ,
Дар  хиёбони гулафшони Ватан,

То зи Хатлону Бадахшону зи Суғд,
Хурдаам нони  сари хони Ватан

Мурғу моҳиро ситоиш кардаам,
Дар ҳавои обшорони Ватан

Тоҷикистон,  «Шод бошу дер  зӣ!»
Гуфтам  аз  номи ниёгони Ватан,

Озарахшо, хок хоҳам шуд, агар,
Хонадам хоки ғазалхони  Ватан!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Омаданат чӣ давлат аст! Омаданат ба ҷони ман!
Субҳи сафои қисмат аст, омаданат ба ҷони ман!

Меваи шаккаринтарин, накҳати анбаринтарин,
Лаззати боғи ҷаннат аст, омаданат ба ҷони ман

Ҳусну латофато, биё, нозу назокато, биё,
Маърифати муҳаббат аст, омаданат ба ҷони ман!

Шеваи нӯшбарги гул, силсилаҷӯшбарги гул,
Тозатарин тароват аст омаданат ба ҷони ман!

Лаҳзаи меҳрубон шудан, ҳамдилу ҳамзабон шудан,
Соати тарки одат аст, омаданат ба ҷони ман

Авҷ бизан, биё, биё, мавҷ бизан, биё, биё,
Замзамаи қиёмат аст омаданат ба ҷони ман!

Маҳрами ҷони Озарахш, ҷони ҷаҳони Озарахш,
Омаданат иҷозат аст? Омаданат ба ҷони ман!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дилатро ғарқи гул бикшодаӣ, аммо... вале...лекин,
Каломе пушти лаб бинҳодаӣ, аммо...вале...лекин

Ба сад розу ба сад шева, ба сад нозу ба сад чилва,
Садое дар сукуте зодаӣ, аммо...вале...лекин

Мисоли як наво, як нур, як шодии нотакрор,
Латифу содаву озодаӣ, аммо...вале...лекин

Тамоми қиссаҳои ишқро ҷононаву зебо
Дар ин се ҳарф маъво додаӣ, аммо...вале...лекин

Саволат бе ягон "аммовалелекин" ба чашм омад,
Ҷавобе дар нигоҳ истодаӣ, аммо...вале...лекин

Ба майлу хоҳиши дил Озарахшатро ишорат кун,
Ки баҳри омадан омодаӣ, аммо...вале...лекин..

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Сардборони  само мегузарад, гиря макун,
Гиряи  обу ҳаво мегузарал, гиря макун.

Аз сари мардуми олам чӣ каму беш гузашт,
Боз ҳам аз сари мо мегузарад, гиря макун.

Ин сиёҳиву сафедии ҷаҳон рӯзушабист,
Рӯзу шаб пешу қафо мегузарад, гиря макун…

Зиндагӣ ҳар нафасе ҷоизаи нав дорад,
Низ гоҳе ба ҷазо мегузарад, гиря макун.

Қиссаи Хусраву Ширин сухани бофта нест,
Дар раҳи ишқ чиҳо мегузарал, гиря макун!

Озарахш, ашки қалам бо ғаму шоде ояд,
Нома аз дасти Худо мегузарад, гиря макун...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй охирин умед, ту ҳам  меравӣ, бирав,
Роҳи ту ҳам сафед, ту ҳам меравӣ, бирав!

Бо ин ҷаҳони куҳна навои нав аз ту буд,
Эй вопасин навид, ту ҳам меравӣ, бирав!

Бас навбаҳор ваъдаи гул доду бевафо,
Домони худ бичид, ту ҳам меравӣ, бирав!

Гуфтам биё, ки дидани дидор қиммат аст,
Чашми дилат надид, ту ҳам меравӣ, бирав!

Роҳи  нафас намонд  дар ин дудмони ғам,
Як лаҳзаи саид, ту ҳам меравӣ, бирав,

Эй корвони ашки пур аз шеъри Озарахш,
Вақти сафар расид, ту ҳам меравӣ, бирав…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Чароғи қофила хомӯш мешавад бе ту,
Тамоми шаҳр сияҳпӯш мешавад бе ту.

Таронаҳои маро  бод мебарад бо худ,
Суруди ишқ фаромӯш мешавад бе ту!

Маро зи хандаи нӯшини худ ҷудо манамо,
Чӣ гуна неши ҷаҳон нӯш мешавад бе ту?

Диле, ки гармии оғӯш сарпаноҳаш буд,
Ба хоки сард ҳамоғӯш мешавад бе ту.

Биё, Маниҷаи «Шаҳнома»-и муҳаббати ман,
Ки Озарахш Сиёвуш мешавад бе ту.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Калимаам ба номи ту, ба номи ту, ба номи ту!
Ба номи хушкаломи ту, каломи ту, каломи ту!

Сапеда то сапедаам, ба миҷҷаву ба дидаам
Падида аз саломи ту, саломи ту, саломи ту!

Ғазалтарин таронаҳо, таронашаккаронаҳо,
Саодати паёми ту, паёми ту, паёми ту!

Агар паранда мешудам, сафобаранда мешудам,
Ки омадам ба доми ту, ба доми ту, ба доми ту!

Шароби ошиқонаро, гулоби ҷовидонаро,
Чашидаам зи ҷоми ту, зи ҷоми ту, зи ҷоми ту!

Ту гуфтиям, ки қисса гу, ҳадиси шоду ғусса гу,
Муҳаббатам ба коми ту, ба коми ту, ба коми ту!

Суруди нӯшзоди ман, дуруди хайрбоди ман,
Қасидаи мақоми ту, мақоми ту, мақоми ту!

Ҳама, ҳама чакомаҳо зи Озарахшномаҳо,
Ба меҳри бардавоми ту, давоми ту, давоми ту!

Китобхона
Facebook.com/Китобхона

Як умр дар хаёли туву ҷустуҷӯи ту,
Оинае намонд, ки бинем рӯи ту

Меҳрат хуҷаста бод, ки дар фасли сарди умр,
Атри баҳор мерасад аз нозбӯи ту

Хондем дарси ишқу шунидем рози дил,
Дар хилвати хамӯши пур аз гуфтугӯи ту

Кукузании Ҳофизу Хайём дар хаёл,
Кукуи дигарем ба атрофи кӯи ту

Мастии мо наход туро дилгазон кунад?
Мо май нахурдаем ба ҷуз аз сабӯи ту!

Дар шаҳри ишқ аз ҳама бообрӯтарем,
То гаштаем ошиқи беобурӯи ту

Сад ҷон фидои он, ки бигӯянд, Озарахш,
Теғи нигоҳи ёр бувад дар гулӯи ту!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй нози гули насрин, насрини манӣ, ё ҳу!
Гулбарги гули парвин, парвини манӣ, ё ҳу!

На-на, на фақат насрин, на-на, на фақат парвин,
Эй аз ҳама гул гулчин, гулчини манӣ, ё ҳу!

Ойинаи рӯятро бинмой ба рӯи ман,
Ойинаи некойин, ойини манӣ. Ё ҳу!

Дил гуфтиву ҷон бурдӣ, ҷон гуфтиву дил бурдӣ,
Эй ҷону дили ҳамдин, ҳамдини манӣ, ё ҳу!

Чун косагули лола дар каф маи садсола,
Бар сабзаи хокам шин, ҳамшини манӣ, ё ҳу!

Гӯ, боди биҳиштогин бо кокули чилёсин,
Як бор кунад омин, омини манӣ, ё ҳу!

То боз садо ояд, аз шоири шайдоят,
Эй лаъли лабат ширин, ширини манӣ, ё ҳу!!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Назаре назокататро тани ёсуман гирифта,
Шакаре латофататро лаби настаран гирифта.

Чу ба ранг медиҳӣ рангу ба атр мезанӣ атр,
Зи сафои рангу бӯи ту чаман чаман гирифта.

Ту ба нозанинтарозӣ бахудо, ягона ҳастӣ,
Ки тирози нозанинон зи ту пираҳан гирифта.

Ту забони ҳар нигоҳиву нигоҳи ҳар забонӣ,
Ҳама дилбари сухангӯ зи ту як сухан гирифта.

Ба ситоишат чӣ гӯям, ки касе нагуфта бошад?
Ки нафас нафас садоят дили анҷуман гирифта.

Ту чӣ оташе фишондӣ ба замири Озарахшат,
Ки ҳама таронаашро зи замири ман гирифта…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ойина тар гашт аз оби дида,
Бар худ гиристам худро надида.

Ҳайфи ҷавонӣ, войи муҳаббат,
Боғе хазон шуд, як гул начида...

Эй чашмнодид, эй дастнорас,
Пайдогурезон, пинҳонпадида

Анбар чӣ дорад бе накҳати ту,
Эй атри номат аз гул дамида!

Нуре зи сӯят пайғом овард,
Ҳамчун саломе аз норасида.

Ёдат муборак, эй пайки шодӣ,
Дар шоми ҳиҷрон файзи сапеда!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шаб мекашад ба комам, падруд, эй сапеда!
Қисмат мабоду мирам дигар туро надида...

Гуфтам, ки меҳрубон шав, вақти замона хуш нест,
Номеҳрубон равон аст ин ашки хунчакида.

Дасте ҷудо шуд аз даст, оҳе раҳо шуд аз оҳ,
Ойина дилшикаста, дидор норасида.

Қонуни сарнавишт аст ин бехабар гузаштан,
Аз гулшани таманно  гулдастае начида.

Ҳайфи муҳаббати дил мурғи саодати дил,
Ноогаҳон парида монанди нури дида

Ҳайҳот, давлати ишқ  аз роҳи навбати ишқ
Як лаҳза шуд падидор, як лаҳза нопадида...

Фарёд. Озарахшо! Аз рӯзи бедурахшо!
Садбарги навдамида дар хок орамида....

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дар шаҳри бахт бе ном паскӯчае намонда,
Киштичае наронда бар ҷӯчае намонда.

Майхонаҳо хусусӣ, паймонаҳо урусӣ,
Дар ёди як пиёла хушрӯчае намонда.

Умеди луқмае ку аз себу шафтолу?
Нохурда андар ин боғ олучае намонда.

Водиву даштро бин, Риштону Аштро бин,
Дар бешаи палангон оҳучае намонда.

Ҷӯяндагон ба ҳар ку кукузанон гузаштанд,
Дар кӯи ошноӣ кукучае намонда.

Ман чун ғазал бихонам бе дасту лаб газидан?
Моҳи асал гузашта, оручае намонда…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Муҷда омад, ки кафи меҳру вафо боз шуда,
Маҳи нав омадаву иди нав оғоз шуда.

Хабар омад, ки даре боз шуд аз синаи кӯҳ,
Ба дили дашту дара роҳи дигар соз шуда.

Назари халқи ҷаҳон ҷониби Шаҳристон аст,
Ки ба иқболи ҷаҳонгир сарафроз шуда.

Тоҷикистон ватани роҳкушоён гардид,
Чину Мочин ба чунин роз ҳамовоз шуда.

Озарахш, ин нафаси тоза муборак бошад,
Ҳарфу оҳанги бирешим ба ту ҳамроз шуда.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дерест, ки  хомаам  фаромӯш  шуда,
Сарномаи  номаам  фаромӯш  шуда.

Кайҳост, ки  рангдони  чашмам  холист,
Оҳанги чакомаам  фаромӯш  шуда.

Дерест, ки  дафтарам  нахондаст  ғазал,
Коми  дили комаам  фаромӯш  шуда.

Кайҳост, ки  тифли  суханам урён  аст,
Андозаи  ҷомаам фаромӯш шуда.

Дерест, ки  қиссагӯ  надорад гӯшам,
Афсонаи  момаам фаромӯш  шуда.

Кайҳост, ки  Озарахш, оғозам  нест,
Зеро, ки  идомаам  фаромӯш  шуда….

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Каломи кист, ки дар боғҳо навишта шуда?
Зи шеъри сабзи сафедорҳо сиришта шуда?

Навои кист, ки ширину гарм мерезад,
Намаш бирешими борони ришта-ришта шуда?

Хаёли кист, ки дар нозбарги ёси сафед,
Саломи субҳ шуда, номаи фаришта шуда?!

Сафои кист, ки гулдонаҳои шабнамҳо,
Ба барг-барги чаман дона-дона кишта шуда??

Баҳори кист, ки дар хок осмон омехт,
Қабои сабзи фалак зеби кӯҳу пушта шуда?

Хумори кист, Худоё, ки Озарахш аз шавқ
Ба теғи як нигаҳаш зинда-зинда кушта шуда…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Аз сад замон замона як шеър, як тарона
Овардаам нишона як шеър, як тарона

Аз сад ҷаҳон ҷаҳонтар, фархундаву ҷавонтар,
Баҳри ту, эй ягона, як шеър, як тарона

Нури ҳазор тобиш, маҳтобу офтобиш,
Рӯзонаву шабона як шеър, як тарона

Ангуштару нигине пайвандофарине,
Паймони ошиқона як шеър, як тарона

Гул дона-дона-дона, дил дона-дона-дона,
Чун гул, чӣ дил, чӣ дона як шеър, як тарона…

Ширинтарин навозиш, шевотарин ниёзиш,
Аз шеъру аз тарона як шеър, як тарона

Як меҳрномабахшӣ, бо номи Озарахшӣ,
Бе узру бе баҳона, як шеър, як тарона.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Мурғи ҳаво бигиряд аз қисмати замона,
Булбул қасидагӯ шуд дар фикри обу дона…

Гунҷишкакон ба шодӣ саргарми оббозӣ,
Аз  кӯлмак гузашта, хонанд рӯдхона

Мисле, ки якдигарро аллома мешуморанл,
Навхомаҳои хомак бо қиссаву фасона

Ине зи номи оне бутнома метарошад.
Сад шоҳиди  лаганрӯ оварда дар миёна…

Марде сухан бигӯяд боре зи дафтари ҳақ,
Ҳангомааш бисозанд аз шеваи занона

Ин ҷо барои  як пул овоз мефурӯшанд,
Баҳри вакили мардум бе ҳарфу бе баҳона

Даври фалак надорад парвои модаву нар,
Ҳар содарӯ ғазалхон дар базми ошиқона

Ҳайфи сиёҳпӯшӣ дар гӯшаи хамӯшӣ,
Эй Озарахш, мурдам, бе шеъру бе тарона…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Омадам боз, чунон маст, чунон девона,
Масти ҷонбоз, чунон маст, чунон девона.

Дил чу мизроб дар ангушт, нафас тори наво,
Як бағал соз, чунон маст, чунон девона.

Зери айвони баланди назарат биншастам,
Маҳви парвоз, чунон маст, чунон девона.

Нози мичгони ту дар ними нигаҳ нӯшам дод,
Нӯш дар ноз чунон маст, чунон девона!

Чӣ сарафшони бари домани меҳрат будам,
Чӣ сарафроз, чунон маст, чунон девона!

Ҳама оҳанги ту гаштам, ҳама овоз шудам,
Ҳама овоз, чунон маст, чунон девона.

Озарахш, охири  ин қисса ту донӣ, ки чӣ шуд?
Гашт оғоз… чунон маст, чунон девона…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ин субҳ давлати кист? Эй ишқ, эй ҳамеша!
Ганҷи муҳаббати кист? Эй ишқ, эй ҳамеша!

Дидоргоҳи ёрон, зебову нурборон,
Равшан ба талъати кист? Эй ишқ, эй ҳамеша!

Гулхонаи хуморӣ аз атри дӯстдорӣ,
Боғи саодати кист? Эй ишқ, эй ҳамеша!

Ёде ба ёди ёде, бомеҳру бомуроде,
Масти латофати кист? Эй ишқ, эй ҳамеша!

Ойинаи ҷавонро, гавҳарпарасти ҷонро,
Симои сарвати кист? Эй ишқ, эй ҳамеша!

Дар кунҷи розҷӯён, хомӯшу розгӯён,
Айёми суҳбати кист? Эй ишқ, эй ҳамеша!

Рӯе ниҳону пайдо бар Озарахши шайдо,
Имрӯз навбати кист? Эё ишқ, эй ҳамеша!

Китобхона



Он қадар ҳолпарешонам, ки...
Синагирёнаму хандонам, ки...

Рӯ ба рӯи худу ойинаи вақт,
Чашми бикшодаи ҳайронам, ки...

Бехабар бо нафаси тардоман,
Ончунон дастугиребонам, ки...

Шукрпарвардаи сад кони шакар,
Лек як талхпушаймонам, ки...

Гавҳаре дар бағали дарёе,
Давлати як пули ларзонам, ки...

Ташнаам, ташнатар аз дашт, вале,
Хаста аз сели биёбонам, ки...

Ҳар қадар дард надорад дунё,
Он қадар толиби дармонам, ки...

Гарчӣ бишкаст дусад паймона,
Боз дар ҳасрати паймонам, ки...

Ончунон шефтаи шефта, лек,
Ошиқи муҳрбаимонам, ки...

Баъди маргам зи лаби меҳргиёҳ,
Қиссаи ишқи ту мехонам, ки...

Озарахш, аз ҳама роз огоҳам,
Боз ҳам ҳеҷ намедонам, ки...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Нигаҳмасте, ки дар чашмони мо овард шайдоӣ,
Наметарсад дигар аз қиссаи мастиву расвоӣ

Ҳадиси омадан аз пои ёдаш мешавад оғоз,
Сипас афсонаи ширини раҳпӯиву раҳпоӣ

Чу меҳраш тофт, сӯи хонаи ҷон медавад ҷонон,
Ба расми мо намепурсанд, меоӣ, намеоӣ…

Китоби ишқбозон достони хостан дорад,
Агар хонӣ, ҷаҳонеро ба бисмиллоҳ бикшоӣ

Дар ин шаҳр аз хаёле бар хаёле меравад ахбор,
Куҷо ҷои забону қиссаҳои ошкороӣ?!

Дило, танҳо ту медонӣ ниёзи  Озарахшатро,
Аз ин тарзи ғазалхониву ин оҳанги танҳоӣ…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Мутриб, таронае зан, аз боби ҳамсадоӣ,
Мурғи дили маро кушт ин нолаи ҷудоӣ!

Бозичаи сиёсӣ бар дасти носипосӣ,
Афтода халқи олам дар кӯчаи гадоӣ!

Як сӯ яроқсозӣ, Шому Ироқтозӣ,
Савдои  танпарастӣ, ғавғои ҷонфидоӣ...

Қаҳтии илму фарҳанг, авҷи фиребу найранг,
Нозу адои дунё беёд аз адоӣ...

Ҳарчанд мерасад панд аз сӯи ёри дилбанд,
Эй одамон, шиносед оҳанги ҳамнидоӣ:

Бухрони бенавоӣ мебигзарад ҳамон дам,
К-аз мо гузар бисозад бухрони бехудоӣ!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Рухсораҳо  зард, э вой, э вой,
Аз хоку  аз  гард,  э  вой,  э  вой…

Сарсону  раҳгум,  дар  мулки  мардум,
Қисмат раҳо кард,  э  вой,  э  вой…

Кай дошт  парво  аз  дарди дилҳо,
Гардуни  бедард, э вой, э  вой…

Як пораи нон бо қиммати ҷон,
Бояд  биёвард,  э вой, э  вой…

Фарзанду занҳо  биншаста  танҳо,
Дар  хонаи  сард, э  вой, э  вой…

Бо марди кораш  мардӣ  надорад,
Дунёи номард, э  вой,э  вой…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Овозаҳо дурӯғ, ки аз мо рамидаӣ,
Аз чашми бад ба хилвати дил орамидаӣ.

Эй он, ки рӯзу шаб ба таманнои нав ба нав,
Дар сарзамини гарми нафасҳо дамидаӣ.

Хомӯшии туро шаби хомӯши ман шинохт,
Мисли фариштае зи навоҳо хамидаӣ.

Боре ба шавқ дастагули хоҳиши маро,
Пинҳон зи чашму гӯши чаманҳо шамидаӣ.

Нӯши ту бод он ҳама пиндорҳои сабз,
К-аз мазраъи хаёл чу оҳу чамидаӣ.

Ҳаққи ҳалоли туст ғазалҳои Озарахш,
Дар мағз-мағзашон чу каломи ҳамидаӣ.

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шаби қадри ман ҳамин шаб, ки ту ёд менамоӣ.
Хами зулф мекушоиву ба бод менамоӣ...

На ғаме зи як ситора, на каме зи як назора,
Ки зи моҳи меҳрубонӣ рухи шод менамоӣ

Ба навои нурборон, ба ҳавои дӯстдорон
Баракоти ошиқиро ту зиёд менамоӣ

Зи назокатат бинозам, ки ба рамзи хатту холе,
Дили бесаводи моро ба савод менамоӣ

Чӣ барам мани мусофир ба ҷуз аз сипоси қисмат,
Ки ба ҳар куҷо равонам, раҳи зод менамоӣ...

Зарабони ҳар тапишро, ҷараёни ҳар равишро,
Ту фарох менавозӣ, ту кушод менамоӣ

Зи нишоти умр ин ҷо чӣ бигӯям, Озарахшо,
Ки хаёли мурданамро ту мурод менамоӣ...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дилам озурд аз ин шеваи хунполой,
Сарам афсурд зи андешаи ғампаймой

На яке соз бубахшад, на дигар сӯз диҳад,
Ҷигари сӯхтаамро нафаси расвой…

На ғами дидаи бинову на гӯши шунавост,
На диле, то битапад дар ҳаваси зебой.

Ҳама маҳтоби маро гуфт, ки бенур шудаст,
Ҳама хуршеди маро хонд чу ман савдой.

На раҳе ҳаст, ки бо халқи Худо пайвандам,
На каноре, ки нишинам ба ғами танҳой.

На маҷолест, ки фарёд занам, хезу биё!
На умедест, ки бар пурсиши ман меой…

Озарахшо, раҳи бигрехтан аз даҳр куҷост?!
Шаҳр танг аст ба фарёди мани рустой…!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Булбул ба гул танин зад: « Ман нестам, ту ҳастӣ!»
Гулбонги дилнишин зад, «Ман нестам, ту ҳастӣ!»

Масти баҳори тоза, маҳви хумори тоза,
Шӯриду нозанин зад: «Ман нестам, ту ҳастӣ!»

Пайваст тобу табро, бишкаст рӯзу шабро,
Шодонаву ғамин зад, « Ман нестам, ту ҳастӣ!»

Аз ному нома бигзашт, аз ҷому ҷома бигзашт,
Паймона бар замин зад: «Ман нестам, ту ҳастӣ!»

Бо ошиқон навое, бар орифон сафое,
Аз сад гумон яқин зад: « Ман нестам, ту ҳастӣ!»

Ангуштари фалакро, раҳбарзани малакро,
Бо исми гул нигин зад: « Ман нестам, ту ҳастӣ!»

Чун Озарахши шайдо пинҳон шуду ҳувайдо,
Ҳарфе зи ангубин зад: « Ман нестам, ту ҳастӣ!»

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Хаста будам, ки паси хотирае ханда задӣ,
Дами ғамгини маро шеваи фархунда задӣ

Гуфтам, эй лутфи Худо, омаданат омади кор,
Дар дили мурдаи ман замзамаи зинда задӣ!

Як навозиш нафасат тор ба торам печид,
Чӣ нафасзинда задиву чӣ навозанда задӣ!

Зарб зебо буду чапзарб аз он зеботар,
Ки ту зебандаву зебандаву зебанда задӣ!

Он чӣ омад, ба садопардаи бигзашта бихӯрд,
Он чӣ бигзашт, ба зеру бами оянда задӣ

Гуфтамат, сози дигар, рози дигар, нози дигар
Оҳ!!!... Оҳанг ба оҳанги рабоянда задӣ

Дигар аз хотири ман рафт замон, то гуфтӣ,
Озарахш, аз чӣ суханҳои пароканда задӣ?!...

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Шабе меҳмонсарои дидаро гулбанд мекардӣ,
Дили меҳмонпарастамро саодатманд мекардӣ.

Ба лутфе лаҳзаи дидорро ойина медодӣ,
Ба нозе хотири ойинаро хурсанд мекардӣ.

Нигоҳамро, Бухорои хаёламро Зарафшонмаст,
Самарқанди забонамро нисори қанд мекардӣ.

Ман аз шодӣ ба пешат боғи ҷонро ашк мебастам,
Ту аз роҳи карам саршори хандоханд мекардӣ.

Ман аз дилдодагӣ дар лаҳни ширини ту мемурдам,
Ту аз озодагӣ бо зиндагӣ пайванд мекардӣ.

Чӣ давлат буд дар ангезаҳои омаданҳоят,
Ҷаҳонро ҷодаи умеди некоянд мекардӣ.

Ба ними чашм мехондӣ ниёзи Озарахшатро,
Ба ин раҳ сузхои синаро садчанд мекардӣ..

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Сӣ пораи диламро бо сиву ду ҷамоъат
қисмат чӣ гуна созам?
Қисмат фақат ту дорӣ!
Як ними ними ҷонам, ҳаҷдаҳҳазориёнро
хидмат чӣ гуна созам?
Хидмат фақат ту дорӣ!
ҳафтоду ду таманно ҳафтоду ду ману мо
парвард дар канораш,
Бо сози рӯзгораш
Пову саре муаллақ дар пайкаре муаллақ
миллат чӣ гуна созам?
Миллат фақат ту дорӣ!
ҳар сарвате,ки додӣ, дар зиндагии бодӣ
пайдо шуду ниҳон шуд,
Бе ному бе нишон шуд,
Инак , мани парешон дар оламе парешон
давлат чӣ гуна созам,
Давлат фақат ту дорӣ!
Чашме забони дигар,қалбе макони дигар
дар дасти як замона
Як тору сад тарона,
Ин бому ин ҳаворо,ин арзу ин саморо
ваҳдат чӣ гуна созам,
Ваҳдат фақат ту дорӣ!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Зи умр ними нафас бар абас намегирӣ,
Агар насиб набошад, нафас намегирӣ…

Ҳадиси додугирифт аст ҷумла кори ҷаҳон,
Надода даст ту дасте зи кас намегирӣ!

Гузашти вақт шиносу навои нақд бизан,
Ки ҳар чӣ рафт, дигар бозпас намегирӣ

Чу ҳаст пои равонат, раҳи мурод бирав,
Агар зи пой наафтӣ, чигас намегирӣ

Нишони табъи баланд аст номи ҳарфи баланд,
Шикори боз ба боли магас намегирӣ

Хаёли дидани дидори ёр осон нест,
Ҳавои ишқ ба роҳи ҳавас намегирӣ

Маҷӯй меваи хоми тамаъ зи боғи замон,
Худот гар надиҳад, хору хас намегирӣ…

Шикаст қолаби дил, Озарахш, даъво чист?
Уқоби хостаро дар қафас намегирӣ…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Замоне дар раҳам гулдона мекорӣ…
Намекорӣ?!
Ба ҳасрат ашки бодардона меборӣ…
Намеборӣ?!

Якояк  лаҳзаҳои зиндагониро, ки сар бурдем,
Ба пеши дида чун афсона меорӣ…
Намеорӣ?!

Аз он шодӣ, ки дидему гузар кардем бепарво,
Ғаме дар гӯшаи дилхона медорӣ?
Намедорӣ?!

Даме бар санги он соҳил, ки ноогоҳ биншастем,
Мисоли рӯдҳо мастона мешорӣ…
Намешорӣ?!

Барои ёд кардан қиссаҳои Озарахшатро
Ту меёрӣ, надонам, ё намеёрӣ…
Намеёрӣ?!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Чӣ бимонад аз замона, ману ёру ишқбозӣ?
Магар он миёнхамида, ки кунад замонасозӣ?

Чӣ биёяд аз замона, хабари навои тоза?
Магар он бачаврасида, ки давад чу аспи тозӣ!?

Чӣ бирӯяд аз замона нафасе зи атри райҳон?
Магар он шикамдамида ба хаёли сарфарозӣ!?

Чӣ бичуям аз замона, сухане зи ҳақталошӣ?
Магар аз қаламкашида ба раҳи забондарозӣ?!

Чӣ сароям аз замона, ғазали баланду зебо?
Магар аз суханфурӯшон ба ҳавои ноз-нозӣ?

Чӣ бигӯям аз замона, бахудо наметавон гуфт,
Магарам чу Озарахше зи ҷахони бениёзӣ!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Омадӣ дар пардаи абрешимини форсӣ,
Дар нигоҳат шеваи нозофарини форсӣ.

Аз гули Гилон навое тозаву хушгил задӣ,
Дар қадамҳои таманноят танини форсӣ.

Як ғазал аз манзари чашмони шаффофат шукуфт,
Чун Сулаймони назар, дар каф нигини форсӣ.

Воҷаҳо дар рақс афтоданд аз сози хушат,
Бо сафои бостониву навини форсӣ.

Гуфтам, эй ширинзабон, оҳанги Широзат ба ҷон,
Мисли "Наврӯзи Аҷам" аз ангубини форсӣ.

Ман туро дар хобҳои кӯдакиям дидаам,
Содаву афсоназода, нозанини форсӣ.

Омаданҳоят муборак бод, эй савдои гул,
Рӯи чашми Озарахш аз ёсамини форсӣ!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Саволатро ҷавобам чист, медониву мепурсӣ…
Гуноҳам чӣ, савобам чист? Медониву мепурсӣ.

Саре ҷуё, диле пӯё, саропо равшану гӯё,
Сафои офтобам чист? Медониву мепурсӣ.

Лаболаб бо латофатҳо, таротар бо тароватҳо,
Лаби дарёву обам чист?! Медониву мепурсӣ…

Навозишҳои навҷода, сароишҳои сарвода,
Дар овои рубобам чист? Медониву мепурсӣ.

Навори рӯзу шабҳоят, таманнову тамошоят,
Ба бедориву хобам чист? Медониву мепурсӣ…

Саҳарнома, сафарнома, шакарнома, зафарнома…
Сарахбори китобам чист? Медониву мепурсӣ.

Сукути розбахшатро суруди Озарахшатро,
Миёни ҳарфи нобам чист?… Медониву мепурсӣ…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ало садбарги лабхандон, муҳаббат чист, медонӣ?
Шукуфон бош садчандон, муҳаббат чист, медонӣ?

Ҳадисе орзу кардам ба номат, ин савол омад,
Ҳадиси орзумандон, муҳаббат чист, медонӣ?

Дилам ангушти ҳайрат мегазад аз суҳбати беҳарф
Таманнои лабу дандон, муҳаббат чист, медонӣ?

Муҳаббат нест гуфтӣ, синаам шаҳри муҳаббат шуд,
Азизи шаҳри дилбандон, муҳаббат чист, медонӣ?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Азизо, дафтари розам пазироят набошад, не…
Дилангезу сарафрозам, пазироят набошад, не!

Ман ин дунёи рангинро чунон дидам, ки мегӯям,
Хаёли дидаи бозам пазироят набошад, не…

Гиёҳе дар гулистони муҳаббат нест ҳамқолаб,
Каломи хосапардозам пазироят набошад, не

Суруди меҳри ман волост, ё табъи ту волотар,
Агар гармии овозам пазироят набошад, не…

Ту бо он олами парвардаат шодону хуррам бош,
Бимон, ман  сӯзаму созам, пазироят набошад, не!

Ману ту дар баландии назар рӯзе ба ҳам оем,
Ҳамин дам боли парвозам пазироят набошад, не

Бубахшо якраҳиву якравии Озарахшатро,
Туро хушбахт месозам… пазироят набошад, не…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Замин сахт аст, ё ин зиндагонӣ,
Ҳаво сард аст, ё фасли ҷавонӣ?

Ҷаҳон танг аст, ё пироҳани ман,
Намеғунҷам дар ин дунёи фонӣ!

Намехоҳам, намехоҳам, ки бинам
Баҳорамро ба ранги заъфаронӣ.

Мани гулбозро барги гуле деҳ,
Дилам гум мезанад бар гулфишонӣ!

Бимон дар маҳфили ушшоқ хонам,
Ду-се байте ба лаҳни зарфишонӣ.

Сароям достоне аз ҷавонӣ,
Гурезам аз хазон то бехазонӣ!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ту гули шому саҳар, ё чамани ёси манӣ?
Ё гулафшони назар, манзари эҳсоси манӣ?

Ё таҷаллои сапеда зи навопардаи боғ,
Гули бодоми манӣ, ё гули гелоси манӣ?

Чу баҳор омаданатро ҳама кас медонад,
Ё шакарзамзамаи хотираи хоси манӣ?

Хуш ба он чашм, ки нур аз хату холат гирад,
Ё лабе к-аз нафасаш сураи ихлоси манӣ

Озарахш аз чӣ бичӯяд асари нози туро,
Ёсуман дар суманӣ, ё сумани ёсуманӣ?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Давои синаи садпора чист, медонӣ?
Илоҷи ин дили бечора чист, медонӣ?

Чу бод мегузариву ба ёд мемонӣ,
Сазои ин  сари овора чист, медонӣ?

Надидаӣ ту ба чашмат нигоҳи пазмонро,
Ниёзи чашм ба наззора чист, медонӣ?

Аз он баландии боло ба сӯи мо бинигар
Намози ҷӯй ба истора чист, медонӣ?

Ба Озарахш, ки хандиду рафт, таъна мазан,
Гузаштан аз сари сайёра чист, медонӣ?

Ба хоки ман бинишину ба сабза оят хон,
Нишони умри дигарбора чист, медонӣ?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Эй баҳори гулпарвар, то ту мерасам, ё не?
Нозанини симинбар, то ту мерасам, ё не?

Эӣ шукуфаи дидор аз нигоҳи нотакрор,
Бо саодати дигар то ту мерасам, ё не?

Чашмаам, пури хуршед, дидаам, пури умед,
Нозбарги нилуфар, то ту мерасам, ё не?

Ваъдаҳои деринро, қиссаҳои рангинро,
Боз кардаам бовар, то ту мерасам, ё не?

Эй хумори суҳбатҳо, мактаби муҳаббатҳо,
Бе китобу бедафтар то ту мерасам ё не?

Эй навои ширинёд, ошнои ширинёд,
Хуштарин навозишгар, то ту мерасам, ё не?

Охирин равонамро Озарахши ҷонамро,
Кардаам фидо яксар, то ту мерасам, ё не?

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Ин шаҳри бостонӣ ёд оварад замоне,
Аз қиссаи ману ту монанди достоне.

Аз кучаву хиёбон ҷорӣ шавад шитобон,
Мобайни сели мошин оҳанги дилситоне.

Ангези роз гуфтан дар як назар шукуфтан,
Аз чашми бад гурезон пайдову ноаёне.

Сайҳун дамад зи соҳил мавҷи тарона дар дил,
Ширинравон равонаш бо печи хушравоне.

Танг омада нафасҳо бо ин ҳама ҳавасҳо,
Дигар на остоне, дигар на ошёне!

Берун зи шаҳр растан, дар манзаре нишастан,
Ҳамсуҳбати замине, ҳамрози осмоне.

Пайғом, эй баландӣ, айвони дилписандӣ,
Парвози гулфишоне дар роҳи каҳкашоне.

Эй авҷ, авҷи эҳсос, эй мавҷ, мавҷи овоз,
Эй оҳ! Оҳи сина! Дар гӯши ҷовидоне!

Дастобадасту ҳамнабз, чашмобачашму сарсабз,
Ду рӯҳ, рӯҳи шодоб аз нӯши ҷонбаҷоне…

Он шоми ошиқонро, в-ин субҳи содиқонро,
Ёд оварад замоне шаҳре зи бостоне!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Қасам ба шаб, қасам ба шаб! Фақат туӣ, фақат туӣ!
Паёми субҳидам ба лаб фақат туӣ, фақат туӣ!

Ба ҷисми ман, ба ҷони ман, азизу меҳрубони ман,
Дами мусибату тараб фақат туӣ, фақат туӣ

Тапиданам тапидани дили ту дар дили ман аст,
Зи тобу таб ба тобу таб фақат туӣ, фақат туӣ!

Ба номи ту ба сад забон таронаҳо сурудаам,
Дили аҷам, лаби араб фақат туӣ, фақат туӣ!

Нафас-нафас, забон-забон, назар-назар, равон-равон,
Дар ин ниҳонгаҳи адаб фақат туӣ, фақат туӣ!

Фақат туӣ, ки будани маро намудаӣ ба ман,
Барои буданам сабаб фақат туӣ, фақат туӣ!

Нишон наҷӯям аз замон чу Озарахш аз ҷаҳон,
Маро нишонаву насаб фақат туӣ, фақат туӣ!

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Дуои роҳ гирифтам, фаришта, омин гӯй,
Ба ин мусофири ғурбатсиришта омин гӯй!

Мисоли нам-нами борон сиришки гарм бирез,
Мисоли модари ман ришта-ришта омин гӯй

Зи меҳрдонаи хуршед дона-дона бичин,
Чу панҷаи падарам кишта-кишта омин гӯй

Бигӯ, бигӯ, ки балоҳо зи роҳҳо биравнад,
Чу кӯҳ дар гузари бод шишта омин гӯй!

Дилам канори биҳиштии ёр меҷӯяд,
Ба ин умеди муҳаббатбиҳишта омин гӯй,

Ба Озарахш, ки оҳанги нав ба дил дорад,
Барои як ғазали нонавишта омин гӯй!

Китобхона



Охир ки гуфт, дар дилу дар дида ҷо шавӣ?!
Дигар баҳона нест ,аз ин ҷо раҳо шавӣ....

Нурӣ, ки дар нигоҳи муҳаббат нишастаӣ,
Эй ҷон, на тан туӣ, ки ҳам аз ҷон ҷудо шавӣ...

Рӯзи нахуст гуфтамат, зӣ шодмоназод,
Рӯзе мабод бо ғами ман ошно шавӣ,

Ин қисса ошиқони ҷаҳонро хароб кард,
Боре ҳавас масоз, бар ин моҷаро шавӣ!

Аз худ гурехтан натавон бо гурехтан,
Дар хонаи Худо ту чӣ сон бехудо шавӣ?!

Акнун, ки омадӣ, қадамат рӯи чашмҳо,
Тарзе бимон, ба набзи нафас по ба по шавӣ

Пайванди Озарахш қасам нест бишканӣ,
Гар меравӣ, равона чу шеъру наво шавӣ....

Китобхона

Facebook.com/Китобхона

Гоҳе барои ҳамназаре зор мешавӣ,
Пазмони як назокати гуфтор мешавӣ.

Дасту дилат зи кори ҷаҳон хаставу малул,
Танҳову бозмондаву бекор мешавӣ.

Аксат туро зи ойина писханд мезанад,
Дандоннамои соати девор мешавӣ.

Гоҳе ба сӯзи сина давое наёфта,
Бечораҳасрати дили бемор мешавӣ.

Аз ҳеҷ сӯ садои умедат намерасад,
Дар нокуҷои ҳеҷ гирифтор мешавӣ.

Беёд сар ба кӯчаву бозор мезанӣ,
Безортар зи кӯчаву бозор мешавӣ.

Гоҳе дар интизори як оҳанг, як салом,
Дар пеши чашми ақлу назар хор мешавӣ.

Монанди як таронаи садсолаи замон,
Дар радиои хотира такрор мешавӣ.

Чун Озарахш дар раҳи як шеъри тозарахш,
Ангезаи шарораи дидор мешавӣ…

Китобхона

Facebook.com/Китобхона